# ОИНАИ ҶАҲОННАМО

***(Афсонаҳои халқи тоҷик)***

Бозгӯянда:
*Равшан Раҳмонӣ*

Душанбе
«Адиб»
2016

ББК 82.3 (2 тоҷик)
О-38

Муҳаррир *Наср Бобои Сарфароз*

О-38 **Оинаи ҷаҳоннамо** *(Афсонаҳои халқи тоҷик. Бозгӯянда Равшан Раҳмонӣ).* – Душанбе: «Адиб», 2016. – 272 с.

Афсона ширинтарин ва рангинтарин ҳикоя барои хурдсолон ва наврасон аст, ки барои рушди тахайюли онҳо аз кӯдакӣ аҳамияти вижае дорад. Нашриёти «Адиб» тасмим гирифт, ки як маҷмӯаи нисбатан навро, аз афсонаҳои тоҷикӣ, ки имрӯзҳо низ дар байни мардум нақл мешаванд, пешкаши хонандагон кунад. Аз ин рӯ, нашриёт аз Равшан Раҳмонӣ хоҳиш кард, аз гирдовардаҳои худ, ки беш аз ҳазор матн (бо вариантҳояш) дар бойгонии ӯ мавҷуд аст, чанд намунаеро бозгӯӣ намояд.

ISBN 978-99947-2-453-6

© Нашриёти «Адиб», 2016

*Ба рӯҳи поки духтари*
*ғӯрамаргам Меҳрмоҳ*
*ва фарзандони дилбандам*
*Орзу, Мижгон, Маҳин ва*
*Меҳрдод мебахшам, ки*
*ошиқи афсона ҳастанд*

# АФСОНА ХОНЕД

Салом, хонандагони азиз!

Аз он замоне, ки мардуми олам, тахминан 40 ҳазор сол пеш, гап заданро ёд гирифтанд, то имрӯз устураҳо, афсонаҳо, ҳикоятҳо, ривоятҳо нақл мекунанд. Баъзе аз он афсонаҳои қадим то кунун борҳо мазмуну сохтори худро дигар карда, то замони мо расиданд ва бархе бо гузашти асрҳо аз байн рафтанд. Чунки дар он рӯзгорони хеле дури дур, яъне ҳазорсолаҳо пеш, хат вуҷуд надошт. Пас аз он ки хат ба вуҷуд омад, одамон андак-андак ба сабти афсонаҳо шурӯъ намуданд. Ҳамин тавр, афсонаҳоро ҳам ба таври гуфторӣ ва ҳам навишторӣ, то имрӯз мардум ҳикоя мекунанд ва ё мутолиа менамоянд.

Ин афсонаҳо ҳамеша сайёр ҳастанд. Чи хеле ки инсонҳо сафар мекунанд, афсонаҳо низ аз даҳон ба даҳон, аз насл ба насл, аз деҳ ба деҳ, аз ноҳия ба ноҳия, аз кишар ба кишвар ҳамроҳи одамон мераванд. Ҳангоми сафар афсонаҳо низ дигар мешаванд. Гӯяндагони моҳир ба онҳо чизе илова, ё чизе кам менамоянд ва ё лавҳаҳои қолиберо ба ҳам омехта афсонаи нав месозанд. Афсонаро

мегӯянду месозанду мепардозанд. Дар гузаштаҳо ин гӯяндагон бо номҳои афсонагӯ, афсонапардоз, қиссагӯ, қиссапардоз, ровӣ, нақкол ва ғайра дар байни мардум машҳур буданд. Онҳо ҳикоятҳои пешинро бо таровати хос ривоят мекарданд, ҳоло низ нақл менамоянд ва ба дигаргуниҳои замон мутобиқ месозанд.

Ман дар тӯли беш аз 40 сол аз байни мардум, бо вариантҳояш, беш аз ҳазор афсона гирд овардам. Аз баъзе матнҳо даҳ нусха ва шояд зиёдтар дар дасти ман ҳаст. Албатта, бархе аз ин афсонаҳо ҳамон матнҳоест, ки шумо аз калонсолон шунидаед. Вале боз ҳам хондану шунидани онҳо лаззатбахш аст.

То ба ҳол ман афсонаҳоро, он тавре ки мардум бо лаҳҷаи минтақаи худ мегуфтанд, чоп мекардам. То ки ҳамчун мавод аз он олимони лаҳҷашинос, фолклоршинос, мардумшинос, адабиётшинос, фарҳангшинос ҳангоми навиштани асарҳои илмӣ истифода баранд. Акнун тасмим гирифтам, ки онҳоро ба забони адабӣ бозгӯӣ намуда, пешкаши хонандагон гардонам, ки ин кори вақтгир ва заҳматталаб аст. Масалан, аз як афсона дар дасти ман даҳ нусха аст. Ҳар нусха андаке ва гоҳе бештар тафовут дорад. Яке хеле кӯтоҳ, дигаре хеле тӯлонӣ. Ҳатто баъзе гӯяндагон ба як афсонаи машҳур чанд лавҳаи ҷолиб илова сохтаанд, ё як лаҳзаи муҳимми онро фаромӯш кардаанд. Аз ин рӯ, ман як нусхаи нисбатан муносибро интихоб намуда, бо истифода аз вариантҳои дигар онро ба забони адабӣ баён намудам. То хонандагони афсонадӯст, ки дар ҳар

гӯшаву канори кишварамон ҳастанд, аз он баҳраманд шаванд.

Афсонаро адибони зиёд ба мисли Ҳаким Абулқосими Фирдавсӣ, Низомии Ганҷавӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Садриддини Айнӣ ва дигарон, аз адибони машҳури кишварҳои ҷаҳон Шарл Перрои франсуз, бародарон Гримми олмонӣ, Александр Пушкини рус, Ҳанс Андерсени даниягӣ ва монанди инҳо ба назму наср бозгӯӣ кардаанд.

Хонандагони гиромӣ!

Барои он ки ман афсонаҳои ин китобро ба салиқаи шумо наздик созам, гоҳе чанд нусхаи як матнро муттаҳид намудам, то ки шумо аз ҳамаи лавҳаҳои мавҷуди матн истифода баред. Масалан, афсонаи «Бузаки ҷингилапо» дар кишварҳои Шарқу Ғарб машҳур аст. Дар минтақаҳои Тоҷикистон низ номҳои гуногун дорад: «Бузаки ҷингилапо», «Бузаки чинӣ-бинӣ», «Ҳафт бузича», «Ҳафт бузғола», «Буз ва бузғолаҳо», «Гург ва бузичаҳо», «Ҳафт бузича ва гург», «Буз ва гург» ва ғайра. Дар ин китоб ман варианти «Ҳафт бузича»-ро интихоб намудам.

Яке аз матнҳое, ки дар байни мардум то ба имрӯз машҳур аст, ин афсонаи «Модарандар ва духтарандар» аст. Афсонаи мазкур дар байни мардум бо номҳои «Гови зард», «Гови кабуд», «Моиндар», «Модари ӯгай», «Духтари ӯгай», «Духтар ва модари ӯгай» ҳоло ҳам нақл карда мешавад. Вариантҳои ин афсона бо лаҳҷа дар маҷмӯаҳои «Афсонаҳои Самарқанд» (1965), «Афсонаҳои Ӯротеппа» (1992), «Баёзи эҷодиёти

гуфтории мардуми тоҷик» (2010) низ чоп шудааст, аммо то ба имрӯз ба забони адабӣ нашр нагардидааст. Дар дасти ман аз ин афсона 12 вариант ҳаст. Дар ин маҷмӯа яке аз нусхаҳо, ба забони адабӣ, бо номи «Сағирадухтар» бозгӯӣ шудааст. Агар бо диққат таваҷҷуҳ намоед, ин афсона ҳамон матни машҳури «Золушка»-ро, ки дар асоси он филм ҳам таҳия шудааст, ба ёд меорад. Вале афсонаи тоҷикӣ тамоман фарқ дорад.

Хонандагони азизу арҷманд!

Ман медонам, ки баъзе аз ин афсонаҳоро шумо аз бобо, бибӣ, падару модар ва ё хешовандонатон шунидаед. Шояд дар ёди шумо ба таври пурра, як лавҳаи хурди он, ё фақат номи қаҳрамонаш боқӣ мондааст. Ё шояд шумо як нусхаи ҷаззоби онро шунидаед, ки мо аз он бехабарем. Агар варианти афсонаи шунидаи шумо дигар бошад, метавонед онро бинависеду ба ягон рӯзнома ва ё маҷалла фиристед, то чоп шавад.

Яке аз вазифаҳои олимони афсонашинос ин аст, ки аз ҳар гӯшаву канори кишварамон он матнҳоеро, ки калонсолон ҳикоя мекунанд, сабт намоянд. Ана барои ҳамин олимони афсонашинос, онҳоро аз байни мардум гирд меоваранд ва дубора бозгӯӣ намуда, пешкаши хонандагон менамоянд. Ё матнҳои сабтшударо дар бойгонӣ нигоҳ медоранд, то олимон барои таҳқиқ аз он истифода баранд.

Дар охир барои шумо як чизро ёдовар мешавам. Ман ҳанӯз ҳам аз калонсолон ба воситаи диктафон, ё видео ҳар гуна матнҳои фолклориро сабт менамоям. Ҳангоми ба нашр омода намуда-

ни ин китоб кӯшиш кардам, ки матнҳои пеш чопнашударо интихоб намоям. Ҳамчунин андаке таровати гуфтори мардумро низ нигоҳ дорам. Аксари матнҳое, ки дар ин китоб оварда шудааст, дар маҷмӯаҳои пешини «Афсонаҳои халқи тоҷик» нест. Масалан, афсонаи паҳлавонии «Барзуи деҳқон ва Рустами Достон»-ро ман борҳо аз тариқи диктафон сабт кардам. Дар ин афсонаи паҳлавонӣ набарди Рустам бо набераааш Барзу тасвир шудааст. Агар дар яке аз достонҳои «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ Рустам писараш Сӯҳробро кушта бошад, дар ин ҷо бобову набера ҳамдигаро пайдо карда кишварҳои Эрон ва Тӯронро ба сулҳ даъват менамоянд.

Шояд пас аз хондани ин маҷмӯа дар дили шумо ҳам ҳавасе пайдо мешавад, ки афсонаҳои аз калонсолон шунидаи худро сабт менамоед. Агар ин тавр кунед, хеле хуб мешавад, он гоҳ мо метавонем, дар оянда дар асоси матнҳои ба нашриёт фиристодаи шумо, бо машварати худи шумо, китоби дигаре таҳия намоем. Дар чунин ҳолат заҳмати шумо низ дар китоб ҳатман қайд хоҳад шуд.

Ҳоло марҳамат, ба хондани китоб.

***Равшан Раҳмонӣ***

## ГУРБАИ ДУМБУРИДА

Буд, набуд, як бибӣ буд. Вай як гов дошт. Говаш гӯсола кард. Бибӣ ҳар рӯз пагоҳӣ ва бегоҳӣ говашро мечӯшид. Ширашро дар як лаган андохта ба ошхона мегузошт. Шир қаймоқ мебаст. Қаймоқро ба набераҳояш медод. Онҳо кайф карда мехӯрданду бозӣ мекарданд. Баъди бозӣ ба гови бибӣ алаф меоварданд.

Чун одат, як пагоҳӣ бибӣ аз хобаш хесту ба ошхона даромад. Ногоҳ дид, ки як гурбаи сиёҳи ало ширашро мехӯрад. Бибӣ гурбаи дуздро дида дар ғазаб шуд. Оҳиста ин тарафу он тараф нигоҳ кард, ки чизе ёфта гурбаро занад. Чашмаш ба табар афтод. Табарро гирифта чунон ба думи гурба зад, ки думаш канда шуд.

Бибӣ ба назди лаган омада дид, ки гурба ширро пок-покиза хӯрдаст. Гурбаи бедум ба сари девор баромада, илтиҷоомез ба бибӣ гуфт:

– Мияв-мияв-мияв, думамро бидеҳ.

Бибӣ бо асабоният ҷавоб дод:

– Гурбаи дузд! Аввал ширамро бидеҳ! Баъд升 думатро бигир!

Гурба, ночор, давида-давида назди гов рафту гуфт:

– Мияв-мияв-мияв, говҷон, ба ман шир деҳ, ман ширро ба бибӣ диҳам, бибӣ думамро диҳад.

Гов гуфт:

– Хуб шудаст. Ту ба ман алаф биёр, ман ба ту шир медиҳам.

Гурба дав-давон ба замини алаф рафт. Дид, ки алафаш пажмурда шудаст. Гурба ба замин гуфт:

– Замин-замин, илтимос ба ман алаф деҳ, ман алафро ба гов диҳам, гов ба ман шир диҳад, ширро ба бибӣ диҳам, бибӣ думамро диҳад.

Замин гуфт:

– Хуб, вале мебинӣ, ки алафҳои ман пажмурда шудаанд. Мироб об доданро фаромӯш кардаст. Аввал ба ман об деҳ, баъд ба ту алаф медиҳам.

Гурба давида-давида пеши мироб рафту гуфт:

– Салом, акаи мироб.

– Валейкум ассалом, гурбаи думбурида.

– Илтимос, ба замин об бидеҳ, замин ба ман алаф диҳад, алафро ба гов диҳам, гов ба ман шир диҳад, ширро ба бибӣ диҳам, бибӣ думамро диҳад.

Мироб гуфт:

– Гурбаҷон, майлаш. Лекин ман гурусна ба ман тухм биёр. Ман тухмро хӯрда қувват гирам. Баъд заминро об диҳам.

Гурбаи бечора зуд дав-давон ба назди мурғ омаду зорӣ кард:

– Мурғ, мурғ, илтимос, ба ман тухм деҳ. Тухмро ба мироб диҳам, мироб заминро об диҳад, замин ба ман алаф диҳад, алафро ба гов диҳам, гов ба ман шир диҳад, ширро ба бибӣ диҳам, бибӣ думамро диҳад.

Мурғ қут-қут-қут карду гуфт:

– Майлаш, лекин ман гурусна. Ту аввал дон биёр, ман донро хӯрам, баъд ба ту тухм диҳам.

Гурбаи сарсон хеле шуд саргардон, рафт ба пеши деҳқон, гуфт аз дарди ҷон:

– Салом, бобои деҳқон, соҳиби ғаллаю дон.

– Валейкум бар салом, гурбаи думбуридаи нимҷон.

– बобоҷон, илтимос, ба ман дон бидеҳ. Дона ба мурғ диҳам, мурғ ба ман тухм диҳад, тухмро ба мироб диҳам, мироб заминро об диҳад, замин ба ман алаф диҳад, алафро ба гов диҳам, гов ба ман шир диҳад, ширро ба бибӣ диҳам, бибӣ думамро диҳад.

Деҳқони заҳматкаши раҳмдил пушту сари гурбаро сила карду аз дил гузаронд: «Худо ба ман ин гурабаро расонд» ва гуфт:

– Ба назарам, гурусна ҳам ҳастӣ. Ту аввал ишкаматро сер кун. Ҳамин мушҳои амбори маро биқапу бихӯр, ман ба ту дон медиҳам.

Гурба шод шуд, аз ғам озод шуд. Рафту дар дами сӯрохи муш нишаст. Ҳар муше, ки мебаромад, меқапиду мехӯрд. Дигар муше намонд, ки ба анбори деҳқон дарояд. Деҳқони шодон, ба гурба дод дон.

Гурба донро гирифт, бо шаст давид, ба пеши мурғ расид. Мурғ донро хӯрду тухм дод. Гурба тухмро гирифта овард ба мироб. Тухмро мироб хӯрду заминро кард шодоб. Замин ба вай алаф дод, алафро ба назди гов овард. Гов алафро хӯрду ба вай шир дод. Гурба ширро ба бибӣ дод. Бибӣ ҳам хушҳол шуду гуфт ба фарёд:

– Ма, бигир думатро! Ин дафъа duздӣ кунӣ, мекушам худатро!

Гурба хушҳол шуду думашро гирифта, ба назди устои кафшдӯз омад.

– Салом, амаки кафшдӯз.

– Валейкум, гурбаи думбурида, чӣ хизмат?

– Илтимос, думамро бидӯз.

– Майлаш, лекин барои думи ту сӯзани мувофиқ надорам. Ба назди оҳангар раву як сӯзан созонда биё.

Гурба рафт назди оҳангар.

– Салом, амаки оҳангар.

– Валейкум бар салом, гурбаи думбурида.

– Амаки оҳангар, ба ман як сӯзани махсус сохта бидеҳ, ба кафшдӯз барам, вай думамро дӯзад.

– Майлаш, вале дар кӯраи оҳангарӣ ангишт надорам. Агар назди кӯҳкан рафта, ангишт биёрӣ ту, он гоҳ сӯзан сохта, онро гузорам дар ихтиёри ту.

Гурба давида назди кӯҳкан рафту гуфт:

– Акаи кӯҳкан, ба ман ангишт бидеҳ, ангиштро ба оҳангар диҳам, оҳангар ба ман сӯзан созад, сӯзанро ба кафшдӯз диҳам, кафшдӯз думамро дӯзад.

Кӯҳкан гуфт:

– Қувват надорам, рав назди қассоб, бароям гӯшт биёр, ки пазаму хӯраму ангишт канам.

Гурба назди қассоб мераваду мегӯяд:

– Акаи қассоб, бароям гӯшт бидеҳ, ки ба кӯҳкан барам, кӯҳкан ба ман ангишт диҳад, ангиштро ба оҳангар барам, оҳангар ба ман сӯзан диҳад, сӯзанро ба кафшдӯз барам, кафшдӯз думамро дӯзад.

Қассоб гуфт:

– Гурбаяки думбурида, нон надорам, ки хӯраму қувват гираму гӯшт пора кунам. Рав назди нон-

вою бароям нон биёр.

Муш рафт назди нонвой ва гуфт:

– Нонвой бобо, ба ман нон бидеҳ, нонро ба қассоб диҳам, қассоб ба ман гӯшт диҳад, гӯштро ба кӯҳкан диҳам, кӯҳкан ба ман ангишт диҳад, ангиштро ба оҳангар диҳам, оҳангар ба ман сӯзан диҳад, сӯзанро ба кафшдӯз диҳам, кафшдӯз думамро дӯзад.

Нонвой гуфт:

– Эй гурбаяки алояку балояки думбурида. Худо туро ба ман аз куҷо расонд, ки омадӣ давида. Зуд биё ба анбори мани рангпарида. Мушҳо ғаллаи маро тамом карданд аз ҳар тараф ҷаҳида. Онҳоро бихӯру нобуд кун, ки ман бароят нон диҳам пазида.

Гурба ба анбори нонвой даромада, поида, хамида, ҷаҳида, парида ҳамаи мушҳоро нобуд кард. Нонвой ба муш нон дод. Муш нонро ба қассоб дод, қассоб ба вай гӯшт дод, гӯштро ба кӯҳкан дод, кӯҳкан ба вай ангишт дод, ангиштро ба оҳангар дод, оҳангар ба вай сӯзан дод, сӯзанро ба кафшдӯз дод, кафшдӯз думи гурбаро дӯхт.

Гурба хушҳол шуд. Пас аз ин савганд хӯрд, ки дигар дуздӣ намекунаду бо меҳнати ҳалол ризқу рӯзиашро ёфта, зиндагӣ мекунад.

# МУШИ ЗИРАК

Буд, набуд, дар замонҳои қадим дар як бешазори азим шикорчие буд, ки ҳайвонҳои гуногунро сайд мекард. Дар ҳамон ҷо дар таги дарахте мушаке низ мезист, ки вай бисёр зираку ҳушёр, донову эҳтиёткор буд. Онсӯтар дар байни буттаҳо як гурбаи ваҳшӣ ҳам буд, ки вай мушҳоро шикор карда нӯши ҷон мекард, вале ин муши зиракро гирифта наметавонист.

Ин макон барои шикорчӣ хеле муносиб буд. Рӯзе шикорчӣ омада ба таги ҳамон дарахт ба доми худ пораи гӯшт баст ва домро он ҷо гузошту рафт, то сайде ба домаш афтад. Аз қазо, ҳамон гурбаи ваҳшӣ бӯи гӯштро фаҳмида ба доми шикорчӣ афтод. Ҳамон лаҳза муши зирак низ аз сӯрохи худ берун баромада, ба пеш давид, ки чизе барои хӯрдан пайдо кунад.

Вале ногоҳ гурбаро дид ва аз ҳайбати вай тарсиду ларзид. Бо тарсу ҳарос ба гурба нигоҳ кард, ки як пои паси гурба ба дом афтодаст. Худоро шукр гуфт. Хост ба қафо, ба сӯрохи худ баргардад, ногоҳ дид, ки ҳайвони дигар чашм ба ӯ дӯхтаст. Муши зирак ба болову поён нигоҳ карда, роҳи наҷотро ҷусту ба болои дарахт нигарист. Дар болои дарахт низ зоғеро дид, ки вай ҳам интизори шикор аст.

Муш ҳайрон монд, ки чӣ кор кунад. На ин тараф ва на он тараф, ба ҳеҷ куҷо рафта наметавонад. Агар аз роҳи гурбаи ба дом афтода гузарад, вай бо чангаш гирифта мехӯрад. Агар ба қафо гардад, ба панҷаи ҳайвони мушхӯр меафтад. Агар дар ҷояш истад туъмаи зоғ мешавад. Муши зирак ба фикр рафту аз миёни ин балоҳо халос шуданро ҷуста, худ ба худ гуфт: «Ягона наҷоти ман - ин кор гирифтан аз хирад аст. Фақат ба воситаи хирад метавон роҳеро пайдо кард». Каллаи муш кор карду дар дил гуфт, ки: «дар ин ҳолат ба ғайр аз зуд ба назди гурба рафтан чораи дигар нест. Вақте ки ман ба назди гурба равам дигарон аз тарси ҳайбати ӯ ба ман ҳуҷум намекунанд». Муши зирак фикркунон назди гурба рафту боз ҳам худ ба худ гуфт: «ҳоло гурба ба дом афтодааст. Мӯҳтоҷ аст. Агар вай гапи маро гӯш кунаду ба ман ваъда диҳад, ки пас аз наҷот ёфтанаш аз дом ба ман коре надорад, он гоҳ ҳар ду аз паи кори худ меравем». Муш ба назди гурба расиду пурсид:

– Эй гурба, ба ту чӣ шуд?

Гурбаи ғамгин ҷавоб дод:

– Мебинӣ, ки поям банд аст, намедонам, ин аҳвол то вақте чанд аст.

Муши зирак гуфт:

– Ту далер будию ҳушёр, чаро шудӣ ба ин бало гирифтор?

Гурба оҳиста, бо нигоҳи мададҷӯёна ба муш нигоҳ карду гуфт:

– Поям чунон омада ба дард, ки аз зиндагӣ дилам шуда сард.

Муш ҳоло фаҳмид, ки гурба муҳтоҷи ӯст. Барояш гуфт:

– Эй гурба, ман бароят рост мегӯям, ки ту душмани ман ҳастӣ. Ман бояд аз ғами ту шод бошам. Ҳамин ки туро медидам, мегурехтам ва аз худо мехостам, ки ту ба балое гирифтор шавӣ. Вале имрӯз ман, аз ростӣ, шарики ғами ту ҳастам. Ман метавонам торҳои банди пои туро бо дандонҳоям хойида озод кунам. Бубин, ман аз чанд тараф ба бало гирифтор ҳастам. Ҳам як ҳайвони мушхӯр ва ҳам зоғе дар шикори ман ҳастанд. Ҳоло ман, ки ба ту наздик шуда, ин суханҳоро мегӯям, онҳо низ аз ман дур мешаванд. Фақат ту ҷавонмардона ба ман ваъда деҳ, ки пас аз кушодани банди поят ту ба ман зарар намерасонӣ.

Гурба ҳам аз шунидани ин суханон ба фикр рафт. Аз як тараф, дилаш мехост, ки мушро нӯши ҷон кунад, аз тарфи дигар, пояш дар банду ҷонаш дар хатар аст. Маккорона гуфт:

– Ман фикр мекунаму дар ҳайрат мемонам, ки байни мушу гурба ҳеҷ замоне ошноӣ набуд. Метарсам, ки ту ба ман бовар накунӣ.

Муш аз ин гуфтори гурба ризояти ӯро ҳис карда, шод шуду гуфт:

– Не-не, гурбаҷон, ман рост мегӯям, як фикр кун, ҷони ман ҳам дар хатар асту ҷони ту ҳам. Ҳар ду ҳам мехоҳем зиндагӣ кунем. Пас, чаро аз хирад баҳра набарем. Ҷангу куштору ба якдигар бовар накардан чӣ лозим аст? Зудтар бош, ки он ду тан ба ман ҳамла накунанд.

Гурба гуфтаҳои муши зиракро шунида бовар карда, ин сулҳро барои наҷоти ҷони ширинаш

муносиб донисту гуфт:

– Эй муш, ман розиям, бигӯ, ман бароят чӣ кор кунам?

Муш аз ин сулҳ шод шуду гуфт:

– Бингар ба он ду душман, ки ба ман менигаранд. Онҳо ҳамин замон маро хӯрданианд. Аз ту хоҳиш ҳамин, ки баробари ба ту наздиктар шуданам ту аз ҷоят нимхез шаву ба ман таъзим кун. Онҳо ин эҳтироми туро мебинанду аз ин ҷо мераванд. Ман аз дасти онҳо наҷот меёбам ва бо оромии том пои туро аз банд озод мекунам.

Гурба розӣ шуд. Муш ба гурба хеле наздик шуд. Гурба ҳам ба ӯ таъзим карду аз аҳволи ӯ пурсон гашт. Он ду ҷонвар, ки дар шикори муш буданд, пас аз дидани ин ҳолат умед аз шикори худ кандаду аз он ҷо рафтанд. Муш бодиққат ба он ду душманаш нигоҳ кард, ки рафтанд. Омад ба назди пои бастаи гурба ва оҳиста-оҳиста бо дандони тезаш ба хоидани ресмони дом шуруъ кард. Зимнан фикр мекард: «Аз ду душмани қаттол як бало карда халос шудам. Аз инаш чӣ тавр наҷот ёбам? Ман пои ӯро пурра аз банди дом кушоям, ногоҳ вай ба ман ҳамла кунад, пас чӣ кор бояд кунам?» Гурба ҳам ҳис кард, ки кори кушодани пои ӯ оҳиста пеш меравад. Вай низ худ ба худ гуфт: «Муш пои маро накушода гурезад, пас аҳволи ман чӣ мешавад?» Гурба ба муш рӯ оварда гуфт:

– Эй муш, ман гуфти туро кардам. Вале ту ба аҳдат вафо намекунӣ. Чаро ба оҳистагӣ банди пои маро мекушоӣ?

Муши зирак зуд гурбаро тасалло дод:

– Эй гурба, бале, ман ба аҳдам вафодор ҳастам.

Дар дунё беҳтарин чиз вафодорӣ аст. Агар касе аҳд кунаду вафо накунад, дар ду дунё хору зор аст. Модоме ки ман ба ту аҳд кардам, ба аҳдам вафо мекунам.

Гурба аз ин гапи муш шод шуду гуфт:

– Рост мегӯӣ. Дар дунё вафодорон зиёд буданд. Тавре ки ту ишорат кардӣ, ҳар кас аҳд карда вафо кунад, то ки аз вай ба некӣ ёд кунад. Ту дидӣ, ки ман гуфтаи туро иҷро кардам. Магар ин вафодорӣ нест. Вале ту чаро ин гапҳоро гуфта суст кор мекунӣ?

Муши зирак гуфт:

– Рост мегӯӣ. Дар гузашта бузургоне, ки аҳду паймон бастанд, ба он содиқ монданд. Дар вафодории худ устувор буданд. Вале ман, ки хеле нозуку ҳассос ҳастам, ҳанӯз ҳам дар дил хатареро эҳсос мекунам. То ин хатар бардошта нашавад, ман бо ҳарос гиреҳи пои туро зуд кушода наметавонам.

Гурба гуфт:

– Эй мушак, ту ҳанӯз ҳам ба ман гумони бад дорӣ. Ту фикр кун. Дар дунё қонуни дӯстӣ гуфтагӣ гапҳо ҳаст. Ҳар кас онро шиканад рӯяш сиёҳ мемонад. Охир ману ту аҳд бастем-ку! Ту он душмании пешинро, ки дар байни гурбаҳо ва мушон буд фаромӯш кун. Оқибати бевафоӣ хуб нест, ҳама як умр ба он лаънат мехонанд. Гуфтаи туро ман анҷом додам, ҳоло ту гуфтаи худро анҷом деҳу ба ваъдаи худ вафо кун.

Муши зирак бо ин гапҳо донистан мехост, ки баробари аз банд раҳо шудан ногоҳ гурба ба ӯ ҳамла мекунад, ё не. Ба ҳар ҳол, бо тарсу ҳарос

гуфт:

– Не-не, ту бад фикр накун. Ман ба аҳдам вафо мекунам. Туро ҳатман аз банд озод менамоям.

Гурба барои бартараф кардани андешаи муш ишорат кард:

– Ту ҳар чӣ фикр мекунӣ, ошкор гӯй, то ман онро бартараф кунам.

Муш гуфт:

– Ман шунидаам, ки дӯстон ду навъ мешаванд. Якум ин ки бе ҳеҷ ғаразу тамаъ дӯстӣ мекунанд. Дуюм ин ки ҳатман барои кадом ғаразе ё тамаъе дӯстӣ мекунанду пас аз ситонидани фоидаи худ дӯстиро тарк менамоянд. Дӯстони бетамаъ ҳамеша сазовори боварӣ ҳастанд, вале дӯстони ботамаъ худро ба сад ранг медароранд. Барои ҳамин ман эҳтиёт мешавам. Мувофиқи ваъда туро аз дом раҳо мекунам, вале ба ҳар ҳол эҳтиёт ҳам мешавам.

Ин гуфтаҳои муш ба гурба хеле писанд омаду гуфт:

– Офарин, эй муш. Дар ҳақиқат, ту хирадмандӣ. Ман ба ин таҷрибаи ту қоилам. Росташро гӯй, ман чӣ кор кунам?

Муш гуфт:

– Гӯш кун, ман тамоми банди пои туро мекушоям. Вале як тори он ресмонро боқӣ мегузорам. То охир ман дидам, ки ту ба ман зарар намерасонӣ, он торро низ мекушоям.

Гурба зиракии мушро дида ба гуфтаи ӯ розӣ шуд. Ногоҳ дид, ки шикорчӣ меояд. Муш ба аҳдаш вафо карда, охирин тори ресмони домро бурид. Гурба аз тарс мушро фаромӯш карда,

чаҳида ба болои дарахт баромад. Муши зирак ҳам аз гурба халос хӯрда, ба сӯрохи худ даромад. Шикорчӣ ҳам омада дид, ки торҳои ресмони домаш бурида аст. Инро дида ангушти ҳайрат газиду домашро гирифта, ноумед рафт.

Аз байн чанд вақт гузашту муш оҳиста аз сӯрохаш сар берун баровард. Гурбаро дида тарсид. Вале гурба пурсид:

– Эй муш, ба ту чӣ шуд? Чаро аз ман мегурезӣ? Мо дӯсти вафодор шудем. Ман намедонам некиҳои туро чӣ хел адо кунам.

Муши зирак аз дари сӯрохи худ берун набаромада гуфт:

– Ман дигар бо касе суҳбат кардан намехоҳам.

Гурба гуфт:

– Дӯстиро ҳурмат кун. Касе, ки дӯсти зиёд дорад, мушкилаш зуд осон мешавад. Касе, ки дӯсти кам дорад, кораш бебарор аст. Охир, ту маро аз марг наҷот додӣ. Ман аз ту як умр миннатдорам. Ман барои ту эҳсони зиёд бояд кунам.

Ҳарчанд гурба суханҳои зебои зиёд гуфт, вале муш ба гуфтаҳои ӯ гӯш накард. Гурба савгандҳо кард, ки дӯстии мо абадӣ мемонад. Аммо муш напазируфту гуфт:

– Гӯш кун, гурба. Медонӣ, ки гурбаҳо аз рӯзи пайдоиши ҳаёт душмани мушҳо ҳастанд. Худат бо хирад таҳлил кун, агар ҳар замоне ки ин дӯстӣ муваққатӣ бошад, он пойдор нест. Дар натиҷаи рӯ ба рӯ омаданҳо аз байн меравад. Ҳатто дӯстию душманиро ба зоҳир бунёд созанд, он ҳам устувор нест. Барои ҳамин, беҳтар он аст, ки ҳар кас бо ҳамҷинси худ дӯстӣ кунад.

Шикорчӣ, ки каме дуртар аз паси санге ин гапҳоро мешунид аз он панд гирифту дар дилаш гуфт, ки рост мегӯяд.

Ана, бачаҳои азиз, чи тавре ки муши зираку хирадманд бо донишу таҷриба худро аз бало наҷот дода ба муроду мақсадаш расид, шумо ҳам аз он ибрат гирифта, ба муроди дилатон расед.

# ҲАФТ БУЗИЧА

*Буд, набуд, будгор буд,*
*Замин набуд, шудгор буд.*
*Ҳафт бузичи бекор буд,*
*Очакашон дӯстдор буд.*

Буд, набуд, дар замонҳои хеле қадим бузаке буд. Пойҳои бузак алою ҷингилак буданд, бачаҳояш балою гулгулак буданд. Бузакро бузаки ҷингилапо мегуфтанд. Ин бузак ҳафт бачаяк дошт. Номи онҳо Алӯлаку Булӯлак, Хиштаки Сари Танӯрак, Тоқчапараку Мехчапарак, Болошинаку Таҳшинак буд. Ҳамашон хушрӯяку дӯстрӯяку алояку балояку гапдарояк буданд.

Бузак онҳор дӯст медошт. Пеш аз он ки бузак ба саҳро равад ба бачаҳои ширинакаш таъкид мекард, ки «эҳтиёт шавед, дарро ба ҳар кас накушоед».

Ана ҳамин тавр, баъд ҳар пагоҳ ба дашту саҳро рафта, ба шохаш алаф, ба даҳонаш об, ба пистонаш шир оварда, дари хонаашро тақ-тақ зада мегуфт:

– Алӯлакам, Булӯлакам, Хиштаки Сари Танӯракам, Тоқчапаракам, Мехчапаракам, Болошинакам, Таҳшинакам, дарро кушоед! Ман барои шумо дар шохакам алаф, дар даҳонакам

об, дар пистонакам шир овардам, дарро кушоед.

Таҳшинак, ки ҳамеша дар дами дар менишаст, дарро мекушод. Бузакро дида аз хушҳолӣ Алӯлаку Булӯлак медавид, Хиштаки Сари Танӯрак мечаҳид, Тоқчапарак мепарид, Болошинак мерақсиду бузичаҳо гирди очаашонро гирифта, ширу обу алаф мехӯрданд.

Дар яке аз рӯзҳо, як бегоҳӣ аз дари хонаи бузак як рӯбоҳ, як шағол ва як гург мегузаштанд. Онҳо ногоҳ бузро диданд, ки аз саҳро баргашта, дар паси дар истода бо забони ширин ба бачаҳояш мегуфт:

– Алӯлакам, Булӯлакам, Хиштаки Сари Танӯракам, Тоқчапаракам, Мехчапаракам, Болошинакам, Таҳшинакам, дарро кушоетон! Дар шохакам алаф, дар даҳонакам об, дар пистонакам шир овардам, дарро кушоед.

Бузичаҳо дарро кушоданд. Бузак ба хонааш даромад. Инро рӯбоҳу шағолу гург диданд. Ҳар кадоме ба таври худ фикр карданд, ки фардо буз ба чарогоҳ меравад, ба хонаи буз рафта бузичаҳоро фиреб карда, оварда мехӯрем.

Рӯзи дигар саҳарии барвақт ҳар се бо се роҳ ба хонаи бузак омада, поида истоданд. Диданд, ки бузак баромада ба саҳро меравад.

Рӯбоҳи чаққону маккору ҳушёр зуд ба ин тарафу он тараф нигоҳ карда, давида ба паси дар омада, дарро тақ-тақ-тақ мекунад. Бузичаҳо ҷаҳида парида ба паси дар омаданд. Рӯбоҳ ба овози бузак тақлид карда гуфт:

– Алӯлакам, Булӯлакам, Хиштаки Сари Танӯракам, Тоқчапаракам, Мехчапаракам, Бо-

лошинакам, Таҳшинакам, дарро кушоед! Дар шохакам алаф, дар даҳонакам об, дар пистонакам шир овардам, дарро кушоед.

Одатан дарро Таҳшинак мекушод. Вай бо диққат ба овоз гӯш дод, ки овози очаш не. Якбора гуфт:

– Овози ту дигар, ту фиребгар. Очаи мо ҳозир рафт, вай бегоҳӣ меояд. Рав, беҳуда овора нашав! Не, дарро намекушоем.

Рӯбоҳ аз ҷавоби Таҳшинак ноумед шуду рафт. Шағолу гург аз дур, пинҳонӣ ин аҳволро диданд, ки кори рӯбоҳ барор нагирифт. Фардо шағолу гург аз ду роҳ ба хонаи бузак мераванд.

Шағол аз гург пештар дари бузро тақ-тақ зад. Бузғолаҳо овози шағолро шунида, фаҳмиданд, ки ин овози очашон нест, дарро накушоданд. Шағол ҳам ноумед баргашт. Гург инро диду худ ба худ гуфт: «ҳоло навбати ман». Қариби бегоҳ буд, ҳоло буз аз саҳро наомада гург ба хонаи бузак рафта, дарро кӯфту овозашро мисли овози буз карда, гуфт:

– Алӯлакам, Булӯлакам, Хиштаки Сари Танӯракам, Тоқчапаракам, Мехчапаракам, Болошинакам, Таҳшинакам, дарро кушоетон! Дар шохакам алаф, дар даҳонакам об, дар пистонакам шир овардам, дарро кушоед.

– Ту очаи мо нестӣ, – гуфт Таҳшинак, – овози ту дигар. Рав, беҳуда овора нашав, дарро намекушоем!

– Мааа, Мааа, Мааа! Ба шумо чӣ шуд? Ман очаи шумоям, имрӯз хаста шудам, дарро кушоед!

Гург кӯшиш кард, ки овозаш мисли овози буз

шавад. Бузичаҳо давида, парида, ҷаҳида ба назди якдигар омаданду машварат карда гуфтанд:

– Не-не, ту очаи мо нестӣ. Агар очаи мо бошӣ поятро нишон деҳ!

Гург зуд аз таҳи дар пояшро дароз карда, ба бузичаҳо нишон дод. Онҳо диданд, ки пойи гург зард аст, якбора гуфтанд:

– Не, ту дурӯғ мегӯӣ, очаи мо нестӣ, пои очаи мо сиёҳу ҷингила аст, пои ту зарди безеб. Зуд аз ин ҷо рав, мо ба ту дарро намекушоем!

Гург ҳар кор карда талош мекард, ки бузичаҳо дарро кушоянд. Боз овозашро ба буз монанд карда гуфт:

– Ба шумо чӣ шуд? Ман очаи шумо. Имрӯз дар саҳро борон борид, поям лой шуд. Дарро кушоед, ки алаф аз шохам мерезад, оби даҳонам хушк мешавад, шири пистона мечакад.

Ҳамин дам Болошинак омада гуфт:

– Агар ту очаи мо бошӣ, рав, пойҳоятро шуста биё. То мо бинем, ки поят мисли пои очаи мо ҳаст, ё не?

Гург дид, ки ин ҳилаву найрангҳо ба кор намеравад. Омад ба лаби ҷӯйи ботлоқ, ки обаш сиёҳ буд. Зуд пояшро ба об даровард. Ботлоқи сиёҳ ба мӯи пои гург часпид. Гург саросема боз давида омаду овозашро ба овози буз монанд карда гуфт:

– Бачаякои азизам, имрӯз дар саҳро борон буд. Зуд дарро кушоед. Мана ба пойҳоям нигоҳ кунед.

Алояку Балояку Таҳшинак бо диққат нигоҳ карданд, ки мисли пои очааш аст, дарро кушоданд. Баробари кушодани дар, гург бо шаст ба хона да-

ромаду аввал Алӯлакро хӯрд, баъд Булӯлакро хӯрд. Бо ғазаб бо дандонҳои гиз ин тарафу он тараф ҷасту хез карда, як-як ҳамаро ёфта, зуд-зуд фурӯ бурду шоду хандон баромада рафт.

Гург баромада рафту буз омад. Дид, ки дари хонааш кушодагӣ. Саросема ба хона даромада дид, ки на Алӯлак ҳасту на Булӯлак, на Хиштаки Сари Танӯрак ҳасту на Таҳшинаку на Болошинак, на Мехчапарак ҳасту на Тоқчапарак. Буз ин аҳволро дида, худ ба худ гуфт:

– Э вой, доду бедод! Бачаҳои ман куҷо шуданд?

Зуд алафро ба охур гузошт, обро ба кӯзача андохт, ширро ба хурмача ҷӯшиду берун баромад. Ин тараф, он тараф давида худ ба худ гуфт: «ин кори рӯбоҳи маккор». Бо алам давида ба хонаи рӯбоҳ омад. Ӯ дар хонааш, барои меҳмонҳо хӯрок мепухт. Буз ҷаҳида болои боми рӯбоҳ баромада бо ду пои пешаш тук-тук, тук-тук, тук-тук задан гирифт. Рӯбоҳ садои тук-тукро шунида бо ғазаб гуфт:

*– Кист дар ин бомаки ларзонаки ман?!*
*Хок мерезад дар ошаки явғонаки ман?!*
*Ошаки явғонаки ман шӯр шуд,*
*Чашмаки меҳмонаки ман кӯр шуд!*

Бузак боми Рӯбоҳро сахттар кӯфта, ҷавоб дод:

*– Манам, Бузаки Ҷингилапо,*
*Мезанам ба ҳар ду по!*
*Алӯлакам ту хӯрдӣ!*
*Булӯлакам ту хӯрдӣ!*

*Хиштаки Сари Танӯракам ту хӯрдӣ!*
*Болошинакам ту хӯрдӣ!*
*Таҳшинакам ту хӯрдӣ!*
*Тоқчапаракам ту хӯрдӣ!*
*Мехчапаракам ту хӯрдӣ!*
*Баро ба ҷанги шохи ман!*

Ин гаро шунида рӯбоҳ ҳайрон шуду аз хонааш сарашро бароварда гуфт:

*– Эй Бузаки Ҷингилапо,*
*Чӣ мезанӣ ба ҳар ду по?!*
*Алӯлатро нахӯрдам,*
*Булӯлатро нахӯрдам,*
*Хиштаки Сари Танӯратро нахӯрдам,*
*Таҳшинакатро нахӯрдам,*
*Тоқчапараку Мехчапаракатро нахӯрдам,*
*Намебароям ба ҷанги шохи ту!*

Буз мегӯяд:

– Ту рӯбоҳи маккору бадрафтор дурӯғ мегӯӣ.

Рӯбоҳ савганд мехӯрад:

– Ба худо савганд, рост мегӯям. Шояд ин кори шағол бошад.

Бузак аз болои боми рӯбоҳ бо шаст парида фуромаду ба хонаи Шағол рафту ба болои бомаш баромада, бо ду пои пешаш тук-тук, тук-тук, тук-тук задан гирифт. Шағол ҳам ҷӯраҳошро меҳмон карда буд. Аз тук-тук задани буз ба рӯи дастархони Шағол мисли борон хок рехт. Ин аҳволро дида шағол бо хашм ба берун барома, дод зад:

*– Кист дар бомаки ларзонаки ман?!*
*Хок мерезад дар ошаки явғонаки ман?!*
*Ошаки явғонаки ман шӯр шуд,*
*Меҳмонаки азизи ман кӯр шуд!*

Бузак шағолро дида бо асабоният гуфт:

*– Манам, Бузаки Ҷингилапо,*
*Мезанам ба ҳар ду по!*
*Алӯлакам ту хӯрдӣ!*
*Булӯлакам ту хӯрдӣ!*
*Хиштаки Сари Танӯракам ту хӯрдӣ!*
*Болошинакам ту хӯрдӣ!*
*Таҳшинакам ту хӯрдӣ!*
*Тоқчапаракам ту хӯрдӣ!*
*Мехчапаракам ту хӯрдӣ!*
*Баро ба ҷанги шохи ман!*

Шағол дид, ки буз аст. Барояш гуфт:

*– Эй Бузаки Ҷингилапо,*
*Чӣ мезанӣ ба ҳар ду по?!*
*Алӯлатро нахӯрдам,*
*Булӯлатро нахӯрдам,*
*Хиштаки Сари Танӯратро нахӯрдам,*
*Таҳшинакатро нахӯрдам,*
*Тоқчапараку Мехчапаракатро нахӯрдам,*
*Намебароям ба ҷанги шохи ту!*

Шағол савганд хӯрд:
– Ба худо савганд мехӯрам, ки ин кори ман нест.

Буз ба савганди шағол бовар кард:

– Пас ин кори кист?

Шағол гуфт:

– Ба назарам, ин кори гург аст. Ба хонаи Гург рав. Зӯр бошӣ, бо Гург биҷанг!

Гург дар хона ҷӯраҳояшро меҳмон карда, нақл мекард, ки чӣ хел бачаҳои бузро қулт-қулт ба мисли об фурӯ бурд. Бузак давида-давида ба хонаи гург омада, парида, ҷаҳида ба боми гург баромада бо асабоният бо чор пояш так-тук, тук-тук, тук-тук задан гирифт. Тамоми рӯи фарши хонаи гург пури хок шуд. Ба чашми меҳмонони гург хок даромад. Аз тук-туки ногаҳонӣ гург дар ғазаб шуда сарашро аз хона-аш берун барварда гуфт:

*– Кист дар бомаки ларзонаки ман?*
*Хок мерезад дар ошаки явғонаки ман?*
*Ошаки явғонаки мо шӯр шуд!*
*Меҳмонаки азизи мо кӯр шуд!*

Буз ҳам овозашро баланд карда, бо асабоният гуфт:

*– Манам, Бузаки ҷингилапо,*
*Мезанам ба ҳар чор по!*
*Кӣ хӯрдаст Алӯли маро?*
*Кӣ хӯрдаст Булули маро?*
*Кӣ хӯрдаст Хиштаки Сари танӯри маро?*
*Кӣ хӯрдаст Болошинакамро?*
*Кӣ хӯрдаст Таҳшинакамро?*
*Кӣ хӯрдаст Тоқчапаракамро?*

*Кӣ хӯрдаст Мехчапаракамро?*
*Кӣ мебарояд ба ҷанги шохи ман?*

Гурги мағруру нотрас аз хонааш баромада, бо хашм ба бузак мегӯяд:

*– Эй Бузаки Ҷингилапо,*
*Чӣ мезанӣ ба ҳар чор по?*
*Ман хӯрдам Алӯли туро!*
*Ман хӯрдам Булӯли туро!*
*Ман хӯрдам Хиштаки Сари Танӯри туро!*
*Болошинакатро ман хӯрдам,*
*Тоқчапаракатро ман хӯрдам,*
*Мехчапаракатро ман хӯрдам.*
*Ман мебароям ба ҷанги шохи ту!*

Бузак ин гапрро шунида гуфт:

– Ҳоло фаҳмо! Агар мард бошӣ фардо, соати сеи расо, дар ҷангали калон ба ҷанги ман баро!

Буз ин гапро гуфту ба хонааш омад. Хамир карда, зувола гирифт, зуволаро паҳн кард, танӯрро бо ҳезум тасфонд. Баъд нону кулчаҳои ширмоли бомазза пухта, онҳоро ба як дастархон баста ба пеши устои оҳангар рафту гуфт:

– Салом, акаи усто.

Усто ҷавоб дод:

– Валейкум ассалом. Чӣ хизмат бузак?

Бузак бо алам гуфт:

– Устоҷон, гурги лаънатӣ бачаҳои маро хӯрдаст. Шохи маро тез кун, маро нанг омад, фардо ба ҷанги вай меравам.

Усто нону кулчаҳои бомаззаро гирифт. Шохҳои Бузакро оҳанпӯш кард. Нӯги онҳоро чунон тез кард, ки сангро занад, шикоф мешуд.

Гург аз паси буз поида рафту ин рафтори ӯро дид. Вай ҳам баъди Бузак ба пеши оҳангар рафт. Ногоҳ чашмаш ба оғули оҳангар афтод. Дид, ки ду гӯсфанди фарбеҳ баста мондагӣ. Якеро даронда хӯрду, дигареро дастовез карда ба назди оҳангар бурда дӯғ зада гуфт:

– Эй оҳангар! Ма, ин гӯсфандро гиру зуд дандонҳоямро тез кун, ба ҷанги буз меравам.

Бечора оҳангар аз дӯғи гург тарсиду гӯсфандашро шинохт. Дар дилаш гуфт: «ӯ, нобакоре, гӯсфанди маро кафонда барои ман оварда, боз дӯғ зада, дандонамро тез кун мегӯяд. Ман ҳоло очаи зори туро нишон медиҳам».

Усто бо анбур дандонҳои Гургро якта-якта канда партофта, ба ҷои онҳо пунбандона мешинонад. Гург хурсанд шуда, ба майдони ҷанг меравад.

Ҳар ду рӯ ба рӯ шуданд. Аввал гург «худо дод» гуфта, бо шаст ба Бузак ҳамла карду ба шикамаш дандон зад. Баробари дандон задан ҳамаи дандонҳояш якта намонда рехт. Гург ҳайрон ба дандонҳои рехтааш нигоҳ мекард, ки ногоҳ бузак омада бо ду шохи тезаш чунон ба шиками гург зад, ки ду пора шуду ҷо ба ҷо мурд. Ҳамин дам аз шиками вай давида Алӯлаку Булӯлак, Хиштаки Сари Танӯрак, Тоқчапараку Мехчапарак, Болошинаку Таҳшинак баромаданд.

Онҳо очашонро дида хурсанд шуданд. Бузак бачаҳояшро ба оғӯш гирифту насиҳат кард:

– Дигар эҳтиёт шавед, дарро ба ҳар касу нокас накушоед.

Ана ҳамин тавр, бузак бачаҳояшро аз гурги нобакор халос карда, шоду хандон ба хонааш бурда, бо орзуҳои ширин тӯю тамошо карда, ба мурoду мақсадаш расид, мову шумо ҳам расем.

## МӮРЧА, САНГПУШТ ВА РӮБОҲ

*Буд, набуд, будгор буд,*
*Замин набуд, шудгор буд.*
*Як мӯрчаи пуркор буд,*
*Сангпуштак ӯро ёр буд.*
*Як рӯбоҳи маккор буд.*
*Дар хӯрданак тайёр буд.*

Дар як замоне, дар як маконе як мӯрчаяк буд. Аввали баҳор буд, ки ин мӯрчаяк аз паи ризқу рӯзӣ ба берун баромад. Фикр карду худ ба худ гуфт, ки як хӯшаи гандум дорам, ҳаминро дар ҳамин адир бикорам. Хӯшаи гандумро бароварда рафтан гирифт, то як замини муносиб пайдо кунаду бикорад. Рафт, рафт, рафт, ки аз пешаш сангпуште баромад. Сангпушт мӯрчаро дида:

– Салом, ҷонвари заҳматкаш? – гуфт.

Мӯрча:

– Валейкум бар салом – гуфт.

Сангпушт пурсид:

– Эй мӯрчаяк, ин хӯшаи гандумро кашола карда куҷо мебарӣ?

Мӯрча гуфт, ки:

– Ба ҳамин адири таги кӯҳ бурда мекорам.

– Ман коргарам, маро ҳам ҳамроҳ намебарӣ? – хоҳиш кард сангпушт.

Дид, ки сангпушт ором, ботамкин, беозор аст, гуфт:

– Майлаш, мебарам.

Дар ҳамин лаҳза аз куҷо як рӯбоҳи айёр, ҳамеша бекор, аз меҳнат безор, ба хӯрдан тайёр, надорад тоқати кор, пайдо шуд. Ба мӯрчаву сангпушт як нигоҳи маккорона карду аввал аз сангпушт пурсид:

– Ту кистӣ?

– Ман сангпушт ҳастам.

Рӯбоҳ мағрурона ба мӯрча нигоҳ карда, савол кард:

– Ту, ҷонвараки майдаяк, кистӣ?

– Ман мӯрча ҳастам, дӯсти сангпушт.

Рӯбоҳ бо тамасхур пурсид:

– Ту, майдаяк чӣ хел дӯсти сангпушт ҳастӣ?

Мӯрча гуфт:

– Ман аз зоти ҳашарот, сангпушт аз зоти хазанда, бо якдигар дӯст ҳастем.

Рӯбоҳ ҳам мағрурона ва маккорона гуфт:

– Ман аз зоти ҳайвонот, пас, ман ҳам дӯсти шумоям. Агар ягон кор доред маро ҳам шарик кунед.

Мӯрча гуфт:

– Мо ният дорем, ки ҳамин хӯшаи гандумро корему баъд ҳосили онро тақсим кунем.

Рӯбоҳи маккори айёр зуд ба онҳо ҳамроҳ шуд. Мӯрча ва сангпушт ба шудгор кардани замин шурӯъ карданд. Рӯбоҳи маккор, аз меҳнат безор, ба хӯрдан тайёр зуд ҳила пеш оварда гуфт:

– Бинед, он теппа омада ба болои шумо заданӣ! Агар хоки вай чаппа шавад, ҳам шумо ва ҳам

меҳнати шумо барбод меравад. Ман рафта онро нигаҳ медорам, то ки заҳмати шумо беҳуда наравад.

Мӯрчаву сангпушт бо заҳмати зиёд заминро шудгор карданд, гандумро аз хӯша ҷудо карда, ба замин пошиданд, мола карданд.

Дам гирифта, шишта буданд, ки осмонро абрҳои баҳорӣ печониду борони маҳин борид. Чанд вақт гузашт. Гандум сабз шуд. Рӯбоҳ бо оҳу воҳ омаду ба дӯстонаш гуфт:

– Монда шудам. Теппа қариб чаппа шуда буд. Гоҳ бо ду пои пеш, гоҳ бо ду пои пас вайро нигоҳ доштам.

Мӯрчаи майдаяк ҳилаи ӯро пай бурда гуфт:

– Ҳоло ҳама бояд ғалларо аз малаху зоғу заған нигоҳ дорем.

Рӯбоҳ боз маккорӣ кард:

– Набошад, шумо посбонӣ кунед, ман вазифаи худро иҷро кунам. Рафта теппаро нигоҳ дорам, то чаппа нашавад.

Рӯбоҳ рафт. Сангпушт гуфт:

– Ба назарам, ин маккор дӯстӣ надорад, моро фиреб мекунад.

Мӯрча дар ҷавоб гуфт:

– Номи вайро рӯбоҳи маккор, ба хӯрдан тайёр мегӯянд. Ғам нахӯр, ба ҳилааш, ҳила ба кор мебарем.

Рӯзҳою ҳафтаҳо гузашту гандум пухта расид. Мӯрча ва сангпушт то пухтани гандум ғалларо аз малаху парандаву чаранда ҳимоят карданд. Хӯшаҳои гандум чунон зарду зебо шуда буданд, ки ҳаваси кас меомад.

Мӯрчаву сангпушт ба сари гандумзор омада, даравиданд, банд бастанд, хирман карданд, кӯфтанд. Сонӣ бод дода, ғалбер карданду акнун тақсим мекарданд, ки яке саросемавор, бо оҳу воҳ рӯбоҳ пайдо шуду гуфт:

– Аз теппаро нигоҳ доштан қариб буд, ки ҷонам барояд. Азоби даҳшатнок будаст.

Мӯрча бо пичинг гуфт:

– Офарин-офарин, аз рангу рӯят маълум аст, ки бисёр азоб кашидӣ, лекин дӯстам, ин ҳосил кам аст, ба ҳама намерасад.

Рӯбоҳ хандида айёрона гуфт:

– Дуруст мегӯӣ, ту майдаяк, ризқу рӯзиятро аз ҳар куҷо чинда мегардӣ, сангпушт ҳам зиёд хӯрок намехӯрад. Мани бечора ин тарафу он тараф медавам, гандумро ба ман диҳеду монед.

Ин гапи рӯбоҳ ба сангпушт нафорид, ки гуфт:

– Эй рӯбоҳ, ту меҳнат накардӣ. Боз ҳосили моро муфт гирифтанӣ ҳастӣ?

Байнашон моҷаро сар шуд. Зӯри ҳарду ба рӯбоҳ намерасид. Мӯрча зиракӣ карда гуфт:

– Майлаш, кори нашуда, шуд. Ҷанҷол хуб нест. Биёед, баробар тақсим мекунем.

Рӯбоҳ чун одат ҳиларо ба кор бурда, ҳамаи ҳосилро худаш гирифтан мехост. Ӯ ба мӯрча ва сангпушт гуфт:

– Дӯстонам, баҳс хуб нест. Ман ҳам заҳмат кашидам. Дар дунё шарт гуфтанӣ гап аст. Биёед, шарт мебандем. Ҳар кӣ шартро барад, гандум аз они ӯст.

– Чӣ хел шарт? – пурсид мӯрча.

Рӯбоҳ гуфт:

– Ҳар се аз ҳамин ҷо, то назди ҳо ана вай санги калон медавем, касе пеш расид гандум аз они вай аст.

Сангпушт розӣ нашуд:

– Ту медонӣ, ки мо мисли ту давида наметавонем. Ин шарт намешавад.

Мӯрча ба сангпушт чашмак заду гуфт:

– Майлаш, мо розӣ.

– Тайёр шавед! – гуфт рӯбоҳ.

Мӯрчаву сангпушт ба давидан тайёр шуданд.

– Як, ду, се! Давидем! – гуфта, рӯбоҳ ба тарафи хирман чорхез зад.

Ҳамон дам мӯрчаи зирак ба думи рӯбоҳ часпид.

Ҳар се давиданд.

Рӯбоҳ ба назди санги калон расиду гуфт:

– Ана гандум ҳаққи ҳалоли ман шуд.

Думашро ба замин гузошта қоҳ-қоҳ хандид. Ҳамин дам аз таги думи рӯбоҳ садои мӯрча баромад:

– Э ноинсоф, думатро бардор, маро зер кардӣ. Ман аз ту зудтар омадам.

Рӯбоҳ ҳайрон шуда пурсид?

– Э, аҷоиб шуд-ку, ту чӣ хел аз ман пештар омадӣ?

– Чӣ, ту тохтани мӯрчаҳоро намедонӣ? Ман аз ту сабуктару чолоктар, аз ту пештар омадам.

Рӯбоҳи маккор ҷанҷол бардошт:

– Не, ин ҳич мумкин нест. Ман бовар намекунам!

Сангпушт ҳам оҳиста-оҳиста ба назди онҳо омад. Раҳораҳ фикр карда ба ёдаш расид, ки

рӯбоҳ аз шикорчӣ ва сагаш метарсад. Ҷанҷоли онҳоро дида сангпушт гуфт:

– Гӯш кунед, ҷанҷол накунед. Ҷони ҳар сеямон дар хатар. Як шикорчӣ бо сагаш ба ҳамин тараф омада истодаст. Дар гардани чӯпон як думу як пӯст.

Мӯрча ҳам зиракона гуфт:

– Барои чӯпону сагаш гӯшти ману сангпушт лозим нест, вале пӯсту думи рӯбоҳ арзиш дорад.

Рӯбоҳ борҳо аз дасти шикорчӣ ва сагаш гурехта буд. Ҷон, ки ширин аст, рӯбоҳ зуд думашро хода карда гурехт.

Ана, ҳамин тавр, мӯрча ва сангпушт, ки меҳнати ҳалол карда буданд, гандумро баробар тақсим карда, аз рӯбоҳи маккор халос шуда ба мароду мақсади худ расида, хушу хурсандона зиндагӣ карда гаштанд.

## ДЕҲҚОН, ХИРС ВА РӮБОҲ

Дар замонҳои гузашта деҳқоне буд. Вай бо заҳмат ҷуфт карда, кишт намуда, ҳосил гирифта зиндагиашро пеш мебурд. Соле ҳангоми ҷуфт ба наздаш як хирс меояду мегӯяд:

– Акаи деҳқон, ман ҳам шарики шумо.

Деҳқон мебинад, ки як хирси бадҳайбат, ҷавоб медиҳад:

– Майлаш, шумо ҳам шарик.

Хирс шарик будани худро гуфту баромада рафт. Дигар чанд моҳ пайдо нашуд. Деҳқон ҷуфт кард, кишт кард, гандумро даравид, хирман карда, ба халтаҳо ҷо мекард, ки хирс омаду ба деҳқон гуфт:

– Ёдат ҳаст, ман шарик будам.

Деҳқон ҳам аз тарс мегӯяд:

– Бале, ёдам ҳаст шумо шарик ҳастед. Марҳамат, фардо биёед.

Деҳқон хеле зиқ шуд, ки ин муфтхӯр аз куҷо пайдо шуд. Ба ҳар ҳол, корашро давом дода, як халта гандумро ба пушташ бардошта ба анбораш мебурд, ки аз пешаш рӯбоҳ баромад. Рӯбоҳ зиқии деҳқонро дида пурсид:

– Ҳа, бобои деҳқон, чаро зиқӣ?

Деҳқон ҷавоб медиҳад:

– Э рӯбоҳ, ман зиқ нашавам кӣ зиқ шавад. Ман тамоми сол заҳмат кашидам. Ҳоло як хирс омада мегӯяд, ки «ман ҳам шарик».

Рӯбоҳ мегӯяд:

– Фардо ман ба он баландӣ баромада ба пушти дарахте пинҳон меистам. Хирс, ки омад, бо садои баланд мепурсам: «Ӯ, бобо деҳқон, ман шикорчиам, дар ҳамин ҷойҳо ягон хирс надидӣ?» Ту ҷавоб деҳ: «не, надидам». Баъд хирс аз ту мепурсад, ки ман чӣ кор кунам. Ту гӯй, ки ба таги коҳи гандум пинҳон шав. Пинҳон, ки шуд, хирсро оташ зан.

Рӯзи дигар хирс ба назди деҳқон меояд. Рӯбоҳ баробари дидани хирс аз паси дарахт бо овози баланд мепурсад:

– Ӯ, бобо деҳқон, ман шикорчиам, ягон хиср надидӣ?

Деҳқон ҷавоб медиҳад:

– Не, надидам.

Бечора хирс аз тарс аз деҳқон мепурсад:

– Эй деҳқон, ба ман ёрдам те, ман чӣ кор кунам.

Деҳқон мегӯяд:

– Зуд ба таги коҳ пинҳон шав.

Хирс ба таги коҳ пинҳон мешавад. Деҳқон ҳам гӯгирдро мегираду оташ мезанад. Хирс ҷиззу биз карда месӯзад. Деҳқон гандумро ҷамъ карда ба амбор ҷо мекунад. Рӯбоҳ меояду мегӯяд:

– Хайр, ман роҳ нишон додам, акнун ҳақи маро бидеҳ.

Деҳқон гуфт:

– Хуб шудаст.

Деҳқон аз рӯбоҳ ҳиларо ёд гирифт. Ҳамин ки рӯбоҳ омада ба пеши деҳқон нишаст, ишками деҳқон қур-қур кардан гирифт.

Рӯбоҳ мепусад:

– Ин овози чист?

– Ин овози ду саги шикорӣ, ки онҳо туро дида, маро сар деҳ мегӯянд.

Рӯбоҳ аз тарс гуфт:

– Бародар, сагҳоро сар надеҳ. Ман ҳақамро ба ту бахшидам.

Ин гапро гуфта рӯбоҳ гурехта рафту деҳқон аз муфтхӯрҳо халос шуда ба муродаш расид.

## ҲЕЗУМКАШ ВА МОР

Дар як замоне, дар як маконе, як марде буд. Хеле содаю самимӣ. Бо ҳезумкашӣ рӯз мегузаронд. Ин марди ҳезумкаш ҳар рӯз нон, кӯзаи об, табар, ресмонашро дар халтааш ҷо карда ба ҷангал мерафт.

Дарахтҳои сабзро дида ҳавас мекард. Гоҳе дар сояи онҳо нишаста дам мегирифт. Онҳоро намебурид. Вале дарахтҳои хушкро бурида, бандча баста, баъд пуштора карда, ба бозор бурда мефурӯхт. Ба пулаш хӯрок мехарид, пӯшок мехарид, бо меҳнати ҳалол зиндагӣ мекард.

Рӯзе аз рӯзҳо ҳангоми кор ҳезумкаш мебинад, ки дар як гӯшаи ҷангал оташ аланга мезанад. Зуд халтаашро гирифта медаваду ҷомаашро аз танаш кашида, ба хомӯш кардани он шурӯъ мекунад. Ҳамин дам мебинад, ки дар мобайни оташ як мори ҳаросон худро ба ҳар тараф мезанад. Мори бечора чи илоҷ карданашро намедонад. Ҳезумкашро дида илтиҷо мекунад:

– Эй марди меҳрубон аз ин балои оташ маро наҷот деҳ.

Ҳезумкаш зуд халтаашро холӣ мекунаду ба воситаи як чӯби дароз халтаро ба мобайни оташ дароз карда ба мор мегӯяд:

– Ба даруни халта даро!

Мор ба даруни халта медарояд. Ҳезумкаш зуд даҳани халтаро мебандаду онро аз оташ дуртар мегузорад, ки то ба мор осебе нарасад. Худаш ҷомаашро кашида, бо ҷома зада-зада оташи ҷангалро хомӯш мекунад. Хаста мешавад. Ба назди халта омада ба мор муроҷиат карда:

– Марҳамат, баро, умрат дароз бод – гуфта, вайро ба ҷангал раҳо мекунад.

Баъд худаш ба сояи як дарахти сабз рафта, аз кӯзааш об гирифта, нонашро тар карда мехӯрд, ки мор ба назди вай омада ва фишшос зада ҳамла карданӣ мешавад. Ҳезумкаш гумон мекунад, ки морро аз марг наҷот додам, шояд ба ман ягон кӯмак кардан мехоҳад. Ҳамин дам мор фишшасзанон ба ҳезумкаш ҳамла карда ба гап медарояд:

– Ман туро мегазам.

Ҳезумкаш ҳайрон мешаваду бо заҳрханд ба мор мегӯяд:

– О, чаро?! Ман туро аз марг наҷот додам-ку! Чӣ, ба некӣ, бадӣ магар?

Мор мегӯяд:

– Ман мори газанда ҳастам, ин одати ман аст, агар касеро заҳр назанам худам азоб мекашам, бояд туро газам.

Ҳезумкаш ҳайрон мемонад. Ба чор тараф менигарад. Аз мор гурехта намешавад. Аз дилаш мегузаронад, ки: «аҷаб, некӣ карда ба бало гирифтор шудам-ку». Ба мор мегӯяд:

– Майлаш, маро газ, лекин ба як шарт. Ҳар ду ба ҳамин роҳ меравему ба ҳар чизе, ё касе кӣ аз пешамон мебарояд савол медиҳем: «ба некӣ, некӣ аст, ё бадӣ?» Агар се бор ба ҷавобаш гӯянд, ки «бале, ба некӣ бадӣ аст» ту маро газ.

Мор ба ин шарт розӣ шуд. Ҳар ду рафтан мегиранд, ки аз пешашон як барзагови пири фартут мебарояд. Барзагов дар мех бастагӣ, ба пешаш хӯроки дуруст нест. Ҳезумкаш ва мор ба барзагов наздик мешаванд. Ҳезумкаш аз барзагов мепурсад:

– Эй барзагов, ту як махлуқи заҳматкаш ҳастӣ. Деҳқон солҳо бо ту замин шудгор кардаст. Як умр некӣ кардӣ. Мо мехоҳем, ки аз ту ба як савол ҷавоб гирем.

Барзагов бо ҳайрат ба ҳезумкаш ва мор нигоҳ карду гуфт:

– Марҳамат, чӣ савол?

Ҳезумкаш пурсид:

– Бигӯ, барзагов, ба некӣ, некӣ меояд ё бадӣ?

Барзагов «бууу, бууу» гуфта, овоз бароварду бо тамасхур ҷавоб дод:

– Албатта, бадӣ! Худат фикр кун, ки дар ҳамин замони мо, кӣ ба кӣ некӣ карда, дар ҷавобаш некӣ дида. Мана ман, то ҳамин рӯз ҷон канда, замин шудгор кардам. Дар назди соҳибам қадру қимати зиёд доштам. Ба ман хӯрокҳои ҳархелаи нағз медод. Сару гардану пуштамро хору мол мекард. Ҳоло ман пир шудам, нимҷон. Барои кор кардан мадорам нест. Ба ман хӯроки дуруст намедиҳад. Маро аз каҳдон бароварда дар ҳамин ҷангал овард да баст. Ба зӯр аз замин як чиз ёфта мехӯрам, магар ҳамин аз рӯи инсоф аст? Боз «болои сӯхта намакоб» гуфтагӣ барин, дирӯз соҳибам қассобро оварда маро ба вай фурӯхтанӣ шуд, оё ҳамин ба некӣ, некӣ аст?

Аз ин гапҳои барзагов ҳезумкаш як ларзиду тарсид. Мор шод шуду ба ҳезумкаш нигариста,

«фишшӣ» кард, бадани ҳезумкаш «вижжӣ» кард. Ҳар ду боз роҳ рафтанд, ки аз пешашон як хари нимҷон, пушташ хуншору захмдор баромад. Ҳезумкаш аз хар пурсид:

– Эй хари боркаш, ту ба одамон хеле хизмат кардӣ, бор кашондӣ, бо одамон ба ҳар тараф саёҳат кардӣ, таҷрибаи зиёд дорӣ. Ба як саволи ман ҷавоб деҳ.

Хар базӯр сарашро аз замини камалаф бардошта гуфт:

– Чӣ савол? Пурс.

Ҳезумкаш гуфт:

– Ба некӣ, некӣ аст, ё бадӣ?

Хар бо алам ҳангос заду дилашро ба ҳезумкаш холӣ кард:

– Эй ҳезумкаш, аҳволи маро намебинӣ? Ман солҳои дуру дароз дар хизмати одамон будам. Ин қадар бор кашондаму хизмат кардам, ки ҳамаашро гӯям, чанд достон мешавад. Вале имрӯз аҳволи маро бин ба некӣ, бадӣ шуд.

Ҳезумкаш ба ҳаяҷон омад. Дар дилаш гуфт, ки агар ин мор маро газад, мемурам. Мор гуфт:

– Дигар тамом, дидӣ, ба некӣ, некӣ нест, бадӣ аст. Дигар ман маҷбурам, ки туро газам.

Ҳамин дам як марди нуронӣ пайдо шуд. Дар дасташ китоб буд. Ин марди нуронӣ ҳезумкашу морро дида бо тааҷҷуб нигарист. Гумон кард, ки ин мард морбоз аст. Чун одати одамони нек салом дод. Ҳезумкаш аз саломи бомеҳри вай шердил шуда гуфт:

– Эй бародари азиз, ҳамин мор маро газиданӣ.

Марди нуронӣ пурсид:

– Чаро?

Ҳезумкаш гуфт:

– Ҷангал месӯхт, ман ин морро аз оташ, аз марг наҷот додам, вале вай мегӯяд, ки ба некӣ, бадӣ аст, ман туро мегазам.

Марди нуронӣ мепурсад:

– Шумо морро чӣ тавр наҷот додед?

Ҳезумкаш мегӯяд:

– Бо як чӯби дароз ҳамин даҳани халтаро кушода ба мобайни оташ дароз кардам, мор ба даруни халта даромад, аз оташ наҷоташ додам.

Марди нуронӣ боз пурсид:

– Чӣ хел ин мор бо ин дарозӣ ба ин халта даромад? Ба назарам, мумкин нест! Ман бовар намекунам.

Мор гуфт:

– Даромадам, бовар накунӣ, боз медароям.

Мард гуфт:

– Канӣ, бинам, даро.

Ҳезумкаш даҳани халтаро кушод. Мор ба даруни халта даромаду ҳалқа зад. Воқеан мор дар халта ҷо шуд. Марди нуронӣ ба ҳезумкаш ишорат кард, ки даҳани халтаро бандад. Ҳезумкаш баст. Он мард гуфт:

– Ана, ҷонат халос шуд.

Ҳезумкаши сода аз тарси ҷон, ки мор дубора аз халта набарояд, вайро бо пойҳояш зада-зада кушт ва аз марди нуронӣ пурсид:

– Хайрият, маслиҳати нек додию ҷонамро халос кардӣ.

Марди нуронӣ гуфт:

– Ин маслиҳат аз хонишу дониш аст.

## МУШ ВА ҚУРБОҚҚА

Буд, набуд, муше буд. Вай дар як макони хушбоду ҳаво, дар боғе зиндагӣ мекард. Дуртар аз сӯрохи вай як ҳавзе буд, ки дар гирдаш дарахтони бед буданд. Мушак гоҳе аз сӯрохи худ баромада, дар гирдогирди ҳавз давр мезаду ба овози қурбоққаҳо гӯш медод. Дар ҳавз қурбоққаҳо зиёд буданд, вале яке зуд-зуд ба берун мебаромаду атрофро тамошо мекарду бо овози қур-қур-қуууууури аҷиби худ месароид. Гӯё, ки булбул бошад. Месароиду месароиду месароиду ҷонваронро хоб кардан намегузошт.

Муш ин овозро шунида ба барун баромада дид, ки дар лаби ҳавз як ҷонвараке қур-қур-қуууууур мекунад. Чанд лаҳза атрофро тамошо карда, бо шунидани он овоз дасту сарашро меҷонбонаду ба таври худ лаззат бурда, мерақсад. Қурбоққа ҳам рақси хеле аҷибу ғарибы мушро дида ҳайрон шуда, худ ба худ гуфтаст: «бо вай ошно бояд шуд». Аз ҳамон рӯз сар карда қурбоққа ва муш бо ҳам дӯст мешаванд. Дӯсти меҳрубон.

Ҳар замоне ки хостанд, баробари шунидани садои якдигар ба берун мебаромаданду чақ-чақ карда мешиштанд. Аз дидаву шунидаҳо ҳар чи мегуфтанд. Муш дар бораи мушон гап мезаду қурбоққа дар бораи дӯстони таги об.

Рӯзе аз рӯзҳо дар хонаи мушак ҷанҷол мешавад. Вай зиқ шуда давида ба берун мебарояд, ки дилашро ба қурбоққа холӣ кунад. Хеле интизор мешавад, вале қурбоққа намебарояд. Бо дили ғамгин ба хонааш бармегардад. Пас аз чанд рӯз муш боз ба дами сӯрохаш омада, овози қур-қур-қуууууури қурбоққаро шунида, зуд ба наздаш омада гуфтааст:

– Салом, дӯстам, қурбоққа.

– Валейкум бар салом, – ҷавоб медиҳад қурбоққа.

Муш бо нозу карашма ва чеҳраи ғамгин барояш гуфтааст:

– Дар ин чанд рӯз куҷо будӣ? Туро надида зиқ шудам. Дар дилам гапҳои зиёд ҷамъ шуда буд. Онро ба ту, дӯсти азиз, нагӯям, ба кӣ гӯям?

– Ман дар зери об будам. Хобам бурдааст. Фаромӯш кардам, ки ба берун бароям.

Муш бо алам гуфтааст:

– Дигар ин корро накун. Зуд-зуд ба берун баро. Хоболуд нашав.

Қурбоққа ҳам ҷавоб додааст:

– Майлаш, хуб шудааст. Лекин чӣ кор кунем, ки баробари баромадан, зуд аз аҳволи якдигар бохабар шавем.

Муш гуфтааст:

– Ман фарёд мезанам, вале аз садои баробари қур-қур-қуууури қурбоққаҳои дигар ту намешунавӣ.

Қурбоққа гуфтааст:

– Биё, як илоҷе пайдо кунем, ки якдигарро дидан хоҳем, зуд ба берун бароем.

Хеле машварат карданд. Ҳеҷ кадомаш маъқул нашуд. Билохира, муш пешниҳод кардаст:

– Медонӣ чӣ?

Қурбоққа гуфт:

– Чӣ?

Муш, гӯё кашфиёт карда бошад, гуфтаст:

– Як риштаи дарози мустаҳкамро пайдо карда як нӯгашро ба пои ман ва нӯги дигарашро ба пои ту мебандем. Ҳар боре ки ман ба берун бароям, риштаро мекашам, ту давида мебароӣ, ҳар боре ки ту ба берун бароӣ, ту риштаро мекашӣ, он гоҳ ман давида мебароям.

Дӯстон аҳду паймон карданду ба пойҳои худ нӯгҳои риштаро бастанду рафтанд. Ҳар ду хурсанд буданд, ки корашон осон шуд. Бо барбари кашидани ришта зуд ба берун баромада суҳбат мекарданд.

Рӯзе муш нисфирӯзӣ аз сӯрох берун баромаду хост, ки риштаро кашаду қурбоққаро ба мулоқот даъват кунад. Ҳамин дам аз куҷое зоғи алое пайдо шуду қар-қар-қар карду мушро ба ҷанг даровarда ба осмон парид. Муш дар даҳони зоғ, дар нӯги дигари ришта қурбаққа ҳам ба ҳаво овезон. Ҳамин ки зоғ ба боло парид, мардум ба тамошо баромада ҳайрон монданд. Мебинанд, ки як зоғ қурбоққаеро дар ришта баста шикор кардаст. Байни худ мегуфтанд:

– Зоғ ҳаргиз қурбоққаро шикор намекард, чаро ин тавр шуд?

Қурбоққаи дар ришта кашол, ин гуфтаи мардумро шунида ҷавоб додаст:

– Эй мардум, шумо рост мегӯед. Дар ҳақиқат ман шикори зоғ нестам, вале аз беақлӣ ҳамсуҳбати муш шудаму ба ин бало гирифтор гардидам.

Ба ин гуфтаи ӯ касе посух додаст:

– Бале, ҷазои он касе ҳамин аст, ки бо ғайри ҳамҷинси худ ҳамсуҳбат мешавад.

Ин аст сабақи зиндагӣ. Беҳуда нагуфтаанд, ки ҳар махлуқе бояд бо ҳамҷинси худ кору зиндагӣ кунад, вагарна ба сарнавишти мушу қурбоққа гирифтор мешавад.

## ТАҚСИМОТИ ХИРС ВА ШАҒОЛ

Дар як замоне, дар як маконе як хирсу як шағол зиндагӣ мекарданд. Рӯзе аз рӯзҳо ҳар ду машварат карда, деҳқонӣ мекунанд. Як замини серҳосилро ёфта, шудгор карда гандум мекоранд. Пас аз пухтани гандум ҳосилро ҷамъ мекунанд. Шағол мехоҳад, ки бо хирс шарт карда, ӯро фиреб дода, ба ҳосил соҳиб шавад. Шағол ба хирс мегӯяд:

– Биё, шартбозӣ мекунем.

Хирс ҳам розӣ мешавад.

Шағол мегӯяд:

– Агар касе шартро барад, ҳосил аз вай.

Хирс ҷавоб медиҳад:

– Майлаш.

Шағол мегӯяд:

– Шарт ҳамин, ки ту сар-сари сарашро мегирӣ, ё бех-бехи бехашро.

Хирс ҷавоб медиҳад:

– Ман бех-бехи бехашро мегирам.

Шағол мегӯяд:

– Майлаш, ман сар-сари сарашро мегирам.

Шағол саракҳои гандумро кӯфта, гандуми зиёдро гирифта ба анбор мекашонад. Хирси бечора решаҳои бехи гандумро ҷамъ карда мекӯбад, ки чизе нест.

Аз байн як сол мегузарад. Соли дигар ҳар ду пиёз мекоранд. Пиёзро корида, нағз нигоҳубин мекунад. Ҳосил хуб мешавад. Ин дафъа хирс пешдастӣ карда мегӯяд:

– Шарт ҳамон шарт аст. Вале соли гузашта ту аввал савол дода будӣ, имсол ман аввал савол медиҳам.

Шағол мегӯяд:

– Майлаш, ман розӣ.

Хирс мегӯяд:

– Сар-сари сарашро мегирӣ ё бех-бехи бехашро?

Шағол мегӯяд:

– Бех-бехи бехашро.

Хирс мегӯяд:

– Хайр, ман сар-сари сарашро.

Шағол бехи пиёзро ҷамъ карда ҳосили фаровон мегираду хирси бечора ҳеч чиз намегирад. Аз байн боз як сол мегузарад. Ҳар ду имсол карам мекоранд. Меҳнат мекунанд, карам мепазад. Боз ба сари ҳосил меоянд. Шағол мегӯяд:

– Имсол навбати савол аз ман аст.

Хирс ҷавоб мегӯяд:

– Майлаш, ман розӣ.

Шағол мегӯяд:

– Сар-сари сарашро мегирӣ, бех-бехи бехашро?

Хирс мебинад, ки сари карам калон-калон зуд ҷавоб медиҳад:

– Сар-сари сарашро мегирам.

Хирс шод мешавад, ки шартро бурд. Ҳосили карамро ҷамъ карда ба анбораш мебарад.

Соли дигар боз кишт мекунанд. Ин дафъа сабзӣ мекоранд. Об медиҳанд, алафашро тоза мекунанд, меҳнати зиёд сарф мешавад. Боз ба сари замини кишт меоянд. Хирс мегӯяд:

– Ин дафъа пурсиш навбати ман.

Шағол мегӯяд:

– Марҳамат.

Хирс мепурсад:

– Сар-сари сарашро мегирӣ, бех-бехи бехашро?

Шағоли зирак мегӯяд:

– Бех-бехи бехашро мегирам.

Хирс мегӯяд:

– Майлаш, ман сар-сари сарашро мегирам.

Ҳар ду ҳосилро ҷамъ мекунанд. Шағол сабзии зиёд мегираду хирс алафи зиёд. Соли дигар лаб-лабу мекоранд. Меҳнат мекунанд. Боз ҳосил хуб мешавад.

Ин дафъа Шағол мегӯяд:

– Сар-сари сарашро мегирӣ, бех-бехи бехашро?

Хирс мегӯяд:

– Бех-бехи бехашро.

Шағол мегӯяд:

– Майлаш, ман сар-сари сарашро мегирам.

Чанд сол аҳвол ҳамин буд. Ҳар ду дӯсти хуб шуданд. Баъд тасмим гирифтанд, ки минбаъд як ҷо кор карда, кишт намуда, ҳосилро баробар тақсим мекунанд.

## ҶАЗОИ ФИЛИ МАҒРУР

Буд, набуд, як саъба буд. Саъба солҳо фарзанд надошт. Дар яке аз солҳо саъба дар шохи дарахте як лонаи зебо сохту чанд дона тухм кард. Шабу рӯз дар болои тахумҳояш хоб карда, чанд бача баровард. Бачаҳояш чуруқ-чуруқ-чуруқ хӯрок мехостанд. Саъба барои овардани хӯрок ин тарафу он тараф парвоз намуда, дар даҳонакаш ҳар чи меовард. Оварда ба даҳони бачаҳояш мегузошт. Бачаҳо чуруқ-чуруқ-чуруқ аз даҳони очашон хӯрокро гирифта, мехӯрдаанду ором мешуданд.

Аз байн чанд рӯз мегузарад. Дар як рӯзи ҳавои гарм аз куҷое филе омада, худро ба сояи он дарахт гирифта, хоб карданӣ мешавад. Фили бефаросат дароз кашида ба ин тарафу он тараф паҳлу зада, худро ба он дарахт мемолад. Ҳар бор, ки фил худро ба дарахт мемолад, дарахт меларзаду хасҳои лонаи саъба ба замин меафтаду вайрон мешавад. Бачаҳои саъба талап-талап-талап ба замин афтода мемуранд.

Саъбаи бечора зор-зор гиря кард. Ба фил лаънат хонд, ки бачаҳои дӯстрӯяки хушрӯяки ӯро аз дарахт ғалтонд. Саъба бо асабоният ба фил гуфт:

– Эй фили ноинсоф, ту чӣ кор кардӣ? Чаро ба таги дарахт омада худатро ба он мемолӣ? Магар надидӣ, ки дар болои он ман лона дорам? Ту

бачаҳоямро куштӣ! Худо ҷазоятро бидиҳад. Ту ҳам бача кунӣ, мурад!

Фил саъбаро писанд накарда, хартумашро боло карда хандида бо писханд мегӯяд:

– Эй, ту майдаяк, фир-фир-фир парида, ин қадар дод нагӯй, сари маро гаранг накун. Хайр, чӣ шудаст. Магар ман ба умеди бачаҳои ту дар офтоб сӯхта мурам? Гум шав аз назарам!

Саъба доду фиғон карда мегӯяд:

– Бераҳм, беинсоф, худхоҳ.

Гирён мешаваду парида меравад.

Аз байн боз як сол мегузарад. Саъба боз ба болои ҳамон дарахт лона мегузорад. Боз тухм монда, боз бача мебарорад. Бачаҳо боз чуруқ-чуруқ-чуруқ калон мешаванд. Ҳанӯз парончак нашуда, боз ҳамон фил ба таги сояи дарахт омада, ғел зада, худро ба дарахт мемолад. Боз бачаҳои саъба аз дарахт афтода мемуранд. Боз доду фиғони саъба мебарояд. Саъба давида ба гирди сари фил парвозкунон меояду мегӯяд:

– Бетамиз, бефаросат, бараҳм! Надидӣ, ки дар болои дарахт ман лона дорам? Боз худатро ба дарахт молидӣ, бачаҳои маро ғалтондӣ, куштӣ, нобуд кардӣ! Акнун ман чӣ кор кунам. Лаънат ба ту, садҳо лаънат ба ту!

Фил боз хартумашро боло карда, парвои гапҳои вай накарда, ба саъба дӯғ мезанад:

– Э, аз куҷо пайдо шудӣ! Чуруқ-чуруқ-чуруқ карда ба бадам задӣ-ку. Гум шав аз болои сари ман. Мон, ки ман камтар роҳат кунам. Ман ба бачаи ту чӣ кор дорам. Дафъ шав аз назарам. Ҳар чӣ аз дастат ояд, ҳамонро кун!

Саъба аз ин рафтори фил ба гиря даромада, па-

рида ба пеши дӯсташ майна меравад. Майна ӯро дар ин ҳол дида, ором карда мепурсад:

– Саъбачон, ба ту чӣ шуд, чаро гиря мекунӣ?

– Дӯсти азизам, ман намедонам, ки чӣ кор кунам? Ба сарам бадбахтӣ омад.

Майна боз мепурсад:

– О, чӣ шуд, чӣ бадбахтӣ?

Саъба мегӯяд:

– Ду сол аст, ки як фил маро бадбахт мекунад. Ба як дарахт лона мегузорам. Аз куҷое вай омада, ба таги он дарахт хоб карда, худро ба дарахт мемоладу бачаҳои маро ғалтонда мекушад. Боз мегӯяд, ки ҳар чӣ аз дастат ояд, ҳамонро кун. Ман намедонам чӣ кор кунам? Ба ман маслиҳат деҳ.

Майна мегӯяд:

– Фил, ҳар чӣ аз дастат меояд, ҳамонро кун, мегӯяд. Номаъқул кардаст. Ғам нахӯр, ҳоло очаи зорашро нишон медиҳем. Ҳар кас бояд мувофиқи кирдори худ ҷазо бинад.

Ҳар ду пеши занбӯр мераванду воқеаро барояш мегӯянд. Занбӯр инҳоро гирифта пеши муш мебарад. Ҳар се воқеаро ба муш мегӯянд. Муш инҳоро гирифта пеши қурбоққа мебарад. Ҳама машварат карда ба як қарор меоянд, ки дигар фил ба таги ин дарахт наояд.

Занбӯр як гурӯҳ занбӯрро, муш як гурӯҳ мушро, қурбоққа як гурӯҳ қурбоққаро ҷамъ карда ба сӯи фил, ки дар таги дарахт хоб рафта, онро меларзонд, меоянд.

Саъба бо виқор ба фил мегӯяд:

– Эй фил, дигар аз ин ҷо рав, вагарна аҳволат бад мешавад.

Фил дар ғазаб шуда мегӯяд:

– Чӣ? Агар як бори дигар ин тавр гӯӣ, дарахтро аз бехаш канда ба сарат мезанам.

Ғурури филро дида мушҳо ҷаҳида ба болои фил баромада ба гӯшаш медароянд. Замбӯрҳо ба чашми фил ҳуҷум мекунанду мегазанд, чашмонаш варам мекунаду ҳеҷ ҷойро дида наметавонад. Қурбоққаҳо дар як лаби чуқурӣ истода қур-қур-қур кардан мегиранд, то фил ба он тараф раваду ба ҷарӣ афтад. Фил аз ҷой хеста мегурезад.

Фил аз дарди гӯш сарашро меҷунбонад, аз варами чашм ҳеҷ ҷойро намебинад, кӯр-кӯрона ба сӯи овози қурбоққа, яъне ба тарафи ҷарӣ рафта ба поён меғелад.

Худо раҳм кард, фил намурд, вале аз мурдан бадтар шуд. Ҳамин дам саъба фирри парида ба назди фил меояду мегӯяд:

– Уй, фил, аҳвол чӣ тавр?

Фил мегӯяд:

– Хеле бад. Ба ман ёрӣ деҳ.

Саъба мепурсад:

– Маро шинохтӣ?

Фил ҷавоб медиҳад:

– Чашмам варам аст, нашинохтам.

Саъба мегӯяд:

– Ман ҳамон саъба ҳастам, ки дарахтро ларзонда бачаҳои маро куштӣ.

Фил ҳоло фаҳмид. Аз кардаи худ пушаймон шуд. Аз саъбаяки хурдакак узр хост. Қасам хӯрд, ки дигар ба таги он дарахт намеояд.

Ана, ҳамин тавр, солҳои дигар, саъба ҳар сол ба он дарахт лона мегузошту тухм мемонду чӯҷа мебаровард. Бо чӯҷаҳояш хурсандона зиндагӣ карда, ба муроду мақсадаш расид.

# ОҲУИ ЧАМБАРШОХ ВА ПАЛАНГ

Буд, набуд, як оҳу буд. Шохҳои калон-калон дошт. Шохҳояш ба мисли шохҳои дарахт ба ҳар тараф паҳн буд. Вайро чамбаршох мегуфтанд. Чамбаршох дар ду тарафи ишкамаш холҳои сиёҳи зебо дошт.

Як рӯз паланге аз кӯҳ мефаромад, ки чашмаш ба чамбаршох афтид. Дар дилаш гуфт, ки кайҳо ин гуна ҳайвонро дар ин бешазор надида будам. Рост ба назди чамбаршох омад, то вайро нӯши ҷон кунад. Чамбаршох ба тарафаш омадани палангро дида, сарашро бардошта ба монанди ҳайкал шах шуда монд. Намедонист, ки чӣ кор кунад. Худ ба худ гуфт: «ҳоло, ҳар чӣ бодо, бод, бинем, ки чӣ мешавад». Паланг дид, ки ин ҳайвон намегурезад. Наздиктар омада пурсид:

– Ту кистӣ?

Ҷавоб дод:

– Ман чамбаршох.

Паланг боз пурсид:

– Чаро дар болои сари ту шохҳои зиёд?

Чамбаршох ҷавоб дод:

– Барои зада кафондану дарондани ишками паланг.

Паланг андаке тарсиду боз пурсид:

– Чаро ду тарафи ишками ту холҳои сиёҳ дорад?

– Ман то имрӯз палангҳои зиёдро бо ин шохам задаму хӯрдам. Ин холҳо миқдори палангҳои мурда.

Чамбаршох ба саволҳои паланг ҷавоб медоду қоматашро рост гирифта, худро дар ҳолати ҳуҷум нишон медод. Паланг ин гапҳоро шунида, ҳолти ҳамлаи вайро дида, гурехта рафт. Мегурехт, ки аз пешаш як рӯбоҳи маккор баромаду пурсид:

– Ҳа, паҳлавон, ин қадар ҳаросон мегурезӣ?

Паланг мегӯяд:

– Дар бешазори мо як балое пайдо шудаст, ки шоххои аҷибу ғариб дорад. Нотарсона ҷавоб медиҳад. Мегӯяд, ки шикори аслии вай паланг аст.

Рӯбоҳ қаҳ-қаҳ хандида мегӯяд:

– Эй паҳлавон, ин ҳайвони тарсу оҳуи чамбаршох аст. Туро тарсондаст. Рафтем, натарс, гӯшти вай ширин аст. Ту зӯрӣ, биқап ӯро ҳар ду маза карда мехӯрем.

Паланг ҳамоно аз тарс меларзид. Рӯбоҳ гуфт:

– Э, чаро ин қадар тарсу ларз. Натарс, маро ба пуштат савор карда ба назди вай бар. Ман дар ҳузури ту барояш мегӯям, ки вай як ҳайвони содаи тарсу аст.

Паланг розӣ мешавад. Рӯбоҳ ба паланг савор шуда ба назди чамбаршох мераванд. Чамбаршох онҳоро дида, ҳанӯз рӯбоҳ даҳан накушода ба сари вай дод мезанад:

– Эй рӯбоҳи маккор! Дирӯз ваъда карда будӣ, ки бароям ду паланг меорӣ, вале ту аҳмақ чаро як паланг овардӣ?! Ҳоло ман ҳар дуятро мехӯрам! – гуфта шохашро сахт ҷубонда, бо шаст ба пеш ҳаракат мекунад.

Паланг ин рафтори чамбаршохро дида, рӯбоҳ дар пушташ, чунон мегурезад, ки қафояшро нигоҳ намекунад. Дар роҳ рӯбоҳ аз болояш афтоду тӯъмаи паланг гашту чамбаршох ҷонашро аз паланг наҷот дода, ба муроду мақсадаш расид.

## ДУ БУЗИЧАИ ШӮХ

*Буд, набуд, будгор буд,*
*Замин набуд, шудгор буд.*
*Ду бузичаи ҳушёр буд.*
*Ҳар ду ҳам беқарор буд.*

Ин бузичаҳо бисёр шӯх буданд. Онҳо дар як сабзазоре, дар ду тарафи як ҷӯйборе чарида, давида, парида, бозӣ карда мегаштанд. Бузичаҳо хостанд, ки ба якдигар наздик бошанд. Як ҷо чарида, давида, парида, бозӣ карда гарданд. Барои ҳамин яке ба дигаре садо кард:

– Ӯй, ҷӯраҷон! Биё, ба ин тарфи ҷӯйбор! Ҳамроҳ чарида, давида, парида бозӣ карда мегардем.

Бузичаи дигар гуфт:

– Хуб шудаст.

Оби ҷӯйбор зиёд буд. Бузичаҳо аз ҷӯй гузашта наметавонистанд. Он тарафтар кӯпруки борике буд. Базӯр як кас мегузашт.

Ҳар ду бузича давида-давида, парида-парида баробар ба кӯпрук наздик шуданд. Дар як вақт ба болои кӯпрук баромаданд.

Бузичаҳо дар мобайни кӯпрук бо якдигар рӯ ба рӯ шуданду дар болои ҳамин кӯпруки борикак ба бозии шохзанӣ шурӯъ намуданд. Яке ду

пои пешашро боло карда, бо шохҳояш ба дигаре ҳамла кард. Дигаре ҳам ҳамин тавр кард. Яке гуфт:

– Биё, ба тарафи ман мегузарем.

Дигаре гуфт:

– Не, биё, ба тарафи ман мегузарем.

Хеле шохзанӣ карданд. Монда шуданд. Яке бо шохаш ба дигаре давид, дигаре бо шохаш ба ваяш парид. Яке мегуфт: «ман зӯрам», дигаре мегуфт «ман зӯртарам».

Бозикунон ҳар ду қафо рафта-қафо рафта, давида омада якдигарро заданду ҳар ду калла ба калла ба даруни ҷӯйбор афтиданд.

Об онҳоро ғелонда-ғелонда то поён бурд. Аз як ҷои камоб берун баромаданду хандиданду яке ба дигаре гуфт:

– Бозии каллазанӣ хуб набудаст.

Дигаре гуфт:

– Ана, акнун дар як тараф ҳастем. Биё, бозии дигар мекунем.

Бузичаҳо давиданду давиданд, париданду париданд ва дар як тарафи ҷӯй чариданду чариданд ва бо якдигар чун дӯстони меҳрубон зиндагӣ карда гаштанд.

## ОИНАИ ҶАҲОННАМО

Будаст, набудаст, дар замонҳои қадим як подшоҳ будаст. Вай подшоҳ се зан доштаст, вале фарзанд надоштаст. Рӯзе подшоҳ ба оина нигоҳ карда мебинад, ки чеҳрааш бисёр руҳафтода, ба торҳои мӯяш сафедӣ, дар рӯю пешонааш ожанг пайдо шудаст. Даст ба сараш бурдасту худ ба худ гуфтаст: «э воҳ, нисфи умрам гузашт, вале фарзанд надорам. Агар одам аз худ насли солим боқӣ нагузорад, ин дунёи фонӣ чӣ даркор?»

Подшоҳ худ ба худ ин гапро аз дил гузаронида, ба касе чизе нагуфта, ба аспаш савор шуда аз дарбор баромада «ҳар чӣ бодо, бод, рафтам» гуфтаст.

*Роҳ рафтасту роҳ рафтаст,*
*Аз баланду чоҳ рафтаст.*
*Бо одами маст рафтаст,*
*Дасту ба даст рафтаст.*
*Аз дарёи пуроб рафтаст,*
*Дар кӯҳҳо хоб рафтаст.*
*Бо хашму ҳашам рафтаст,*
*Чилим каш-кашам рафтаст.*

Подшоҳ рафта-рафта ба як дашти беобу бепоён расидаст. Он тарафаш кӯҳ, ин тарафаш дара, он тарафаш рег, ин тарафаш саҳро. На об асту на

оташ. Ба худ гуфтаст, ки «мани нодон чаро бо худ, оташ нагирифтам. Аз мобайни ин саҳрои азим ба чор тараф нигоҳ карда дидаст, ки аз як дарае оташе милт-милт намоён аст. Баъд ба тарафи ҳамон шуъла нигоҳ карда рафтан гирифтаст. Расидаст, ки як хаскаппа. Аз даруни ин хаскаппа ҷув-ҷув-ҷув садои чархи ресандагӣ ба гӯш мерасад. Подшоҳ ба паси хаскаппа омада гӯш медиҳад. Дар даруни ин хаскаппа як подабону занашу сето духтараш буданд. Духтарҳо дар пешгаҳи хаскаппа ба ҷогаҳи худ даромаданд. Зан ҷогаҳи шавҳарашро ба пойгаҳи даромадгоҳ андохту дар пеши чароғ, чархаашро тоб дода, аз подабон пурсид:

– Чол, чол, ҳамин занҳои подшоҳ зоида бошанд?

Ин гапро шунида подабон гуфтаст:

– Э кампир, ту ҳам як ахмақ будӣ, ман як подабон бошам, ман аз куҷо медонам, ки занҳои подшоҳ зоидаст ё не.

Ин гапро шунида, дасти кампир ба чӯби чарх бармехӯраду чархаш вайрон мешавад. Ҳар қадар тоб медиҳад, чарх кор намекунад. Кампир ҳам чархашро ғундошта мондасту хоб рафтаст. Вале хоби духтарони подабон, ки ҳар се ҳам ба синни балоғатанд, набурдаст. Духтари калонӣ гуфтаст:

– Агар подшоҳ мана гирад чизҳое дӯзам, ки дар дунё набошад. Қолине бофам, ки тамоми лашкари подшоҳ дар рӯи вай ҷо шавад.

Подшоҳ ин гапро шунида дар дилаш гуфтаст, ки «э духтари нодон, ман се зан дорам, ки ҳар кадомаш аз ту чевартаранд».

Баъд духтари мобайнӣ гуфтаст:

– Э апаҷон, агар подшоҳ маро гирад, беҳтарин хӯрокҳои дунёро мепазам, маззааш аз даҳонаш наравад. Як палав мепазам, ки тамоми мардумаш хӯраду боз ҳам боқӣ монад.

Подшоҳ инро шунида боз дар дилаш гуфтаст, ки «духтари беақл, ҳамаи занҳо хӯрок пухта метавонанд».

Баъд духтараки кенҷа гуфтаст:

– Агар подшоҳ маро гирад, як писари Заркокулу як духтари Маҳпешонӣ таваллуд мекардам.

Ҳар се духтарак бо орзуҳои ширин ба ҷойгаҳи худ даромада хоб рафтаанд. Гапи духтари сеюм ба дили подшоҳ ғулғула андохтаст. Зуд аспашро савор шуда аз роҳаш баргашта, ба қаср омадаст. Пагоҳии барвақт вазирашро ба наздаш ҷеғ зада гуфтаст:

– Гӯш кун, вазир, ба фалон ҷо меравӣ, аз пешат як дара мебарояд. Дар он ҷо як хаскаппа ҳаст. Дар вай хаскаппа як подабон зиндагӣ мекунад. Ин подабон се духтар дорад. Барои духтари хурдии подабон хостгор фирист. Ӯ ба ман Заркокулу Маҳпешонӣ таваллуд мекунад.

Вазир чанд пиразани хостгорро ба ҳамон ҷои подшоҳ гуфтагӣ фиристодаст. Хостгорҳо омада дидаанд, ки дар беруни хаскаппа як занак чархаашро давр зононда ришта ресида шиштаст. Пас аз салому алейку пурсу пос ба вай гуфтаанд:

– Мо аз ҷониби подшоҳи олам ба духтари хурдии шумо ба хостгорӣ омадем.

Очаи духтар ин гапро шунида ҳайрон мондасту гуфтаст:

– Подшоҳ, чи хел одам аст. Наход дар дунё духтари дигар набошад, ки ба як духтари подабон хостгор фиристад.

Асабонӣ шудаст. Чархаашро зада шикастасту ба хаскаппа даромадаст. Хостгорҳо ин гапро шунида рафтанд. Ҳамин дам духтари хурдӣ ба очаш мегӯяд:

– Наход, одам ҳамин хел ҷавоб диҳад. Охир, бо як сухани ширин ҷавоб диҳед, чӣ мешуд.

Ҳоло хостгорҳо дур нарафта, духтар аз хаскаппа давида баромадасту ба болои оштони кӯҳна баромад гуфтаст:

– Уууу, хостгорҳои подшоҳ, меҳмонони олиқадр, аз роҳатон баргардед.

Хостгорҳо мебинанд, ки як духтари моҳпайкар онҳоро даъват мекунад. Аз роҳашон бармегарданд. Духтар ба онҳо мегӯяд:

– Подшоҳ бо умед одам фиристодаст. Ин очаи ман нафаҳмидаст. Ба подшоҳ гӯед аз як дара рамаи гӯсфанд, аз як дара рамаи буз, аз як дара галаи оҳу, аз як дара галаи гову шутуру асп фиристад.

Хостгорҳо ин гапро шунида шод шуданду рафтанду воқеаро ба подшоҳ гуфтанд. Подшоҳ гуфтаст, ки ҳар чӣ духтар гуфтаст, иҷро кунед. Рамаю галаи бисёрро фиристода, духтари подабонро арӯс карда оварданд. Духтар зуд ҳомила шудаст. Подшоҳ ба вай тavaҷҷуҳи зиёд медодаст. Ҳамин ки вақти таваллуд наздик мешавад, подшоҳ ба шикор рафтасту гуфтаст, ки хабари таваллуди занамро ба ман расонед. Занҳои дигари подшоҳ аз рашку ҳасад як Пирзолро ёфта, ба вай тиллову танга дода гуфтаанд:

– Эй Пирзол, агар ту фарзандҳои ин занро нест кунӣ, як умр мо туро аз пулу мол таъмин мекунем.

Пирзол розӣ шудаст. Ҳамон бегоҳӣ саги Пирзол ҳам якчанд сагча зоидаст. Вай дутоашро гирифта ба назди зани ҳомилаи подшоҳ меояду мегӯяд:

– Духтаракам, ин таваллуди аввал аст, биё пеш аз таваллуд чашматро бандам.

Зани бечора розӣ мешавад. Пирзол чашми занро мебандад. Баъд зан як писари Заркокул мезояд. Ин Пирзол мегӯяд:

– Ибӣ, як сагча зоидӣ.

Пас аз як дам зан як духтари Маҳпешонӣ мезояд. Пирзол сагчаи дуюмро ба таги зан партофта мегӯяд:

– Ана, боз як сагча зоидӣ.

Баъд чашми бастаи занро мекушояду ду кучукбачаро нишон медиҳад. Ин ду кӯдакро Пирзол ба шавҳараш медиҳаду мегӯяд:

– Зуд ин ду кӯдакро бурда ба як ҷо кушта гӯр карда биё, ки на дӯст бинаду на душман.

Ба подшоҳ ҳам хабар мебаранду мегӯянд, ки занат ду сагбача зоид. Подшоҳ бе ҳеҷ фикр асабонӣ шуда фармон медиҳад:

– Ин шармандагист, заминро канда нисфи занро ба хок гӯр кунед. Ду синааш аз хок берун монад. Ин зани дурӯғгӯй як умр азоб кашида мурад.

Бечора духтари подабонро то миён гӯр мекунанд. Ҳамин ду сагбача шири вайро макида калон шудан мегиранд. Шавҳари Пирзол марди раҳмдил буд. Дилаш нашуд, ки кӯдакҳоро бикушад. Онҳоро ба даруни як бешазор партофту дар дилаш гуфт, ки зоғу заған мехӯрад.

Дар ҳамин бешазор як оҳу буд. Шикорчие бачаи оҳуро зада буд. Бечора оҳу синааш пури шир аз як тараф ба тарафи дигар медавид. Ногоҳ ин ду кӯдакро дида синаашро ба кӯдакҳо медорад. Ана ҳамин тавр кӯдакон бо шири оҳу калон мешаванд. Як рӯзашон, дурӯза, ду рӯзашон даҳрӯза, як моҳашон як сола, як солашон дусола шуданд. Рӯзе ҳамон шикорчӣ ба бешазор омада ҳамон оҳуро шикор кардан мехоҳад, ки ногоҳ чашмаш ба ин ду кӯдак меафтад. Ҳайрон мемонад. Зуд онҳоро гирифта ба хонааш мебарад. Шикорчӣ на зан дошту на фарзанд. Ӯ инҳоро ба парвариши худ мегирад. Кӯдакон калон мешаванд. Писар ҳамроҳи шикорчӣ ба шикор мераваду духтар бо кору бори хона машғул мегардад. Шикорчӣ дар байни дара як бинои зебо сохта, бо Заркокулу Маҳпешонӣ хурсандона зиндагӣ карда мегарданд.

Рӯзе аз рӯзҳо гапе паҳн мешавад, ки дар дарае як шикорчӣ писару духтаре дорад, ки бисёр зебоянд. Ин гап ба гӯши занҳои подшоҳ низ мерасад. Занҳои подшоҳ аз ин воқеа огоҳ шуда, зуд Пирзолро ба наздашон даъват мекунанду мепурсанд:

– Ту, Пирзол, моро фиреб кардӣ!

Сару мӯяшро мекананд. Пирзол қасам мехӯраду аз дасти онҳо халос шуда ба хонаш меояду аз шавҳараш пурсон мешавад. Шавҳараш ҳақиқатро барояш мегӯяд. Ҷони ҳама дар хатар шуд. Занҳо аз подшоҳ, Пирзол аз занҳои подшоҳ, пирмард аз занаш меҳаросанд. Зуд машварат мекунанду аз паи нобуд кардани Заркокулу Маҳпешонӣ мешаванд.

Як пагоҳӣ Пирзол асо ба дасташ ба тарафи қасри шикорчӣ меояду аз дур назорат мекунад. Шикорчӣ бо Заркокул ба шикор мераванд. Маҳпешонӣ дар хона танҳо мемонад. Пас аз фурсате Пирзол ба дами дар меояду тақ-тақ мекунад. Маҳпешонӣ мебарояд. Пирзол мегӯяд:

– Духтарам, роҳгузарам. Ҳаво гарм. Як коса обам бидеҳ.

Маҳпешонӣ мегӯяд:

– Марҳамат, бибиҷон, ба хона дароед.

Пас аз нӯшидани об Пирзол бо суханҳои ширинаш духтарро мафтун карда мегӯяд:

– Воҳ-воҳ! Чи қадар қаду қомати зебо. Дар ин қаду қомат барои ту куртае лозим аст, ки доманаш чарх занаду остинаш қарс.

– Ин курта дар куҷо, бибиҷон?

– Дар пушти кӯҳи Қоф. Бародарат ояд, барояш гиря куну «куртаи доманаш чарх мезадагию остинаш қарс мезадагӣ» мехоҳам гӯй. Вай зуд пайдо карда меояд.

Ин курта дар дасти девҳо буд. Касе орзуи ба даст овардани ин куртаро мекард, дар роҳ нобуд мешуд. Акнун Пирзол акаи духтарро бо ҳамин роҳ нест карданӣ буд. Бегоҳӣ Заркокул меояд. Духтар бо оби дида ба акааш мегӯяд:

– Акаҷон, ман куртаи доманаш чарх мезадагию остинаш қарс мезадагӣ мехоҳам.

Ака мепурсад:

– Хоҳарҷон, пайдо мекунем. Ин курта дар куҷост?

– Дар пушти кӯҳи Қоф.

– Барои ҳамин ҳам ашк мерезӣ? Ашк нарез.

Ман як хоҳарак дорам. Ӯ ҳар чи хоҳад, пайдо мекунам.

Бечора Заркокул баромада меравад, то ки ба хоҳараш ин куртаро пайдо кунад. Меравад, меравад, меравад, ки аз пешаш як хонаи гумбаздор пайдо мешавад. Дари онро мекушояд. Медарояд, ки дар он ҷо як девкампир хоб аст. Як рӯяш осмону як рӯяш замин, як гӯшаш суфраю як гӯшаш кӯрпа, бозуяш мисли мору даҳонаш чун ғор. Заркокул ин ҳайбати даҳшатнокро дида:

– Салом, бибиҷон, – мегӯяд.

Ин девкампири бадвоҳима чашмонашро ба мисли коса кушода, бо овози ваҳмангез ҷавоб медиҳад:

– Валейкум ассалом! Агар салом намедодӣ, мекардам як луқмаи хом. Ягон чизи хӯданӣ овардӣ?

– Ҳозир, бибиҷон.

Заркокул давида ба берун мебарояду аз ҷангал як оҳуро зада, ба аспаш бор карда меояду ба назди девкампир мепартояд. Девкампир оҳуро ду-се луқма мекунаду як оҳи дарднок мекашад. Заркокул мебинад, ки синаи девкампир хуншор. Дар сари синаи росташ як тири камон халида аст. Оҳиста наздик меояду мегӯяд:

– Иҷозат диҳед, ман шуморо аз ин дарди ҷонкоҳ халос кунам.

Девкампир мегӯяд:

– Агар ин корро кунӣ, ман як умр дар хизмати ту ҳастам.

Заркокул ба тири сари синаи дев наздик шуда, онро якбора кашида мегирад. Аз дарди ҷонкоҳ девкампир аз ҳуш меравад. Заркокул ба ҷои захм

мумиё мемолад. Девкампир пас аз як дам ба ҳуш меояд. Ин меҳрубониро дида девкампир мегӯяд:

– Ҷавони хуб будаӣ. Дар оянда ҳар чизе мехоҳӣ бигӯй, иҷрояш мекунам. Ман дигар ғуломи ҳалқа баргӯши ту ҳастам.

– Бибиҷон, ман як хоҳарак дорам. Хоҳракам як курта мехоҳад, ки доманаш чарх мезадасту остинаш қарс, ҳаминро аз куҷо пайдо кунам?

– Эҳеееe! Ин хоҳарат чизе мехостаст, ки вай дар ин дунё яке аст. Вай куртаи Гулпарӣ, духтари шоҳи париён аст. Хайр, майлаш.

Девкампир ба Заркокул як нома медиҳаду мегӯяд:

– Ма, ин номаро бигир. Бирав ба паси ҳо, ана он кӯҳ. Дар он ҷо апаи ман аст ба вай деҳ, вай мушкили туро осон мекунад.

Заркокул оҳуе шикор карда, ба сари зонуаш гузошта, аспро давонда, ба паси ҳамон кӯҳ меравад, ки дар он ҷо ҳам як хонаи гумбаздор аст. Ба дарунаш медарояд, ки як девкампири дигар аст. Салом медиҳаду оҳуро ба пешаш мегузораду:

– Саломалейкум. Ин туҳфаи ночиз барои шумо - мегӯяд.

– Валейкум бар салом! Агар салом намедодӣ, ман туро мекардам як луқмаи хом. Хизмат?

Заркокул номаро медиҳад. Ин девкампир номаро хонда мегӯяд:

– Ту ба кори хатарнок даст задӣ. Хайр, ҳич гап не. Аз ин ҷангал мегузарӣ. Аз пешат як гулҳавз мебарояд. Дар ин гулҳавз духтари шоҳи париён аст, номаш Гулпарӣ, бо дугонаҳояш омада оббозӣ мекунанд. Ту дар як пушти дарахт пинҳон

шав. Ҳамин ки онҳо куртаҳои худро кашида ба об даромаданд, ту оҳиста раву куртаи якумро гир. Ин курта аз Гулпарӣ аст. Баъд пасатро нигоҳ накарда гурез. Агар онҳо ҳар гап зананд ҳам, пасатро нигоҳ накун. Заркокул гуфти девкампирро кард. Духтарҳо бо суруду бозӣ омаданд. Барбари бозӣ кардан домани куртаи яке чарх мезаду остинаш қарс. Заркокул дида ҳайрон монд. Ҳама баъди шӯхию хандаю бозӣ куртаҳоро кашида ба гулҳавз даромаданд. Заркокул оҳиста омада ҳамон куртаро гирифту гурехт. Париҳо фаҳмида аз пушташ давиданд. Бача ба назди хонаи девкампир расиду оҳиста, бо таги чашм ба пушташ нигоҳ кард. Нигоҳ карду хокистар шуд. Девкампир инро назорат мекард. Зуд аз хона баромад. Париҳо вайро дида қафо гаштанд. Девкампир омаду хокистарро ба дасташ гирифта пуф кард. Хокистар зуд ба Заркокуле, ки дар бағалаш курта аст, табдил гашт. Девкампир гуфт:

– Ман ба ту чӣ гуфтам? «Ба қафо нигоҳ накун». Гапамро нагирифтӣ. Агар дар лаби ҳавз пасатро нигоҳ мекардӣ, ман дигар туро наҷот дода наметавонистам. Дар он ҷо ба мисли ҳазорон одамони дигар санг мешудӣ.

– Бале, бибиҷон, хато кардам. Гумон кардам, ки аз пуштам кадомеаш қапид.

– Шудагӣ кор шуд. Куртаро гирифта раву дигар пасатро нигоҳ накун. Чизи дигарро ҳам дар ёд дошта бош, ки акнун Гулпарӣ ошиқи туст.

Заркокул дигар пасашро нигоҳ накарда аспашро медавонад. Аз пасаш ҳаёҳуи зиёд мешавад, вале қафоро нигоҳ намекунад. Ба қасраш омада

куртаро ба хоҳараш медиҳад. Мепӯшад, ки доманаш чарх мезанаду остинаш қарс. Духтар шод мешавад.

Аз байн як ҳафта мегузарад. Пирзол барои фаҳмидани аҳвол боз ба хонаи духтар меояд. Духтар ба пешвозаш баромада, куртаи доманаш чарху остинаш қарс мезадагиро нишон медиҳад. Инро дида ҷони Пирзол ба лабаш меояд. Дар дилаш мегӯяд, «аз он ҷо касе барнагашта буд, ин чӣ хел баргашт? Ин дафъа барои чизе фиристам, ки дигар барнагардад».

Пирзол мегӯяд:

– Баҳ-баҳ, чӣ хел зебо! Акаат туро дӯст медоштаст. Акнун дар паҳлуи ин як чизи дигар бошад, ту ҳеҷ зиқ намешавӣ.

Духтар мепурсад:

– Вай чӣ, бибиҷон?

Пирзол мегӯяд:

– Як дарахт. Ин дарахт дар Боғи Ирам аст. Як шохаш хандидан мегирад, якташ гиристан мегирад; аз як шохаш барф мебораду аз шохи дигараш борон. Агар акат инро биёрад, барои ин хона чи хел зебанда аст.

Бегоҳӣ акаш меояд. Духтар ба акааш дар бораи дарахт ёдовар мешавад. Зораву тавалло карда, мегӯяд:

– Акаҷон, як бало кун.

– Барои курта рафтам, хеле азоб кашидам.

Духтар оби дида мекунад. Раҳми акаш меояду мегӯяд:

– Хайр, ҳеҷ гап не, инро ҳам бароят меорам.

Заркокул боз ба пеши ҳамон девкампир мера-

вад. Барояш оҳуву гавазну чизҳои хуб шикор карда мебараду бо девкампир очаву бача мешавад. Девкампир мегӯяд:

– Инаш кори мушкил. Барои ин дарахтро ба даст овардан ту бояд аз нақбе аз ин таги кӯҳ ба он тарафаш гузарӣ. Дар он ҷо дарахтзоре ҳаст. Якеро канда гирифта мегурезӣ, лекин мисли он дафъа пасатро нигоҳ намекунӣ.

Девкампир дар як дам нақб канда медиҳад. Заркокул мувофиқи гуфти девкампир амал мекунад. Як дарахтро меканаду мегурезад. Ҳафт қадам монда буд, ки аз пушташ посбонҳо медаванд. Хайрият, ин дафъа пасашро нигоҳ намекунад. Дарахтро оварда ба даруни боғ мешинонад, ки шоххҳои вай гоҳе механданд, гоҳе мегирянд; аз онҳо гоҳе борон меборад, гоҳе барф.

Аз байн боз чанд вақт мегузарад. Пирзол боз ба назди духтар меояд ва мебинад, ки акааш зинда баргаштаст. Ин дафъа роҳи найранги дигарро пеш мегираду барояш мегӯяд:

– Дар дунё як чизе ҳаст, ки тамоми гапи дунёро медонад. Номи вай оинаи ҷаҳоннамо аст. Агар акаат ба ту вайро орад, дигар ҳеч зиқ намешавӣ. Вай тамоми дунёро нишон медиҳад. Дар даруни вай духтарони зиёд ҳастанд, ки куртаҳое доранд, доманаш чарху остинаш қарс мезанад. Агар оинаи ҷаҳоннамо ҳамаи дунёро нишон додан гирад, дарахти ту ҳам гоҳ гирён мешаваду гоҳ хандон, аз вай гоҳ барфу борон меборад. Дигар зиқ намешавӣ.

Пирзол ин гапро гуфта меравад. Бегоҳӣ Заркокул аз шикор меояд. Хоҳарашро зиқ мебинад.

– Ҳа, чӣ шуд, хоҳарҷон? – мегӯяд.

Хоҳараш ҷавоб медҳад ки:

– Акаҷон, дар дунё як оинаи ҷаҳоннамо будаст. Вай тамоми оламро нишон медодаст.

Акаш асабонӣ мешавад.

– Ту охир сари маро барбод медиҳӣ.

Духтар ба гиря медарояд. Боз раҳми акааш меояду ба сафар мебарояд. Барои туҳфа ба девкампир чанд оҳу шикор мекунад, бузғолаву барра мегираду меравад. Девкампир Заркокулро дида мегӯяд:

– Ҳа, писарам, боз чӣ гап?

– Ин дафъа хоҳарам оинаи ҷаҳоннамо мегӯяд.

– Фаҳмо. Ба назарам, ба хоҳари ту ягон кас ёд медиҳад. Хайр, майлаш. Мана, ин номаро гиру ҳо, ана ба он ғор рав. Дар он ҷо ҳафт писари ман ҳаст, ҳафт деви паҳлавон. Баробари ба ғор даромаданад, онҳо «пуф, бӯи одамизод-бӯи одамизод» мегӯянд. Саросема нашав, натарс. Онҳо посбони шоҳи париён ҳастанд. Ҳамин номаро деҳ. Номаро мегиранду туро ба даруntари ғор бурда, дар назди оинаи ҷаҳоннамо мегузоранд. Ин оинаи шоҳи париён аст. Дар ин оина тамоми дунёро мебинӣ. Оҳиста назди оина раву онро беозор ба бағалат андозу қафо-қафо аз ғор барову ба аспат савор шуда пасатро нигоҳ накарда биё. Бачаҳои ман намегузоранд, ки париҳо аз қафои ту давида оинаро гиранд.

Заркокул гуфти девкампирро иҷро мекунад. Девҳо баробари ба ғор даромадани ӯ «пуф, бӯи одамизод» мегӯянд. Ҷавон пас аз салом зуд номаро медиҳад. Девбачаҳо номаро хонда мегӯянд,

ки «хайр, ҳафта будем, ҳашта шудем». Ҳафт дев Заркокулро зиёфат мекунанду баъд хоб мераванд. Ҳамин ки хоби онҳо бурд, Заркокул оинаро гирифта мегурезаду ба хона меояд. Оинаи ҷаҳоннаморо ба хоҳараш медиҳад. Хоҳар тугмаи онро тоб медиҳад, ки тамоми дунёро мебинад. Ҳайрон мемонад. Тугмаи дигарашро тоб медиҳад, боз воқеаҳо, суруд, ракс, бозӣ, шӯхӣ – ҳар чӣ ҳаст, вале бесадо, фақат сурат. Хоҳар шод шуда, дастони худро ба гардани акаш андохта ба вай ташаккур мегӯяд.

Аз байн чанд вақт мегузарад. Боз Пирзол меояд. Баргаштани акаи духтарро дида, аз рашку ҳасад дилашро гургон тороҷ менамоянд. Ғаму ғусса мехӯрад. Найранги охирини худро ба кор мебараду ба духтар мегӯяд:

– Ана, ҳамаш хуб. Фақат як чиз намерасад. Ин булбули гӯё аст. Ту дар оинаи ҷаҳоннамо сурати тамоми дунёро бо суруд рақсу бозиааш мебинӣ, вале беовоз. Агар акат булбули гӯёро орад, дигар тамом. Вайро ба даруни оинаи ҷаҳоннамо мемонӣ. Ҳамин ки оина ҳама чизро нишон додан гирад, булбули гӯё ба гап даромада гуфтан мегирад, сароидан мегирад. Ту куртаи доманаш чарху остинаш қарсатро пӯшида, рақс мекунию хурсанд мешавӣ. Вай хондан гирад, аз дарахт гоҳ садои хандаву гоҳ гиря меояд, гоҳ барф мебораду гоҳ борон. Дигар зиқ намешавӣ.

Маҳпешонӣ ин гапро шунида ин қадар шод шуд. Бегоҳӣ акаш омад. Хеле нозу нуз карду чизе нагуфт. Куртаи доманаш чарху остин қарсро пӯшид. Ба таги тут омад. Шохҳояш хандону гирён

мешуду барфу борон меборид. Тугмаи оинаи ҷаҳоннаморо пахш намуд, ки тамои дунёро беовоз медид. Баъд хеле зарифона ба акааш гуфт:

– Акаҷон, барои ҳамааш аз замин, то осмон ташаккур. Лекин як чизро бароят гӯям, ё нагӯям?

– Бигӯ, боз чӣ?

– Ҳамин оинаи ҷаҳоннамо гап намезанад, фақат сурат дорад. Суратҳо мехонанду менавозанду гап мезананд, вале садояшон шунида намешавад.

– Пас чӣ бояд кард?

– Мегӯянд, ки булбулигӯё будаст. Агар ҳамонро пайдо кунӣ, тасвирҳои оинаи ҷаҳоннамо гап мезананд.

Заркокул як оҳ мекашаду дар дил мегӯяд, ки «гапи хоҳарам дуруст аст». Боз аспи тездавашро савор шуда, ба пеши девкампир меравад. Девкампир мегӯяд, ки:

– Писарҷон, тую хоҳрат як душмани сахт доретон, вале эҳтиёт, шаветон. Ин дафъа ин кор хатари сахт дорад. Рав ба пеши хоҳарат, барояш гӯй, ки дар як коса ҷурғот монад. Вай бояд ба коса нигоҳ кунад. Агар ба сари ту хатари сахт ояд ранги ҷурғот хун мешавад. Дигар тамом.

Заркокул ба хоҳараш ин гапро гуфта, ба назди девкампир меояд. Девкампир барояш роҳ нишон медиҳад:

– Аз ин кӯҳ гузашта меравӣ, як дара пайдо мешавад. Ду кӯҳи ин дара ба якдигараш шараққос мезанад, боз кушода мешавад, мезанад боз кушода мешавад. Ту як дам нигоҳ карда, баъд баробари кушода шудани кӯҳ, зуд аз байни он бидуни ист гу-

зашта рав. Мегузарию мебинӣ, ки ҳайкалҳои сангини зиёд аст. Ҳамаи онҳо барои гирифтани булбули гӯё омада санг шудаанд. Дар паҳлуи яке аз сангҳо меистию «булбулигӯё! Биё, ба сарам шин!» гуфта, садо мекунӣ. Агар бахтат омад кунад, ба сарат омада мешинад. Баъд ту булбулигӯёро гирифта меравӣ. Агар бахтат омад накунад, мисли ҳамон одамон ту ҳам санг мешавӣ.

Заркокул ба дара меояд. Хеле даҳшатнок. Ба ҳамдигар зада, кушода шудани ду кӯҳро мебинад. Баъди як дам бо шаст аз байни ду кӯҳ сиҳат саломат мегузарад. Дар паҳлуи ҳайкали аввали сангин омада меистаду бо садои баланд мегӯяд:

– Бубулигӯё, биё, ба сарам шин!

Булбул намеояд. То зону санг мешавад. Бори дуюм садо мекунад:

– Бубулигӯё, биё ба сарам шин!

Булбул намеояд. То гарданаш санг мешавад. Бори сеюм бо фиғон садо мекунад:

– Бубулигӯё, биё, ба сарам шин!

Бубул намеояд. Бача тамоман санг мешавад.

Шабу рӯз ду чашми хоҳар ба ҷурғот буд. Яке духтар мебинад, ки ҷурғот хун шудаст. Зуд ба аспаш савор шуда, ба роҳи бародараш рафтагӣ меравад. Ба хонаи ҳамон девкамир мерасад. Девкампир мефаҳмаду мегӯяд:

– Акат барои ту меҳрубонтарин одам буд. Ҳамаи хизматро бароят кард. Лекин овардани булбулигӯё кори хеле мушкил буд. Ҳоло кор аз кор гузашт. Рав аз паси наҷоти акаат.

Девкампир фаҳмонд, ки чӣ бояд кунад. Духтар ҳам ба ҳамон дара омаду давида аз байни ду кӯҳ

гузашт. Дид, ки майдони васеъ пур аз ҳайкали бешумор. Акааш ҳам дар паҳлуи ин ҳайкалҳо, ҳайкал шудаст. Духтар ба назди ҳайкали акаш омада, сари ду зону нишаста, бо садои хеле гуворои дилнишину таъсирбахш бо оҳанги хушнаво аз дилу ҷон нола мекунад:

– Эй бубулигӯё, биё ба сарам шин!

Ин аввалин садое буд, ки хеле фораму нозуку занона буд. Садоҳои пешин ҳама мардона буданд. Булбул то ин дам чунин садои гӯшнавозро нашунида буд. Садо ба булбул мефорад. Духтар се маротиба «Эй, бубулигӯё, биё, ба сарам шин!» гӯён садо менамояд. Булбулигӯё баробари шунидани садои сеюм омада ба сари духтар мешинад. Ҳамин дам тамоми ҳайкалҳо одам мешаванд. Ба ҳам задани ду кӯҳ ҳам таққӣ мемонад. Заркокул, ки санг шуда буд, ба аслаш бармегардад. Хоҳараш гирёну нолон ба гардани акаш мечаспад.

Ҳама ба булбулигӯё ҳуҷум мекунанд. Яке мегӯяд «бубулигӯё аз ман», дигаре мегӯяд «не, аз ман». Сеюми мегӯяд, ки «ман сад сол аст дар ин ҷо санг шудам, аз ман», чорумӣ мегӯяд «ман дусад сол шуд, ки санг шудам, аз ман», панҷуми мегӯяд, ки «ман ҳазор сол аст, ки интизорам, булбулигӯё аз ман».

Баъд худи булбулигӯё ба гап медарояду мегӯяд:

– Бас! Шарм кунед! Ман аз ҳеч кадоми шумо нестам. Худоро шукр кунед, ки ҳамаи шумо санг будед, дубора одам шудед. Агар нолаи ин духтар намебуд, шумо абадӣ санг мемондед. Ҳоло шумо нафси худро идора накунед, дубора ба таври

абадӣ санг мешавед.

Мардон тарсиданд. Ночор монданд. Дигар ғавғо набардоштанду ба тақдир тан дода, ҳар кадомаш ба булбулигӯё, духтару бародараш сипос гуфта рафтанд. Бародару хоҳар бо булбулигӯё ба хона омаданд. Булбилигӯёро ба даруни оинаи ҷаҳоннамо гузоштанд. Оинаи ҷаҳоннамо ҳазор гуна тамошоро – сароидан, рақсидан, давидан, паридан, воқеаҳо, ҳодисаҳоро нишон медиҳад, булбулигӯё гапи онҳоро мерасонад.

Аз байн боз чанд вақт гузашт. Боз Пирзол омаду ин давру давронро дида, ҳасодаташ бештар шуд. Ба духтар гуфт:

– Акат бароят ин қадар меҳрубонӣ кард. Акнун ту ҳам ба вай як меҳрубонӣ кун. Барояш Гулпариро оварда деҳ.

Духтар гуфт:

– Рост мегӯӣ, бибиҷон. Вай дар куҷо?

Пирзол мегӯяд:

– Дар Боғи Ирам.

Пирзол гумон кард, ки Гулпарӣ ҳардуро нест мекунад. Духтар ба бародараш нагуфта, либосҳои мардона ба тан карда, барои овардани Гулпарӣ рафтан мехоҳад. Ҳамин дам оинаи ҷаҳонамо фаъолияти духтарро нишон медиҳаду булбулигӯё бо овози баланд хабар медиҳад. Заркокул инро мебинаду мешунавад ва давида назди хоҳараш меояду мепурсад:

– Чи гап? Сафар ба хайр?

Табассум мекунад. Гуфтан намехоҳад. Акааш маҷбур мекунад. Маҳпешонӣ ночор мегӯяд:

– Ту ин қадар ба ман корҳои шоиста кардӣ,

ман ҳам хостам бароят Гулпариро орам.

– Не, хоҳарҷон. Вай дар ҷои хатарноку устувор аст, вале маро дар ҷустор аст. Ҳамин куртаи доманаш чарху остинаш қарс мезадагӣ аз вай аст. Ту духтар ҳастӣ, ин кори ту нест, ман худам меравам у меорамаш.

Заркокул медонад, ки Гулпарӣ дар куҷост. Боз ба назди девкампир меравад. Девкампир мегӯяд, ки барои овардани Гулпарӣ булбулигӯёро бо худ гир. Заркокул ба қаср омада, булбулигӯёро бо худ мегирад. Баъд бо ёрии писарони девкампир нақб канда, рост аз хонаи Гулпарӣ мебарояд. Гулпарӣ Заркокулро дар хонааш дида ҳайрон мемонад. Ҳамин дам булбулигӯё, ки вай ҳам замоне тобеи Гулпарӣ буд, воқеаро мегӯяд. Гулпарӣ дигар ночор мемонаду ҳамроҳи Заркокул меравад. Гулпарӣ нигини сеҳргарӣ дошт. Нигинашро як ба атроф медорад, зуд қасру кушки гунбаздоре ҳамроҳи боғу роғаш пайдо мешавад, ки дар кишвари подшоҳ ин хелаш вуҷуд надошт.

Рӯзе подшоҳ бо ходимонаш ба шикор мебарояд. Ногоҳ мебинад, ки дар як гӯшаи кишвараш қасре пайдо шудаст, ки аз қасри вай зеботару хубтару ободтар. Ҳайрон мемонад. Худ ба худ мегӯяд, ки «шояд ин дар замини подшоҳи ҳамсоя бошад». Ҳамин дам шарақ-шарақ дарвоза ба ду тараф кушода мешаваду як ҷавоне мебарояд, ки ин қадар зебо. Подшоҳ пас аз салому алейк мепурсад:

– Ин қасри зеборо мо бори аввал мебинем. Мумкин аст тамошо кунем?

Заркокул мебинаду намедонад, ки вай подшоҳ

аст. Сирро бой надода «ҳозир аз соҳибаш пурсам» мегӯяду ба назди Гулпарӣ меравад. Одатан париҳо ҳамаи воқеаҳоро медонанд. Гулпарӣ мегӯяд:

– Ин подшоҳи кишвар аст, падари туст.

Заркокули ҳайрон:

– Чи хел? – мегӯяд.

Гулпарӣ:

– Ҳоло подшоҳро ба қаср даровარда меҳмон кун, баъд мефаҳмӣ – мегӯяд.

Подшоҳ ба қаср медарояду ҳангу мангаш меканад. Чунин қасрро дар хобаш ҳам надида буд. Гулпарӣ зуд ба париҳояш фармон дод. Дар як дам сад навъ хӯрок омода шуд. Подшоҳ ин гуна зиёфатро дар тамоми умраш надида буд. Баъди зиёфат ва ҳурмату эҳтиром подшоҳ Заркокулро ба меҳмонӣ даъват кард. Баъди рафтани подшоҳ Гулпарӣ оинаи ҷаҳоннаморо тоб медиҳад. Вай нишон додан мегирад, булбулигӯё саргузашти модари Заркокулу Маҳпешониро нақл кардан мегирад. Оинаи ҷаҳоннамо тамоми саргузашти подшоҳ, Заркокулу Маҳпешонӣ, модараш ва сагбачаҳоро нишон медиҳаду булбулигӯё ҳикоят менамояд. Акаю хоҳар ин воқеаи даҳшатокро дида, даст ба гардани якдигар андохта гиря мекунанд. Гулпарӣ онҳоро тасалло медиҳаду мегӯяд:

– Подшоҳ шуморо даъват мекунад. Ман намеравам. Занҳои подшоҳ медонанд, ки шумо зинда. Ҳамаи ин корҳо, ки ту ба куртаи доманаш чарху остинаш қарс рафтӣ, дарахтро овардӣ, оинаи ҷаҳоннамро пайдо кардӣ, булбулигӯёро дастрас

намудӣ ва маро овардӣ, барои нобуд кардани шумоён буд. Ҳоло ҷони онҳо дар хатар аст, онҳо боз ҳам мехоҳанд, ки шуморо нест кунанд. Оинаи ҷаҳоннаморо бинед, дар хонаи подшоҳ барои шумо чи омодагӣ мегиранд.

Гулпарӣ оинаи ҷаҳоннаморо тоб дод, булбулигӯё гуфтан гирифт. Занҳои подшоҳ дар пешгоҳи айвони зебо барои меҳмонон ҷои ҷудогона омода карданд. Ба ҳама чиз заҳр пошиданд. Ҳатто дар ҷои нишаст.

Гулпарӣ гуфт:

– Дидед? Ба меҳмонӣ фақат ҳар дуи шумо, ки фарзанди подшоҳ ҳастед, равед. Вақте ки ба даромади қаср наздик мешавед, ак-аки ду сагро мешунавед. Ин сагҳо ҳар касро бинанд, мекафонанд. Вале ба шумо коре надоранд. Чунки бо шири модари шумо калон шудаанд. Шумо ба ҳамон тарафи ак-аки саг равед. Занеро мебинед, ки то гардан дар даруни хок аст. Ба подшоҳ мегӯед, ки аввал ин занро аз хок берун барор, баъд мо ба қасрат медароем. Подшоҳ асабонӣ мешавад. Шумо гӯед, ки «чӣ хел одамизод саг мезояд?» Оинаи ҷаҳоннамою булбулигӯёро ҳам бо худ бареду пеш аз зиёфат тоб диҳед, вай ҳамаро ба онҳо ҳам намоиш медиҳад ва ҳам ҳикоят мекунад.

Фардо одамони подшоҳ омада, Заркокулу Маҳпешониро ба меҳмонӣ даъват карданд. Ба дарвозаи қаср рафтанд, ки ду саг ак-ак мекунад. Заркокулу Маҳпешонӣ давида ба наздаш рафтанд. Занҳои парешонҳоли подшоҳ омада гуфтанд, ки:

– Наравед, наравед, ин саг одами бегонаро ду пора медаронад.

Вале саг чунин накард, балки омада бо ду пояш ба гардани Заркокулу Маҳпешонӣ часпид. Ҳама ҳайрон монданд. Заркокулу Маҳпешонӣ давида ба назди зан рафтанду сару рӯи вайро бӯса карда, ашк рехтанд. Подшоҳ тамоман гиҷу гаранг шуд. Заркокул ба подшоҳ гуфт:

– Олиҷаноб, аввал ин занро аз ин ҷо халос карда ҳаммом доронда меоред, баъд мо ба қаср медароем.

Подшоҳ асабонӣ шуду гуфт:

– Ин зан дурӯғгӯй аст.

Заркокул гуфт:

– Дурӯғро ин нагуфтаст, дигарон ба шумо гуфтанд. Кадом зан дар дунё саг зоидаст?

Подшоҳ ин гапро шунида, як таккон хӯрду барои фаҳмидани ин роз зуд фармон дод, ки занро аз хок берун оварда, ҳаммом кунонда оваранд.

Хидматгорон:

– Марҳамат, марҳамат дароетон – гуфтанд.

Заркокул гуфт:

– Олиҷаноб, ба пешгаҳи хона занҳои шумо шинанд, мо ба пойгаҳ мешинем.

– Не-не, шумо меҳмони олиқадри ман ҳастед, ин хел намешавад.

Ҳама ҳайрон дар беруни қаср рост истоданд. Заркокул гуфт:

– Пас оинаи ҷаҳоннаморо мебинему гуфтори булбулигӯёро мешунавем, баъд ба зиёфат медароем.

Ҳама бо диққат оинаи ҷаҳоннаморо тамошо

мекарданду ба гуфтаҳои булбулигӯё гӯш медоданд. Ҳамаи воқеа аз аввал то охир маълум шуд. Занҳо роҳи гурезро пеш гирифтанд. Подшоҳ дар ғазаб шуда, ба дасту пои онҳо занҷир баст. Фарзандонашро ба оғӯш кашиду зор-зор гиря кард. Занҳою Пирзолро ба думи аспи мода басту аз қафои вай аспҳои нарро сар дод. Онҳо пора-пора шуданду гӯшташон туъмаи зоғу заған гардид. Табибҳои зиёд ба табобати зани вафодори подшоҳ машғул гаштанд.

Ана, ҳамин тавр, Заркокулу Гулпариро чил шабу чил рӯз тӯй карда, дар тӯй шикорчиву подабону занашу духтароҳояшро даъват карда, ҳама ба муроду мақсад расиданд, худоё, мову шумо ҳам бирасем.

# МОҲИГИР, МОҲИИ ТИЛЛО ВА ПОДШОҲ

Буд, набуд, як моҳигири пир буд. Занаш мурда буд. Фақат як писар дошт. Ҳар рӯз бо писараш ба лаби дарё рафта моҳӣ мегирифт. Писараш касби падарашро ёд гирифт.

Рӯзе моҳигир беҳолу бемадор баргашт. Бемор шуд. Ҳис кард, ки дигар охири умраш аст. Ба писараш васият кард, ки касби ӯро хор накунад, моҳигириро давом диҳад. Моҳигир аз дунё гузашт, писараш танҳо монд. Писар падарашро гӯру чӯб кард. Баъд мувофиқи васияти падар рафт ба лаби дарё барои моҳигирӣ.

Шасташро ба дарё партофт, вале кораш барор нагирифт. То бегоҳӣ як дона моҳӣ ҳам ба шасташ наёмад. Наздики шом буд, ки бахташ омад кард. Як моҳие ба шасташ афтод. Моҳиро гирифта дид, ки бисёр зебост, тиллоӣ, рангоранг. Мафтуни вай шуд, накушт. Худ ба худ гуфт: «ин моҳиро мебарам ба хона, ман касе надорам, танҳо ҳастам. Як ҳавзча меканаму об пур карда, вайро дар он ҷо мемонам. Тамошо карда аз зебоияш лаззат мебарам».

Ба ҳавлӣ омад, як ҳавзча канд, об пур кард, дар ҳамон ҳавзча моҳиро сар дод. Рӯзи дуюм боз рафт барои моҳигирӣ. Аз лаби дарё баргашту ба ҳавлӣ

даромада ҳайрон монд. Ҳайрон монд, ки ҳавлии норӯфта, рӯфтагӣ, чизҳои чиркин, тозаву озода.

Ба хона даромад, ки ҳамаи либосҳо, кӯрпачаҳо шуста, ҷо ба ҷо карда мондагӣ. Дар ҳайрат шуд, ки инро кӣ карда бошад? Кунҷковиаш омаду ба ин тарафу он тараф нигоҳ карду ба машомаш бӯи хуши хӯрок омад. Ба ошхона даромада дид, ки таомҳои гуногун пухта мондагӣ. Аз таомҳо хӯрд, ки бисёр лазиз аст. Ба ҳар гӯша, ин тараф, он тараф нигарист, ки касе нест.

Тамоми шаб дар ҳайрат монд, ки ин кори кӣ бошад? Бо сад андеша рӯзи дигар ҳам ба моҳигирӣ рафт. Бегоҳ шуд. Вақти говгум ба хона омад, ки боз ҳама ҷо рӯфтагӣ, тоза кардагию таомҳои бисёр лазиз пухта мондагӣ. Имшаб ҳам мисли шаби гузашта гузашт, бисёр хушҳолу димоғаш чоқ шуд.

Ин дафъа пагоҳӣ хесту ба ҳар тараф назар карду худаш ба худаш овоз дод: «ман рафтам» гуфту аз дарвоза баромаду ба як ҷой пинҳон шуд. Нигоҳ карда истод, ки «канӣ, ин корҳоро: рӯфтану тоза кардану таом пухтанро кӣ мекарда бошад?». Оҳиста аз қафои хона ба болои бом баромад. Дар як гӯша пинҳон истоду ба ҳар тарафи ҳавлӣ чашм андохт. Нигоҳ кард, ки аз даруни ҳамон ҳавзча, ҳамон моҳии тиллоӣ як чарх зада, ба мисли як духтари зебою Маликаи моҳлиқо ба берун баромад. Ҷорӯбро гирифта ҳама ҷои ҳавлиро об зада рӯфт. Замоне ки хонаро мерӯфт, ҷавон аз бом худашро партофту фуромад. Ин Малика моҳигирро дида, гуфт:

– Бисёр саросема шудӣ, чанд рӯз сабр мекардӣ беҳтар буд.

Ҷавон гуфт:

– Ман ҳайрон, тоқатам тоқ шуд, ту кистӣ?

Малика гуфт:

– Хайр, акнун, ки бесабрӣ кардӣ, чанд душворӣ ба сарамон меояд. Ман ҳамонам, ки ту маро накушта, зинда нигоҳ доштӣ, дигар тамоми умр ман бо туям.

Қисса кӯтоҳ, онҳо хонадор шуданд, ҷавон ҳар рӯз ба моҳигирӣ мерафт, духтар бо кору бори хона машғул мешуд. Рӯзе ҷавон ба моҳигирӣ рафту подшоҳ, бо вазираш, ба шикор баромад. Подшоҳ бисёр ташна монд. Дид, ки дар ҳамин назидикиҳо як ҳавлӣ ҳаст. Ҳар ду омаданд, ки аз ҳамин ҳавлӣ об гиранд. Вазираш аз дарвозаи нимкушод ба даруни ҳавлӣ нигоҳ карду ба подшоҳ ишорат кард. Ҳар ду диданд, ки як духтари бисёр зебо, дар ҳусну латофат беҳамто ҳавлӣ мерӯбад. Подшоҳ баробари дидани духтар дил аз даст дод. Вазир гуфт:

– Эй духтар, дар ин ҳавои гарм ташна мондем, ба мо як коса об бидеҳ.

Ин духтар, яъне Малика, як кӯза обу коса оварду пешкаши онҳо кард. Вазир бурд обро ба подшоҳ дод ва худаш ҳам нӯшид. Пас аз обро нӯшидан вазир ба подшоҳ гуфт:

– Дидед?

Подшоҳ ҷавоб дод:

– Бале, дурри якто!

Подшоҳ ошиқи ҳамон Малика шуд. Пурсуков карданд, фаҳмиданд, ки дар ҳамин ҷо моҳигире зиндагӣ мекардасту ин соҳибҷамол зани ҳамон моҳигир будаст. Вазир гуфт:

– Оличаноб, чои ин Малика қасри подшоҳ аст. Коре карда ин Маликаро аз он чо ба қаср овардан даркор.

Подшоҳ гуфт:

– Чи тавр?

Вазир гуфт:

– Дунё пури найранг аст, якеро ба кор баред. Чавонро даъват кунеду гӯед, ки молиёти падару бобою бобокалонат, ки солҳо напардохтаанд, ин қадар мешавад, ба ҳамон маблағ бароям як қаср соз, вай наметавонад. Пас мегӯед, ки ба ивазаш занатро деҳ.

Рӯзи дигар подшоҳ ба моҳигир одам равон карда, ӯро ба арк овард. Моҳигир ба пеши подшоҳ омад. Подшоҳ ба ӯ гуфт:

– Моҳигир, чандин солҳост, ки падару бобою бобокалони ту дар ҳамин кишвари ман зиндагонӣ карданд, аммо обпулӣ, хонапулӣ, заминпулӣ надоданд. Ба маблағи ҳамин дар рӯ ба рӯи арки ман, як қасри тиллоӣ сохта медиҳӣ.

Чавони моҳигир гуфт:

– Эй подшоҳи олам, ман як моҳигирам, барои шумо аз кучо қасри тиллоӣ созам.

Дар ҳамин вақт подшоҳ дар қаҳр омаду гуфт:

– Чаллод! Сарашро бизан!

Бечора моҳигир гирякунон гуфт:

– Оличаноб, чил рӯз муҳлат диҳед, ман фикр кунам.

Чил рӯз муҳлат гирифту гирёну нолон омад ба хона. Малика аҳволи ӯро дида пурсид:

– Чӣ шуд?

Гуфт:

– Умрам тамом шуд. Подшоҳ ба ман фармуд, ки қасри тиллоӣ соз.

Малика як табассум карду гуфт:

– Ғам нахӯр, ғусса мадор. Чанд рӯз муҳлат гирифтӣ?

– Чил рӯз.

– Барои ман ин кор саҳл аст. Гирди ғаму ғусса нагард.

Аз ин мобайн сию нӯҳ рӯз гузашт. Моҳигир бо тарсу ҳаяҷон ба пеши Малика омад. Малика гуфт:

– Эй моҳигир, аз он ҷое, ки маро ба шаст гирифтӣ, ба ҳамон ҷо рав. Ба соҳили дарё наздик шаву бо овози баланд «Харбарзангӣ!» гуфта дод зан. Ҳамон дам аз даруни дарё касе мебарояд. Ба ӯ гӯй, ки маро духтари хурдии подшоҳи париҳо равон кард; ба ман ҳамон бӯғчаи духтари хурдии подшоҳро диҳед, то ман ба ӯ барам.

Баъд моҳигир рафт ба ҳамон ҷое, ки ин Малика ба шасташ афтода буд. Омаду бо овози баланд «Хар-бар-зан-гииииии!!!» гуфта, садо баровард. Дар ҳамон замон як махлуқи хеле бадҳайбати азимҷусса «лаббай!» гуфта баромад. Баробари шунидани овози Харбарзангӣ дунё ларзиду моҳигири бечора беҳуш шуд. Харбарзангӣ ба рӯи вай об пуф кард, ки ба ҳуш омад. Пурсид:

– Ман Харбарзангӣ ҳастам, чӣ хизмат?

Моҳигир гуфт:

– Маро духтари хурдии подшоҳи париён равон кард. Бухчешонро медодед.

– Итоат, ҳозир – гуфту ба об рафт. Баъд аз андак вақт бӯғчаро баровард доду гуфт:

– Марҳамат, гиред, мана ин бӯғча духтари хурдии подшоҳи париён.

Моҳигир бӯхчаро гирифта, оварда ба Малика дод. Малика ба моҳигир гуфт:

– Инро вақти саҳар ба ҳамон ҷое бурда мепартоӣ, ки бояд қаср бисозӣ. Пас аз партофтан ба қафоят нигоҳ накарда баргард. Як қасри беҳамто бунёд мешавад. Баъд рост ба арки подшоҳ раву қасрро нишон бидеҳ. Қасрро подшоҳ қабул мекунад, ҳангоми ба зинаи дуюм баромадан як зина намерасад. Подшоҳ ба ту мегӯяд, ки «як зина намерасад-ку», ту гӯй, ки «вақт кам буд, инашро устоҳои худатон ҳам месохтагистанд».

Моҳигир бӯхчаро гирифта бурду ба ҳамон рӯ ба рӯи қасри подшоҳ партофт.

Рӯзи чилум подшоҳ аз хоб бедор шуду ба берун нигоҳ кард ва ҳайрон шуд. Ҳайрон шуд, ки ҳар рӯз офтоб аз Шарқ мебаромад, имрӯз аз Ғарб. Нури офтоб ба арк мезанаду шуълаи вай ба чашми подшоҳ. Ҳама дар ҳайрат буданд. Подшоҳ гуфт:

– Равед, хабар гиред, ки ин чӣ гап, ҳар рӯз офтоб аз тарафи Шарқ мебаромад, имрӯз аз тарафи Ғарб баромадаст.

Хизматгорон омаданду гуфтанд:

– Эй подшоҳи олам, ҳамон қасре, ки шумо фармудед тайёр шудаст. Вай моҳигир мегӯяд, ки подшоҳ қасрро қабул кунад.

Подшоҳ ҳамроҳи вазиру вузаро ва моҳигир қасрро давр заданд, ҳама ҳайрон монданд. Бисёр қасри зебою назаррабо, як хишт аз тиллову як хишт аз нуқра. Нақшу нигори деворҳо сангҳои

қиматбаҳо, ҷавоҳирот, лаъл, ёқут ҳамаш ҳайратовар. Подшоҳ ҳангоми ба табақаи дуюм баромадан дид, ки як зина кам аст, ба моҳигир нигоҳ карда гуфт:

– Ин ҷо як зина намерсад-ку.

Моҳигир ҷавоб медиҳад:

– Оличаноб, вакт кам буд. Ин як зинаяк аст, инашро устоҳои худатон ҳам месохтагистанд.

Аз ин гапи моҳигир подшоҳ хиҷолат кашиду натавонист гӯяд, ки ин зинаро ҳам худат бисоз. Подшоҳ ба устоҳои худаш фармуд, онҳо чандин ҳафтаҳо зӯр заданду ҳамин як зинаро мисли он сохта натавонистанд. Сарзаниш кард, лаънат хонд. Подшоҳ ана ҳамин хел золим буд, мардумро ҷабр мекард. Халқ аз вай норизо буд.

Подшоҳ аз давлату савлати худ ифтихор мекард. Рӯзҳо гузашт, вале фикри подшоҳ ба ҳамон Малика, зани моҳигир кашол буд. Ҳусну латофати ӯ аз пеши чашмонаш намерафт. Як рӯз ба вазир гуфт:

– Дар дунё подошоҳе мисли ман нест, ки ин қадар ҳашамату савлату давлат дошта бошад. Ин қасрро бин, ин боғу роғро бин. Мардум ҳама дар хизмати ман.

Ҳамаи ин шуҳрату айшу ишрат аз зулму истибдоду ҷабру ҷафо буд, вале подшоҳ ифтихор мекард.

Ҳамин дам вазири хушомадгӯи ҳилагар гуфт:

– Агар дар ҳамин давлату ҳашамат, дар ин қаср ҳамон Малика мешуд, чи қадар хуб буд.

Подшоҳ бо алам гуфт:

– Як қаср бисоз гуфтем, ки вай иҷро кард, вайро

нобуд карда нашуд.

Вазир гуфт:

– Оличаноб, дар дунё кори намешудагӣ нест. Шумо подшоҳ ҳастед, ҳамаи чизҳои беҳтарин азони шумост. Дар дунё ҳилаву найранг бисёр аст. Боз якеро мегӯям. Ин дафъа инашро иҷро карда наметавонаду худаш нобуд мешавад.

Подшоҳ пурсид:

– Чӣ найранг?

Вазир гуфт:

– Барояш мефармоед, як тухме пайдо кунад, ки аз дарунаш як гов барояд.

Подшоҳ бо ғазаб гуфт:

– О, ин номумкин аст-ку. Чӣ хел аз даруни тухми мурғ гов мебарояд?

Вазир бо суханони ширину рангин гуфт:

– Подшоҳи олам, мақсади мо ҳам ҳамин аст, ки вай натавонаду дигар гум шуда раваду Малика аз шумо шавад.

Аз қадим ба подшоҳ вазиру мушовирони ҳасуду нодон машваратҳои беҷо медоданд. Подшоҳ ба гапи вазир даромаду бечора моҳигирро, ки нав рӯзгори осуда пайдо карда буд, ба пешаш даъват кард. Подшоҳ ба моҳигир гуфт:

– Эй моҳигир, барои қасри сохтаат, офарин. Одаме, ки чунин қаср сохтааст аз даруни тухме бояд як гов барорад.

Моҳигир худашро гум карду гуфт:

– Оличаноб, охир, ин мумкин нест-ку! Чӣ хел аз даруни тухми мурғ гов мебарояд?!

Подшоҳ зуд ба ҷаллод нигоҳ кард:

– Ҷаллод!!! Ин чӣ гап! То имрӯз касе гапи маро рад накардаст. Даррав сари инро аз тан ҷудо кун.

Моҳигир аз ин рафтори подшоҳ ба тарс даромада гирякунон гуфт:

– Олиҷаноб, боз чил рӯз муҳлат диҳед.

Моҳигир чил рӯз муҳлат гирифта, гирёну нолон ба пеши Малика омад. Малика, ки аз ҷинси париён буд, барояш таҳияи ҳама чиз осон буд.

– Эй моҳигир, ғам махӯр, ғусса мадор. Ин корҳо саҳл аст. Сабр кунӣ, аз ғӯра ҳалво мепазад, гуфтаанд. Аз паи зиндагиат шав.

Сию нӯҳ рӯз зуд гузашту рафт. Моҳигир ҳаяҷонзада шуд. Ин дафъа маргро бар гардан гирифт. Худ ба худ фикр мекард, ки Малика маро дилдорӣ намуд.

Малика гуфт:

– Ғам нахӯр, боз ҳам ба ҳамон ҷое рав, ки маро аз он ҷо ба шаст гирифта будӣ. Боз ҳамон Харбарзанигиро садо кун. Вақте ки Харбарзангӣ аз даруни об намоён шуд барояш гӯй: «агар мурғи духтари дуюми подшоҳ тухм зойида бошад, ҳамонро ба ман диҳед, ки ба духтари хурдӣ барам».

Моҳигир боз ба соҳили дарё омаду бо садои баланд ҷеғ зад:

– Хар-бар-зан-гииии!!!

Аз даруни дарё як чизи бадҳайбати бадшакли бисёр ваҳмангез баромада:

– Лаббай! Ман дар хизмати шумо – гуфт.

Моҳигир зуд бо ҳаяҷон мегӯяд:

– Маро духтари хурдии подшоҳ фиристод. Он кас гуфтанд, ки агар мурғи духтари дуюми подшоҳ зойида бошад, як дона тухмашро диҳед, то ман ба он кас барам.

Харбарзангӣ шалаппос ба дарё рафту зуд баромада гуфт:

– Марҳамат, ҳозир мурғ зойида будаст. Ана, ин тухм.

Моҳигир тухмро гирифта ба пеши Малика омад. Малика ба моҳигир гуфт:

– Ин тухмро пагоҳ рӯзи чилум бароям бар. Лекин нисфирӯзӣ рав. Подшоҳ туро аз саҳар интизор ва аз дер кардани ту асабонӣ аст. Дарбориёнаш, хизматгорон, лашкар ҳама ҷамъанд. Эълон шудагӣ, ки аз даруни тухм гов мебарояд. Ҳама дар ҳайрат. Дар ҳамин вақт ту дар мобайни майдон барою тухмро ба замин зан. Ҳамин, ки тухмро ба замин задӣ, аз дарунаш як гов мебарояд. Ту худат дар гӯшае исту тамошо кун. Гов бо шохаш ҳамаро мезанад. Баъд подшоҳ аз ту илтиҷо мекунад, ки говро бигир, дигар ба ту коре надорам. Ту ба гов бигӯ, ки эй гов, ба ҷои худат рав. Гов худашро зуд ба дарё меандозад.

Моҳигир нисфирӯз ба арки подшоҳ рафт. Замоне ки моҳигир ба арки подшоҳ расид, ҳама ҷамъ шуда буданд. Барояшон ин муъҷиза буд, ки чӣ хел аз даруни тухми мурғ гов мебарояд. Моҳигир ҳам ба мобайни майдон баромаду тухмро ба замин зад. Аз дарунаш як гови калони бадҳайбат «бӯӯӯӯӯӯ» гӯён баромада, рост ба ҷониби подшоҳу вазир рафт. Бо шохаш онҳоро чунон мезад, ки тамоми лашкар халос карда натавонист. Подшоҳу вазир фиғон кашида мегуфтанд:

– Тавба кардем, дигар ба ту кор намефармоем! Моро аз ин бало халос кун.

Онҳо зораву нолаи бисёр карданд, раҳми

моҳигир омаду овоз дод:

– Эй гов, ба ҷойи худат рав.

Гов ҳамон замон худашро ба дарё андохт. Подшоҳ гуфт:

– Пас аз ин рӯз, дигар мо ба ту коре надорем.

Моҳигир ҳам ба назди Малика омаду ҳарду хушу хурсандона зиндагӣ карда гаштанд. Пас аз моҳҳо боз ғурури подшоҳ баланд шуду гуфт:

– Магар мисли ман дар дунё подшоҳе ҳаст?

Боз вазир гуфт:

– Дуруст аст, вале дар ин давлату савлату ҳашамат ҳамон Малика лозим аст.

Ҳаваси подшоҳ нисбати Малика боз баланд шуд. Ғурураш ҷӯш заду гуфт:

– Дидӣ, ки нобуд кардани ин моҳигир чи хел душвор аст. Пас Маликаро ба дарбор чӣ хел орем?

Вазир боз маслиҳат дод:

– Медонед, подшоҳи олам. Як кор фармудан даркор аст, ки аз уҳдаи он баромада натавонаду Маликаро ба даст оред.

Подшоҳ гуфт:

— Чӣ кор?

Вазир гуфт:

– Гӯйед, ки ту як кӯдаки навзод ёфта биё, ки вай гап занад. Ин корро вай ҳеҷ гоҳ карда наметавонад. Дигар дар ҷустуҷӯи кӯдак меравaду нобуд мегардаду Малика аз шумо мешавад.

Ин маслиҳат ба подшоҳ маъқул шуд. Ба моҳигир одам фиристод. Вақте ки моҳигир омад, барояш гуфт:

– Эй моҳигир, ту муъҷизакорӣ, аз ту мехоҳам,

ки як кӯдаки навзод пайдо кун, ки вай сухан гӯяд.

Моҳигир гуфт:

– Эй подшоҳи олампаноҳ, дар куҷо шунидед, ки кӯдаки навзод гап задаст?

Подшоҳ дод зад:

– Ҷаллод!

Моҳигири бечора тарсиду ларзиду гуфт:

– Хайр, чӣ илоҷ, боз чил рӯзи дигар муҳлат диҳед.

Чил рӯз муҳлат гирифта, давида ба назди Малика омад. Малика, ки аз ҳама кор хабардор буд гуфт:

– Ғам нахӯр, ғусса мадор, ин корҳо барои ман осон аст.

Сию нуҳ рӯз зуд гузашт. Малика ин бор ҳам ба моҳигир гуфт:

– Рав, ба ҳамон ҷое, ки маро ба шаст даровардӣ. Боз Харбарзангиро садо кун. Харбарзангӣ, ки аз об баромад гӯй, ки агар духтари калони подшоҳи париён таваллуд карда бошад, ҳамон навзодро ба ман диҳед, ки холаи хурдеш диданӣ аст.

Моҳигир омад. Харбарзангиро садо кард. Харбарзангӣ баромад. Моҳигир гуфт:

– Агар духтари калонии подшоҳ таваллуд карда бошад, кӯдакашро ба ман диҳед ба духтари хурдии подшоҳ барам, ки он кас мехоҳанд хоҳарзодаи навзоди худро бинанд.

Харбазангӣ даруни об рафту ба як латтапора кӯдаки навзодро печонда овард:

– Мана, гир, ҳозир ба дунё омад.

Моҳигир кӯдакро гирифту ба хона омад. Дар роҳ дид, ки кӯдак лахти гӯшт аст. Дар дилаш

гуфт, ки ҳамин ҳам гап мезада бошад. Ҳамон замон кӯдак ба гап даромад:

– Ҳой, язна, сар диҳед, ман худам пеши холем мерам – гуфта, аз бағали моҳигир худашро ба замин партофту дав-давон аз вай пештар ба хона омад.

Вақте ки ба хона омад, нигоҳ кард, ки ҳамон тифл ба дасти Малика. Малика дубора вайро парпеч карда ба моҳигир доду гуфт:

– Кӯдакро гирифта рав. Подшоҳ ин бор ҳам тамоми мансабдору лашкарашро ҷамъ мекунад. Вақте ки ҳама ҷамъ шуд, ту кӯдакро дар ихтиёри худаш мон, ки ҳар коре кунад, кардан гирад. Ту дар як гӯша истода тамошо кун.

Моҳигир навзодро гирифта рафт. Ҳама ҷамъ шуданд. Моҳигир ба подшоҳ гуфт:

– Марҳамат, гиред, ин аст навзоди шумо мехостагӣ.

Подшоҳ ба рӯи кӯдаки дар бағали моҳигир буда, нигоҳ карду бо тамасхуру писханд гуфт:

– О, ту як порча гӯштро овардӣ, интизор нашудӣ, ки ақаллан як ҳафтаӣ ё даҳрӯза мешуд.

Ҳамин замон навзод ба гап даромад:

– Ту беинсоф, маро як парча гӯшт мегӯӣ. Ту золимӣ, ҳасудӣ, бахилӣ, нотавонбинӣ...

Подшоҳ аз ин таҳқир ҳайрон шуда гуфт:

– Чӣ гуфтӣ, аҳмақ.

Кӯдак гуфт:

– Худат аҳмақ, вазират аҳмақ, одамони дарборат аҳмақ!!!

Подшоҳ дар ғазаб шуда фармуд:

– Ҷаллод!!! Калтакро гир! Зуд ин кӯдаку моҳигирро ба хок яксон кун!

Кӯдаки навзод аз бағали моҳигир худашро ба замин партофту гуфт:

– Киро ба хок яксон кунад?!

Давида аз ҷаллод пештар калтакро гирифту подшоҳу вазиру мансабдорону ҷаллодонро задан гирифт. Аммо ба мардуми тамошобин нарасид. Доду вой, гурезо гурез сар шуд. Кӯдак подшоҳу вазиру ҷаллодро гурехтан намонд, онҳоро зада ба замин чаппа кард. Касе пайдо нашуд, ки ин навзоди хурдакакро бидорад. Кӯдак онҳоро асир карду тоҷро аз сари подшоҳ гирифта, ба сари моҳигир гузошт. Мардум аз ин рафтори кӯдак шоду аз зулми подшоҳ озод шуданд.

Ана, ҳамин тавр, моҳигиру Малика аз имтиҳони зиндагӣ гузашта, соҳиби тоҷу тахту қасру боғу роғ шуданд. Мардум ҳам аз зулми подшоҳи золим халос гаштанд. Онҳо ба муроду мақсадашон расиданд, мову шумо ҳам бирасем.

# ДАР ИШҚИ МЕҲРМОҲ

Буд, набуд, дар замонҳои қадим подшоҳе буд. Ӯ писаре дошт. Писараш шикорро дӯст медошт. Ҳар бор ӯ ба домани кӯҳе мерафт. Дар он ҷо ҷангале буд. Ин ҷангал паранда ва ҳайвонҳои гуногун дошт. Дар он ҷо ҳавлиҳое низ буд, ки дару девораш аз шохбастаҳо буд.

Шаҳзода бо дӯстонаш шикор мекард. Ногоҳ дар осмон уқоберо дид. Тири камонашро ба сӯи уқобе, ки чарх мезад, равон кард. Кӯдакон низ аз дунболи шикорчиён мерафтанду гоҳе ба осмон ва гоҳе ба шикорчиён менигаристанд. Шаҳзода уқобро нишон гирифту тир кушод. Уқоби тирхӯрда аз осмон ба замин, ба ҳавлии пиразане афтод. Кӯдакон уқоби афтодаро дида, ба ҳавлии пиразан давиданд. Шаҳзода низ аз дунболи онҳо ба он ҳавлӣ даромад. Пиразан ҳайоҳуи кӯдакон ва уқоби афтодаро дида, бо афсӯс нигоҳ карда, ба наздаш омад. Шаҳзода ба пиразан эҳтиром ба ҷо овард:

– Дуруд бар шумо, модарҷон – гуфт.

– Дуруд, писарам. Бечора уқоб… шумо, шикорчиён бераҳмед.

Уқоб аз болаш тир хӯрда, вале намурдаст.

Шаҳзода ба пиразан гуфт:

– Шикор кардем, шикор… модарҷон… Иҷозат диҳед сайдро гирам.

– Бифаро, бигир, писарам.

Шаҳзода ба пиразан чанд танга медиҳад ва мегӯяд:

– Модарҷон, моро ниёише кунед, ки дар оянда ҳам шикори бобарор дошта бошем.

Кӯдакон низ ба Шаҳзода мегӯянд: «Ба мо ҳам… ба мо ҳам…». Шаҳзода аспашро каме дуртар ронда, ба кӯдакон мегӯяд: «аз дунболи ман». Кӯдакон медаванд. Шаҳзода як мушт танга ба замин пош медиҳад. Онҳо машғули чидан мешаванд. Шаҳзода ба назди пиразан меояду дубора хоҳиш мекунад:

– Модар, моро ниёиш кунед.

Пиразан даст ба осмон мегӯяд:

– Худоё, тандуруст бошу ба ишқи Меҳрмоҳ гирифтор шав.

Шаҳзода мепурсад:

– Меҳрмоҳ кист?

Пиразан ҷавоб медиҳад:

– Духтари бисёр зебо, доно, зирак, мисли парӣ, садҳо ҷавон ошиқи вай ҳастанд.

– Меҳрмоҳ дар куҷост? – мепурсад шаҳзода.

– Барои ба мурод расидан бояд тамоми дунёро давр занӣ. Шикор карда хӯрда хоб рафтан хуб нест, сафар карда ҷаҳон дидан хуб аст.

– Ташаккур, модар.

Шаҳзода дар сари китф уқоби тирхӯда, сӯи қасри шоҳ омад. Шоҳ омадани писарашро мебинаду мегӯяд:

– Ба назарам, шикорат барор гирифтааст.

– Бале, падар.

– Ҳоло баркамол шудаӣ, метавонӣ ҷойгузини падар бошӣ.

Ба пеши назари Шаҳзода чеҳраи Меҳрмоҳи хаёлӣ намоён шудан мегирад. Аз падар мепурсад:

– Падар хӯрда хоб рафтан хуб аст, ё сафар карда ҷаҳон дидан хуб аст?

– Албатта, сафар карда ҷаҳон дидан. Хӯрда хоб равӣ нодон мемонӣ, писарам. Вале сафар кунӣ, дунёро мебинӣ; бо расму оинҳои мардум ошно мегардӣ; талхию ширинии рӯзгорро мефаҳмию доно мешавӣ.

– Пас, ба ман иҷозат диҳед, ба сайри ҷаҳон бароям.

Шоҳ як лаҳза бо ҳайрат ба писараш менигараду ночор мемонад:

– Хайр, модоме ки чунин тасмим гирифтӣ, сафари ҷаҳон кун.

Шаҳзода аспсавор ба кишварҳои олам сафар мекунад. Барояш дидани макон, кӯҳ, дашт, расму оин ва саргузашти одамон ҷолиб буд. Аз ҳар кишваре чизе меомӯзад. Шаҳзода ба як шаҳри қадим мерасад, аспашро ба корвонсаро баста, хӯрҷин дар китф қадам мезанад. Ба бозор медарояд. Бо растаи ҳунармандон, зардӯзон, гулдӯзон, кабкбозон, сагбозон, ҳатто қиморбозон ошно мешавад.

Ба назди оҳангарон меояд, ба кори онҳо зеҳн мемонад. Шамшер, сипар, досу каланд, шохаву табар – ҳар чиз мебинад. Ба растаи заргарон мерасад. Чизҳои заргариро ба даст гирифта тамошо мекунад. Бисёр хушнамост. Чанд чизе мехарад.

Ба гӯшаи бозор, ба дорбоз, карнаю сурнай, масхарабозони хурду калон менигарад. Нигоҳаш ба пирамарди мӯйдарози лӯхтакбоз, ки дар даст

чанд лӯхтак, ба хурдсолон афсона мегуфт, меафтад. Афсонаҳои ӯ бисёр ҷаззоб буд. Пирамарди мӯйдароз дар даст лӯхтак дар нақши шоҳ ба лӯхтак мегӯяд: «вазир, ин дуздро ба зиндон бар». Вазири лӯхтак ҷавоб медиҳад, ки «хуб шудаст». Лӯхтакмодар бо гиря мегӯяд: «Шоҳам, ин писари ман аст, дуздӣ накардаст». Лӯхтаки кал сарашро хорида: «Подшоҳи олам, ин дафъа бахшедаш». Лӯхтаки дузд: «Ман дуздӣ накардаам, очаҷон, маро халос кунед».

Мардуми тамошобин бо завқ механданд. Онҳо аз ҳар тараф овоз бароварда ба лӯхтакбоз пул дароз мекунанд: «Халос кунед, мана ин пулро гиреду халос кунед, марҳамат, халос кунед». Тамошобинон ба пеши лӯхтакбоз пул мепартоянд.

Шаҳзода ҳам пуле медиҳаду аз пирамард мепурсад:

– Эй марди фозил, бароям чанд лӯхтак мефурӯшӣ?

– Эй марди оқил, бале, бифармо.

Шаҳзода чанд лӯхтак мехараду онҳоро дар даст бозикунон меравад. Мераваду мераваду ба кишваре мерасад. Бегоҳ буд. Дар сари роҳ бачаҳо бозӣ мекарданд. Пиразане дар назди дарвозааш ба бозии бачаҳо менигарист. Шаҳзода бо завқ як ду лӯхтакашро ба ду дасташ гирифта, ба афсонагӯӣ шурӯъ кард.

– Буд набуд, будгор буд…

ЛӮХТАКИ 1: …замин набуд шудгор буд…

ЛӮХТАКИ 2: …як бобои шалғамкор буд, шалғами вай нокор буд.

Шаҳзода бо нигоҳаш ба осмон ишорат мекунад:

– Ин Буд, кӣ буд?

Лӯхтакҳо баробар мегӯянд:

– Худо буд…

Бачаҳо завқ мебаранд.

Пиразани дар таги дарича нишаста низ шодон мегӯяд:

– Офарин, писар, хуб гуфтӣ, писар… Худо буд…

– Дуруд, модар.

– Бар шумо ҳам дуруд, писар.

– Ин ҳадя бар шумо.

Шаҳзода ба пирзан чизе ҳадя доду гуфт:

– Метавонам имшаб меҳмони шумо бошам?

– Меҳмон атои Худост, писар, марҳамат. Лекин як хоҳиш, шаб ба берун набаро, ки ба бало гирифтор мешавӣ.

– Хуб шудаст, модарҷон.

Шаб нисф шуд. Шаҳзодаро хоб набурд. Кунҷковиаш зиёд шуду ба берун баромад. Мисле, ки офтоб баромада нисфи шаҳр рӯшан шуду нисфи дигараш торик. Ҳайрон монд.

Субҳ дамид. Офтоб баромад. Пиразан ба таги дарахте машғули коре буд. Шаҳзода ба ӯ наздик шуду пурсид:

– Модарҷон, хобам набурд. Бубахшед, шаб ночор берун баромадам, ки нисфи шаҳр гӯё офтоб асту нисфаш торик. Ин чӣ муаммо?

– Ба берун набаро, гуфтам, баромадӣ. Пас маҷбурам, ки бигӯям. Ин Меҳрмоҳ аст. Шаби тобистон ба берун хоб меравад. Хоб ки рафт, ҳангоми паҳлу гаштан як тарафи рӯяш нисфи

шаҳрро рӯшан мекунад, агар ба паҳлуи дигар баргардад, нисфи дигари шаҳрро рӯшан мекунад.

– Меҳрмоҳ... Модарҷон, ман дар ҷустуҷӯи вай ҳастам, чӣ хел метавонам ба мурод бирасам?

– Ҳазорон ҷавонони донову тавоно омаданду шарташро иҷро карда натавониста, ба ишқаш сӯхта рафтанд. Вай шарт дорад, агар шарташро иҷро кунӣ, ба мурод мерасӣ.

Шаб фаро расид. Шаҳзода ба самти қасри Меҳрмоҳ равон шуд. Хизматгорон ӯро ба наздаш burданд. Ӯ бо ҳаяҷон, хӯрҷини лӯхтакҳо дар китф ба қасри Меҳрмоҳ даромад. Ӯ чунон зебо буд, ки дар шаби торик тамоми қаср чун офтоб рӯшан буд. Меҳрмоҳ ба Шаҳзода мегӯяд:

– Эй ҷавон, шояд беҳуда овора шудӣ?

Шаҳзода хоксорона мегӯяд:

– Иҷозат диҳед, бахтамро санҷам.

– Шарт ҳамин аст. Ин хонаи хоби ман аст. Ман дар бистари хоби худ такя бар болин нишаста, мехобам. Дар байни ману ту пардаи нафисе аз порчаи дебо ҳаст. Мо якдигарро мебинем. Ту коре кун, ки то саҳар хоби ман набарад. Барои ин чанд шартро бояд иҷро кунӣ: бо овози баланд гап назанӣ, сахт ва бардурӯғ нахандӣ, доду фиғон накунӣ, бо дасту по тап-тап зада ҳаракатҳои беҷо нанамоӣ.

– Хуб шудаст.

Шаҳзода зуд яке аз лӯхтакҳояшро ба дасти рост гирифт. Меҳрмоҳ қаблан ин гуна лӯхтакро надида буд. Шаҳзода ба лӯхтакаш гуфт:

– Дуруд, ба ту, эй дӯсти меҳрубон.

Шаҳзода аз номи лӯхтак, бо садои бисёр пасту кӯдаконаи зебо, ҷавоб дод:

– Дуруд, сарвари азизам. Ту зираку доноӣ, ҳушёру тавоноӣ барои ман чанд афсонаи пурмуаммо пайдо шудаст, ки барои ҳалли онҳо ёрӣ расон.

Лӯхтак гуфт:

– Ба ҷону дил, бифармо.

Лӯхтак оҳиста ҳаркати зарифона кард. Ба сӯи Меҳрмоҳ назар андохт. Чашмак зад. Табассум кард. Меҳрмоҳ бо кунҷи чашм ба лӯхтак нигаристу аз вай хушаш омад. Ба лабонаш табассум пайдо шуд. Дар дил гуфт: «Аҷаб, одамчаи зебо». Шаҳзода ба лӯхтак гуфт:

– Подшоҳе будаст. Булбули хушхоне доштаст дар қафаси тилло. Аз сароидани вай лаззат мебурдаст. Рӯзе ду булбули дигар омада, ба болои қафас нишаста чизе гуфтанду рафтанд. Подшоҳ аз булбули худ пурсон шудаст, ки онҳо чӣ гуфтанд. Булбул гуфтаст, ки онҳо хешовандони ман ҳастанд, маро ба тӯй даъват карданд. Подшоҳ фикр кардасту гуфтаст, ки агар озодат кунам, аз кишвари булбулон ба ман чӣ меорӣ? Булбул гуфтаст, ки як донаки зардолу, ки дар чил рӯз ҳосил медиҳад. Агар пирамарди беморе меваи онро хӯрад, солим, ҷавон ва зебо мемонад.

Лӯхтак мегӯяд:

– Бигӯ, бигӯ, баъд чӣ шудаст?

Шаҳзода мегӯяд:

– Подшоҳ булбулро сар додаст. Булбули вафодор пас аз тӯю тамошо мувофиқи ваъда баргаштасту донаке овардаст.

Лӯхтак мегӯяд:

– Баргаштаст? Ман мебудам, барнамегашам.

Шаҳзода мегӯяд:

– Бале, вафодориро бин, баргаштаст. Донакро коштанд. Пас аз чил рӯз меваи зардолу пухтаст. Рӯзи чилу якум подшоҳ як пири бемори нимҷонро оварда ба боғбон гуфтаст, ки як дона аз меваи зардолу орад.

Лӯхтак мегӯяд:

– Пирамард мехӯраду саломату ҷавон мешавад.

Шаҳзода мегӯяд:

– Не, сабр кун. Пирамард зардолуро хӯрдасту мурдаст.

Лӯхтак мегӯяд:

– Э вой, бечора.

Шаҳзода мегӯяд:

– Подшоҳ сари булбулро аз тан ҷудо кардаст. Дар тамоми кишвар гапи аз хӯрдани зардолу мурдани пирамард паҳн шудаст.

Лӯхтак мегӯяд:

– Бидуни пурсиш сар буридаст?

– Бале! Гӯш кун баъд чӣ мешавад. Ин гапро шунида як мӯйсафеди камбағалу касал пинҳонӣ ба боғ даромадаст. Ба болои дарахти зардолу баромада, зардолу хӯрдан гирифтаст, то ки зудтар мурад. Вале пирамарди бемору камбағал намурдаст, баръакс, солим ва ҷавони зебо шудаст. Дар ҳамин вақт боғбон омада, вайро дузд гумон карда меқапад, кашола карда ба пеши подшоҳ мебарад.

Лӯхтак мегӯяд:

– Худо зад бечораро.

Шаҳзода мегӯяд:

– Не, гӯш кун. Пирамард гуфтаст, ки дузд нестам. Ман як пирамарди камбағалу дардманд ҳастам. Аз мардум шунидам, ки касе зардолу хӯрда мурдаст. Ман ҳам хостам, ки тезтар мурам. Сер шуда зардолу мехӯрдам, ки боғбон маро дастгир кард. Лӯхтакҷон, медонӣ чӣ?

Лӯхтак мегӯяд:

– Не, намедонам.

Шаҳзода мегӯяд:

– Подшоҳ бехабар буд, ки боғбон барои пирамарди аввал, ки мурд, аз таги дарахт зардолу оварда буд ва мор онро заҳролуд карда буд.

Лӯхтак мегӯяд:

– Ана, гап дар куҷо?

Шаҳзода мегӯяд:

– Эй дӯсти азиз, пас ҷавоб бидеҳу бигӯ, барои марги пирамард кӣ гунаҳкор аст?

Лӯхтак мегӯяд:

– Албатта, боғбон. Вай аз болои дарахт бояд зардолу меовард, на аз таги он.

Шаҳзода мегӯяд:

– Офарин, дӯсти азиз, гапат дуруст аст.

Ҷавоби лӯхтак ва тасдиқи Шаҳзода барои Меҳрмоҳ писанд наомад.

Меҳрмоҳ гуфт:

– Эй ҷавон, дӯсти худро донову донишманд мегӯӣ, вале ҷавобаш хато аст. Гунаҳкор боғбон нест, подшоҳ аст.

Шаҳзода мегӯяд:

– Чаро?

Меҳрмоҳ мегӯяд:

– Агар подшоҳ пеш аз куштани булбул воқеаро тафтиш мекард, боиси марги булбули бегуноҳ намешуд. Подшоҳ пеш аз ҳукм бояд воқеаро дақиқ тафтиш кунад.

Шаҳзода ба лӯхтак нигоҳ карда мегӯяд:

– Эй дӯсти азиз, ту хато кардӣ! Гуфти Меҳрмоҳи хирадманд дуруст аст. Ман туро доно гуфтам, вале хато кардам, наёфтӣ.

Лӯхтак бо забони ширини кӯдакона хоҳиш мекунад:

– Не, ман ҳам доноям. Бовар накунӣ, боз як ҳикоят гӯй, ки муаммо бошад, ман ҷавобашро пайдо мекунам.

Шаҳзода мегӯяд:

– Хуб шудаст. Гӯш кун, дар ду тарафи дарё ду деҳа будаст, ки дар байни онҳо кӯпруки дарозе будаст. Дар назди он кӯпрук роҳзане пайдо шуда, одамони шабгузарро ғорат карда, ба дарё меандохтаст. Боре ин роҳзан аз рафтори худ даст кашидаст.

Лӯхтак мегӯяд:

– Ин аҷиб-ку! Чӣ хел шудаст?

Шаҳзода мегӯяд:

– Дар яке аз ин ду деҳа чӯпонписари хоксору ҳалиме зиндагӣ мекардаст. Вай ба бойдухтари ҳамсоя ошиқ шудаст. Ҳар ду якдигарро дӯст доштанд. Аммо аз деҳаи он тарфи кӯпрук, Анис ном ҷавоне ӯро дӯст медорад. Падараш пулдору молдор буд. Падари духтар чизпараст буд. Падари Анис пулу моли зиёд дода, духтарро арӯс карда ба хонаи худ бурдаст. Духтар, ки ошиқи чӯпонписар буд, дар остинаш кордеро пинҳон

кардаст, то дар назди Анис худро кушад. Пас аз тӯй, шаб, Анис ба назди духтар даромадаст. Духтар бо асабоният кордро аз остин бароварда гуфтаст, ки наздик нашав, ё туро, ё худамро мекушам. Анис гуфтаст, ки чаро? Духтар гуфтаст, ки ман каси дигарро дӯст медорам. Маро ба ту маҷбурӣ доданд. Ҷавон баақл будаст. Гуфтаст, ки худро накуш, ман ҳам туро дӯст медорам, вале намедонистам, пас рав ба назди ҳамон дӯстдоштаат.

Лӯхтак мегӯяд:

– Ана, ҷавонмардӣ. Офарин.

Шаҳзода мегӯяд:

– Бале, гӯш кун. Духтар, шодон, нисфи шаб, бо ҷасорат давида, ба тарафи деҳаи худаш ба сӯи он чӯпонписар рафтаст. Роҳзан дар болои пул духтари нозанинро дида ҳайрон мондаст. Духтар воқеаро ба роҳзан нақл кардаст. Роҳзан ба ҷасорати духтар офарин гуфта, ӯро раҳо кардаст. Духтар рост ба хонаи чӯпонписар омадаст, ки чӯпонписар гиря карда нишастаст.

Лӯхтак мегӯяд:

– Ана, ҳар ду ба мурод расиданд.

Шаҳзода мегӯяд:

– Не. Духтар воқеаро ба чӯпонписар нақл кардаст. Чӯпонписар тарсидаст, ки агар ин воқеаро падари ҷоҳили духтар шунавад, падару модари камбағали ӯро мекушад. Ба духтар гуфтаст, ки ман туро дӯст медорам, лекин намехоҳам, ки падару модари ман кушта шаванд.

Лӯхтак мегӯяд:

– Баақл будаст-ку!

Шаҳзода мегӯяд:

– Гӯш кун. Духтар фаҳмидаст, ки обрӯи ҳама меравад, ночор ба назди Анис баргашта, воқеаро гуфтаст. Вай, ки баақл буд, фаҳмидаст. Анис ва духтар шод зиндагонӣ карда гаштанд.

Лӯхтак мегӯяд:

– Инаш аҷиб-ку.

Шаҳзода мегӯяд:

– Бале, дӯсти меҳрубони ман. Ҳоло ба савол ҷавоби дуруст бидеҳ, ки дар назди Меҳрмоҳи доно беобрӯ нашавем. Савол ин аст, ки дар ин ҷо одамияти кадоме бештар буд: роҳзан, чӯпонписар, Анис, ё духтар?

Лӯхтак мегӯяд:

– Албатта, чӯпонписар! Вай аз ишқаш даст кашида, падару модар ва духтарро аз марг халос кард.

Шаҳзода мегӯяд:

– Не, ба назари ман одамияти роҳзан бештар буд.

Лӯхтак мегӯяд:

– Не-не ёфтам. Одамияти Анис баланд буд.

Меҳрмоҳ бо тамасхур мегӯяд:

– Ҳар дуи шумо нодуруст мегӯед.

Шаҳзода мегӯяд:

– Пас шумо дуруст гӯед.

Меҳрмоҳ мегӯяд:

– Дар ин ҷо ҷасорат, вафодорӣ, ҷавонмардӣ ва одамияти духтар баланд буд.

Шаҳзода мегӯяд:

– Меҳрмоҳ дуруст мегӯяд.

Лӯхтак мегӯяд:

– Бале, Меҳрмоҳ рост мегӯяд, духтар аз ҳама бештар садоқату ҷасорату одамият нишон дод.

Шаҳзода мегӯяд:

– Дӯсти азиз, ман ҳоло чизе нақл мекунам, ки Меҳрмоҳ низ ба ҷавобаш нотавон монад.

Хоби Меҳрмоҳ парида буд:

– Канӣ, шунавем – гуфт.

– Дар замонҳои қадим подшоҳе як духтари дорои ақли расо дошту ҳусни беназир, ки дар ҷаҳон машҳур буд. Се шаҳзода талабгори духтар шуданд. Духтар ба онҳо гуфт, ман бо касе издивоҷ мекунам, ки як чизи муъҷизанок ба ман ҳадя кунад. Се шаҳзода ба ҷустуҷӯ рафтанд. Яке аспи парвозкунанда пайдо кард, ки дар як дам оламро давр мезад. Дуюмӣ оинаи ҷаҳоннамо дастрас кард, ки тамоми дунёро метавон дид. Сеюми як себе пайдо кард, ки агар сахттарин бемор хӯрад, зуд сиҳат мешавад.

Лӯхтак мегӯяд:

– Аҷоиб-ку. Баъд чӣ шуд?

Шаҳзода мегӯяд:

– Ҳар се, дунёро гашта ин се чизро пайдо карда, дар сароҳе вохӯрданду ба ҳамдигар чизи худро таъриф карданд. Соҳиби ҷаҳоннамо мегӯяд, ки марҳамат, ин муъҷизаро бинед, ки шоҳдухтар бо чи кор машғул аст. Мебинанд, ки шоҳдухтар дар ҳолати маргу табибон дар болои сараш. Ҳамин дам соҳиби асп мегӯяд, ки биёед, вақт кам аст, ба аспи паррони ман савор шавед, зуд равему чораи наҷоти ӯро бинем. Ҳар се савори асп дар як дам ба қасри шоҳ расиданд. Соҳиби себ зуд ба назди бемор омада себро ба духтар медиҳад.

Духтар себро хӯрда тамоман сиҳат мешавад. Хӯш, дӯсти донои ман, шоҳдухтар барои ҳамсарӣ киро интихоб кард?

Лӯхтак гуфт:

– Албатта, соҳиби аспро, чунки дар вақташ расида омадан муҳим буд.

Шаҳзода ба лӯхтак гуфт:

– Ба назарам ҷаҳоннамо намешуд, намедонистанд, ки шоҳдухтар бемор аст.

Меҳрмоҳ бо табассум:

– Не, ин тавр нест. Шоҳдухтар ҳар серо ба наздаш даъват мекунад. Ба соҳиби ҷаҳоннамо ташаккур мегӯяду ҷаҳоннаморо бармегардонад. Ба соҳиби аспи паррон аспро бармегардонаду ба вай ҳам ташаккур менамояд. Аммо шоҳдухтар себро баргардонда наметавонад. Чунки себро хӯрд. Шоҳдухтар соҳиби себро ба ҳамсарӣ интихоб мекунад.

Шаҳзода ва лӯхтак баробар ба Меҳрмоҳ офарин гуфтанд.

Шаҳзода ба лӯхтак гуфт:

– Дӯсти зираки ман. Охирин ҳикоятро бароят мегӯям, агар ба ин ҷавоби дуруст наёбӣ, дӯстӣ тамом!

Лӯхтак ғамгин ва бо ноз:

– Ман кӯшиш дорам-ку. Хайр, бигӯ.

– Як подшоҳи золим будаст. Агар касеро куштан хоҳад, ду пора коғазро гирифта, ба яке «ҳаёт», ба дигаре «марг» менавиштаст ва онро печонида, дар назди шоҳидон, ба гунаҳкор дароз мекардаст. Гунаҳкор агар «ҳаёт»-ро гирад, зинда мемондаст, агар «марг»-ро гирад, кушта мешу-

даст. Ин дафъа деҳқони бегуноҳе гирифтори туҳмат мешавад. Подшоҳ хостаст, ӯро бикушад. Ба ҳар ду коғаз «марг» навишта гуфтаст, ки бигир. Деҳқон зирак будаст. Бигӯ, деҳқон чӣ кор кардаст, ки зинда мондаст?

Лӯхтак мегӯяд:

– Ба назарам, Меҳрмоҳ ба ин савол ҷавоб дода наметановад.

Меҳрмоҳ мегӯяд:

– Эй одамчаи ҷолиб.

Лӯхтак мегӯяд:

– Бале.

Меҳрмоҳ мегӯяд:

– Медонӣ чи, деҳқон яке аз коғазҳоро дафъатан гирифта мехӯрад. Подшоҳ ночор ӯро раҳо мекунад. Чунки ба коғази бозмонда низ «марг» навишта шуда буд. Шоҳидон гумон мекунанд, ки дар коғази хӯрдаи деҳқон «ҳаёт» навишта шуда буд.

Шаҳзода ва лӯхтак мегӯянд:

– Офарин, сад офарин Меҳрмоҳ.

Шаҳзода лӯхтакро ба таги рӯмол гирифта, зуд либосашро дигар кард, ки кали масхарабоз шуд ва гуфт:

– Дӯсти азизи ман.

Лӯхтаки кал гуфт:

– Бале, бале.

Шаҳзода мегӯяд:

– То ҳол ман ҳикоят кардам, ба онҳо Меҳрмоҳи донову тавоно ҷавоб дод. Ӯ хаста шуд. Акнун ту як чизе нақл кун, ки хастагии Меҳрмоҳ барояду хушҳол шавад.

Лӯхтаки кал дасташро ба пеш гузошта таъзим кард:

– Ба ҷону дил.

Меҳрмоҳ бо кунҷи чашм ба рафтору ҳаракати нозуку хандадори лӯхтаки кал нигоҳ карда, табассум кард.

Лӯхтаки кал бо забони зарифу паст ба нақл кардан шурӯъ намуд:

– Ман як модараки камбағал доштам. Мо чизе барои хӯрдан надоштем. Аз гуруснагӣ шиками ман нақора мезад. (Лӯхтак бо ду дасташ ба шикамаш зад). Рӯзе аз рӯзҳо модарам, маро навозиш карда гуфт: «Ту то кай сари калатро хорида мегардӣ, ягон ҷо рав, ягон чиз ёфта биё, хӯрем». Ман тохта аз ҷой хестаму ба хонаи як бой рафтаму чӯпон шудам. Бой, медонед ба ман чӣ дод?

Шаҳзода мегӯяд:

– Чӣ дод?

– Як рама гӯсфанд, як хар, як ресмон, як халта доду гуфт: «бегоҳӣ як хар ҳезумро бо ин ресмон баста, як халта алафа ба болош бор карда биёр». Баъд кор тамоман аҷоиб шуд.

Шаҳзода пурсид:

– Чӣ шуд?

Лӯхтак ба гапаш идома дод:

– Рамаро ба саҳро бурдам. Алафзор буд. Ба таги як дарахт рафта маза карда хоб кардам. Як моҳ аз хоб бедор нашудам.

Шаҳзода мегӯяд:

– Ба ростӣ?

Лӯхтак мегӯяд:

– Бале. Аз хоб хеста бинам, ҳар гӯсфанд фил барин калон шудаст.

Меҳрмоҳ, ки дигар хобаш парида буд, бо табассуми ширин даст ба манаҳ менишаст, пурсид:

– Ӯҳ-ӯ-ӯ-ӯ, хеле ҷолиб, баъд чӣ шуд?

– Аз ҷой хестаму ба хоб таъзим кардаму гуфтам: «Эй хоби ширин, ташаккур ба ту! Бигир, ин хар ба ту туҳфа! Кайф карда савор шуда гард.

Меҳрмоҳ бо завқ пиқ-пиқ хандид.

Шаҳзода пурсон шуд:

– Хоб харро савор шуд?

Лӯхтак ҷавоб дод:

– Бале, ба хар савор шуду хобаш бурд.

Ҳар се хандиданд.

Шаҳзода гуфт:

– Ту балоӣ.

– Рамаро ҳай карда ба хонаи бой бурдам. Мерафтам, ки аз пешам як гала гамбӯсак баромад. Онҳо саргинҳоро ғелонда мебурданд. Раҳмам омад. Ресмонро аз халта гирифта ба онҳо додаму гуфтам: «гиред, боратонро бо ресмон баста баред».

Аз ин гапҳои содалавҳона Меҳрмоҳ механдид. Шаҳзода гуфт:

– Баъд чӣ шуд?

– Роҳ мерафтам, ки аз пешам як муш баромад. Аз замин хок канда мепартофт. Ба муш раҳмам омаду гуфтам: «чӣ азоб мекашӣ, ма ин халтаро гир, хокро ба ин андозу ба берун бароварда парто». Халтаро ба муш додам.

Меҳрмоҳ боз ҳам бо завқ механдад.

– Баъд рамаро ба хонаи бой бурдам. Бойи шикамкалон ба гӯсфандҳои мисли фил нигоҳ накарда, чашмонашро даҳони коса барин кард.

Шаҳзода пурсид:

– Бой ба ғазаб омад?

Лӯхтак ҷавоб дод:

– Пурсид, ки канӣ хару ҳезуму алаф? Гуфтам, ки харро хоб бурд, ресмонро ба гамбӯсакҳо додам, халтаро ба мушак бахшидам. Бой хашмгин шуду як мушт ба сарам заданӣ шуд. Ман гуфтам, ки: «гӯсфандҳоятро бин, фил барин!» Зуд хобро даъват кардам: «Хоб ба ман ёрӣ деҳ, ки бой маро заданӣ!»

Меҳрмоҳ завқ бурда мепурсад:

– Хоб омада чӣ кор кард?

Лӯхтак мегӯяд:

– Хоб омаду ба бой часпид. Хоби бой бурд. Хешовандонаш омада бедор мекарданд, бедор намешуд. Зуд мушаку гамбӯсакҳоро даъват кардам. Мушак давида ба шиками бой баромаду куртаашро хоида-хоида ғалбер карду ришашро хоид. Гамбӯсакҳо саргинашонро ба сари бой рехтанд.

Меҳрмоҳ хандида гуфт:

– Баъд чӣ шуд?

Лӯхтаки кали масхарабоз гуфт:

– Баъд хобро ҷавоб додам. Хоб рафт. Бой бо чашмони варам аз хоб хест. Ришаш канда-канда хоидагӣ, куртаааш ғалберу сӯрох-сӯрох, сараш пури саргин. Хешу табор, ҳамсояҳо аҳволи бойро дида, қаҳ-қаҳ механданд.

Меҳрмоҳ низ афти бойро тасаввур карда, қаҳ-қаҳ хандид. Ба хандаи вай шаҳзода ва лӯхтак низ ҳамроҳ шуданд. Ҳамин дам нурҳои аввалини офтоб ба хонаи Меҳрмоҳ даромад. Ӯ дид, ки рӯз шудаст, гуфт:

– Воқеан, аз шунидани ин афсонаҳои дилангез хоби ман парид. Ташаккур ба ту ҷавони лӯхтакбоз. Ту воқеан шартро бурдӣ, бо ин лӯхтакчаҳои ҷолиб дигар ту ҳамсару ҳамдами ман ҳастӣ.

Меҳрмоҳи доно, шаҳзодаи зирак бо лӯхтакҳояш ҳамдигарро ба оғӯш кашида, аз он замонҳои қадим, то ба имрӯз барои кӯдакон афсона мегӯянд. Онҳо ба муроду мақсад расиданд, мову шумо ҳам расем.

# ГУЛИҚАҲҚАҲ

Буд, набуд, дар замонҳои қадим як подшоҳ буд. Вай пир шуда буд. Ду зан дошту фарзанд надошт. Ҳар моҳ ба шикор мерафт. Ин дафъа аз як дараи зебо гузашта мерафт, ки ногаҳон чашмаш ба уқобе афтид. Камонашро гирифта ба уқоб тир кушод. Тир ба нишон расид. Уқоби захмӣ аз ҳаво ба замин омадан гирифт. Подшоҳ низ аз дунболи вай рафтан гирифт. Уқоб омада-омада-омада ба як боғ ғалтид. Боғ хеле хушманзараю дилрабо буд. Дарахтони қадболо, гулҳои зебо, парандаҳои хушсадо дошт, ки касро мафтун месохт.

Аз даруни боғ садои се духтари париваш баромад, ки ҳар се «вой-вой-вой, бечора уқоб» гӯён ба сари уқоби захмӣ давиданд. Ҳамин дам подшоҳ низ ба боғ расид. Даромдан хост, вале садои духтаронро шунида надаромад. Яке мегуфт:

– Агар подшоҳи шикорчӣ маро гирад, аз пайи пои ҳар паранда як нусха гирифта барои тамоми навкаронаш ҷомаи гулдӯзӣ медӯзам.

Дигаре мегуфт:

– Агар подшоҳи шикорчӣ маро гирад, аз пару боли парандаҳо тамоми қасрашро гулкорӣ мекунам.

Сеюмӣ мегуфт:

– Агар подшоҳи шикорчӣ маро гирад гӯшти кабкҳои шикориашро, хӯрда барояш як писари Кокулзарӣ таваллуд мекунам.

Подшоҳ ин гапҳоро шунида, ба даруни боғ надаромад, ба арки худ омаду ба вазираш фармон дод, ки аз фалон макон духтари сеюмро ба ман хостгорӣ кун. Хостгорӣ карданд. Подшоҳ ба ин духтар хонадор шуд. Вақте ки таваллуди духтар наздик шуд, подшоҳ бо вазиру навкаронаш ба шикор мераваду мегӯяд, ки таваллуди занамро ба ман расонед.

Ду зани дигари подшоҳ, ки бефарзанд буданд, рашк мекунанд. Аз рашк дарун-дарун худашонро мехӯранду аз паси нобуд кардани кӯдак мешаванд. Як пири Золакро меёбанду ба вай як табақ тилло медиҳанду мегӯянд:

– Ҳамин ки зан зоид, кӯдакро нест кун.

Золак даррав як кучукчаро пайдо карда, ба паси дари духтар оварда монд. Зан писар таваллуд кард. Ин писар, дар воқеъ, хушрӯ буду дар пушти сараш як кокули зарӣ дошт. Золак ҳамон кучукчаро гирифта ба бағали духтар гузошту гуфт:

– Э духтарҷон, мана бин, як кучукча зоидӣ.

Духтар ба Золак мегӯяд:

– Чи хел овози кӯдак баромад-ку.

– Не-не, мана бин, кучукча.

Золак писари Кокулзариро гирифта, бурда ба як ҷангал мепартояд. Баъд ба назди подшоҳ омада мегӯяд:

– Подшоҳи олам, бадбахтӣ.

– Чӣ гап?

– Ба гуфтан забонам намерад. Метарсам, ки қаҳратон меояд.

Подшоҳ бо ғазаб мегӯяд:

– Зуд гӯй, чӣ гап!

– Занатон як кучукча зоид.

– Чӣ? Рост мегӯӣ?

– Бале, афсӯс, ки рост.

Фаромон медиҳад, ки зану кучукчаро ба зиндон партоянд. Занро ба зиндон мепартоянд. Бечора Кокулзарӣ дар ҷангал аз гуруснагӣ доду фиғон мекунад. Ҳамин дам як оҳуи бачамурда Кокулзарииро мебинаду омада, пистони пуршираашро ба даҳони вай мегузорад. Ҳамин тавр, кӯдак шири ӯро хӯрда калону роҳгардон мешавад. Як рӯз зани калонии подшоҳ хоб мебинад, ки Кокулзарӣ зинда аст. Хобашро ба зани дуюми подшоҳ мегӯяд. Ҳар ду метарсанду зуд Золкаро даъват мекунанд. Зани калони подшоҳ бо ғазаб гуфт:

– Эй Золаки аҳмақ, чаро кӯдакро нест накардӣ?!

Золак бо тарсу ҳаяҷон гуфт:

– Росташро гӯям, дилам ба кӯдак сӯхту ба ҷангал партофтам. Ҳозир мераваму пайдош карда, нобудаш месозам.

Зани калонӣ бо асабоният гуфт:

– Зуд рав ба ҷангал, хабар гир. Ман хоб дидам, ки Кокулзарӣ зинда аст. Зуд пайдо куну нобудаш соз. Вагарна подшоҳ фаҳмад, ки вай зинда аст, ҳар сеямонро мекушад.

Барояш боз як табақ тилло медиҳанд. Золак ба ҷангал мераваду мебинад, ки Кокулзарӣ давида-

давида мегардад. Оҳиста наздаш меояду ӯро бардошта ба бозор меравад, раҳмаш меояду шиками кӯдакро сер мекунад. Баъд аз усто як сандуқ мехарад. Кокулзариро ба сандуқ андохта ба лаби дарё мебарад. Сандуқро ба дарё мепартояд. Дар дил мегӯяд, ки бечораро моҳиҳо мехӯранд. Сандуқ дар рӯи об рафтан гирифт. Хеле рафта буд, ки аз пешаш як моҳигир баромад. Моҳигир дар дилаш гуфт, ки худо дод. Зуд либосашро кашида, шино карда ба тарафи сандуқ рафт. Сандуқро кашида баровард. Кушода дид, ки дар дарунаш як бачаи хушрӯи Кокулзарӣ. Моҳигир бефарзанд буд Кокулзариро аз сандуқ баровarда, ба хонааш оварда, парвариш кард. Бача калон шуд.

Кокулзарӣ барои моҳигир дастёри хуб шуд. Ӯ суруд хонданро дӯст медошт. Овозаш хеле форам буд. Моҳигир моҳӣ медошту бача сурудхонон ба бозор бурда мефурӯхт. Мардум моҳии Кокулзариро зуд мехариданд. Як рӯз занҳои подшоҳ ба бозор омаданду Кокулзариро дида шинохтанд. Айнан худаш. Бача калонак шудаст. Онҳоро воҳима зер кард, ки агар подшоҳ фаҳмад, ҳолашон табоҳ мешавад. Аз тарсу ваҳм ба хонаи ҳамон Золак омаданду гуфтанд:

– Ту, беваи бадбахт чаро Кокулзариро нест накардӣ?

Золак гуфт:

– Ба худо ба сандуқ андохта ба дарё партофта будам.

– Мо намедонем ту чӣ кор кардӣ, вале Кокулзарӣ дар бозор моҳӣ мефурӯшад.

Золак ба бозор ба назди Кокулзарӣ меояду моҳӣ мехараду аз паи нобуд кардани вай мешавад. Дар дил мегӯяд, ки ӯро ба чилдег мефиристам. Барои оварданаш мераваду барнамегардад. Ба Кокулзарӣ мегӯяд:

– Эй писар, кош, барои пухтани ин моҳиҳо чилдег медоштӣ.

Кокулзарӣ мепурсад:

– Бибиҷон, вай чӣ гуна дег аст?

– Нашунидӣ?

– Не.

– Агар чилдегро дошта бошӣ, ба даруни якташ чанд моҳи андозӣ, дафъатан дар чилташ, чил хел хӯроки лазиз омода мешаваду ҳич тамом намешавад.

Ҷавонро аз ин гап хушаш омад. Бегоҳӣ ба пеши моҳигир омада гуфт, ки ман ба чилдег меравам. Аз моҳигир дуо гирифту баромада рафт. Кокулзарӣ сурудхонон хеле роҳ рафт. Рафт-рафт-рафту аз дашту биёбону ҷангалу дара гузашта, ба боғе расид. Дар назди дарвоза пирамардеро дид. Барояш салом доду бо садои дилнишин суруде хонд. Пирамард ин садои дилнишинро шунида гуфт:

– Худи худаш. Худоро шукр, ки омадӣ. Садҳо одамон барои гирифтани чилдег меомаданду мерафтанд. Вале ин дег бояд ба каси хушсадо дода шавад. Аз азал пири мо гуфта буд, ки ин насиби ҷавони Кокулзарии хушовоз аст. Мо солҳо интизори ту будем.

Пирамард ба сӯи хуршед нигоҳ карда, ду дастонашро ба боло бурда, садо кард. Дар як лаҳза

чил дев омад. Фармон дод, ки ин чилдегро бо Кокулзарӣ ба хонааш расонанд. Девҳо дар як дам гуфти пирамардро иҷро карданд.

Кокулзарӣ дегҳоро ба як гӯшаи бозори калон гузошту барои санҷиш ба деги калон чанд моҳи андохт. Дар як дам дар чилдег чил хел хӯрок омода шуд. Хӯрокро мефурӯхт, ба камбағалон муфт медод, вале ҳич тамом намешуд.

Кампири Золак шунид, ки Кокулзарӣ чилдегро овардаст. Ба дидани чилдег омаду диду асабонӣ шуд. Чунки то ба имрӯз касе, ки барои чилдег мерафт барнамегашт. Золак ба назди Кокулзарӣ омаду гуфт:

– Ана, дидӣ, гапи ман рост будаст? Акнун барои ин дег як қасри тиллоӣ лозим аст. Ин қасрро фақат девҳо сохта метавонанд. Дар даруни он қаср ҳама чиз ҳаст, барои овози хуши ту созҳо ҳаст, ки баробари сароидани ту, онҳо ҳамоҳанг мешаванд.

Аз ҳамоҳанг шудани созҳо хушаш омад. Кокулзарӣ пурсид:

– Ин девҳо дар куҷоянд?

Золак гуфт:

– Дар кишвари Мочин.

Кокулзарӣ боз ба сафар баромад. Пурсида-пурсида-пурсида ба кишвари Мочин расид. Аз дарвоза даромаду пурсид:

– Макони девҳо дар куҷост?

Барояш нишон доданд. Дар байни ду кӯҳ будаст. Ба макони девҳо расида, суруде хонд. Акси садояш ба кӯҳҳо бархӯрда, хеле таъсирбахш шуд. Девҳо чунин суруди форамро нашунида буданд.

Сардори девҳо ба назди Кокулзарӣ омаду гуфт:

– Эй ҷавон, мо то ҳол чунин овози дилнишинро нашунида будем. Гӯй, ки барои ин садои худодод мо чӣ хизмате кунем.

Кокулзарӣ гуфт:

– Шунидам, ки шумо қасре сохта метавонед, ки дар он ҷо сарояндагӣ кунӣ, мардум мафтун мешаванд.

Деви сафед фармон дод. Ҳама ба шаҳри Кокулзарӣ омада як қасре сохтанд, ки беназир аст. Барои овозхонӣ саҳнаҳои ҷолиб дорад. Созҳои гуногун ба суруд ҳамоҳанг мешаванд.

Мардум қасри зеборо дида ба тамошояш омаданд. Кокулзарӣ аввал аз чилдег ба мардум зиёфат дод. Баъд аз тамошои қаср мардумро ба саҳна даъват карда, худ суруд хонд. Кокулзарӣ месароиду мардум шод мешуданд.

Золак ҳам ба қаср омада, диду сахт асабонӣ шуд. Агар Кокулзариро нобуд накунад, занҳои подшоҳ ӯро мекушанд. Худ ба худ гуфт, ки ин дафъа вайро ба овардани Гулиқаҳқаҳ мефиристам. Дигар барнамегардад. Ба назди Кокулзарӣ омаду гуфт:

– Писарам, дидӣ, ман ғамхори ту ҳастам. Акнун ба ин қасру ба ин давлату савлат ба ту як духтар даркор аст, ки зани ту шавад. Ман медонам дар ҷаҳон духтаре ҳаст, чунон хушрӯй, ки агар хандад аз даҳонаш гул мерезад. Ном вай Гулиқаҳқаҳ аст.

Кокулзарӣ ин гапро шунида мафтун шуду пурсид:

– Вай дар куҷост?

– Дар пушти кӯҳи Қоф.

Садҳо ҷавонон орзуи ба даст овардани Гулиқаҳқаҳ карданду ба муродашон нарасиданд. Ба ними роҳ нарафта баргаштанд, ё ки дар роҳ мурданд. Пас аз шунидани номи Гулиқаҳқаҳ чанд шаб хоби Кокулзарӣ набурд. Як рӯз Кокулзарӣ ба моҳигир гуфт:

– Падарҷон, ба ҷустори Гулиқаҳқаҳ меравам.

Моҳигир ҷавоб дод:

– Писарам, ин хатарнок аст. То ба ҳол садҳо кас рафтанду барнагаштанд.

Моҳигир дид, ки писар аз қавлаш намегардад, ночор розӣ шуду гуфт:

– Эҳтиёт шав, ба ҳар одаме, ки вохӯрдӣ салом бидеҳ, ҳамаро ҳурмат кун, ба одамон некӣ кун. Ба ҳар одам дилатро накушо. Худо хоҳад, ба муродат мерасӣ.

Кокулзарӣ рафт-рафт-рафту ба як биёбони бесару нуг расид, ки дар он ҷо на паранда ҳасту на чаранда, на алаф ҳасту на хазанда. Дар як гӯшаи ин биёбон хаймае дид. Ба хайма наздик шуду оҳиста дарашро кушод, ки дар даруни он як пирамарди нуронӣ либосҳои сап-сафед дар тан нишаста, китоб мехонад. Кокулзарӣ то аз китоб сар бардоштани пирамард мунтазир монд. Пирамард ҳис кард, ки касе дар назди дар аст. Ба самти дар нигарист. Кокулзарӣ бо самимият овоз баровард:

– Салом, падарҷон.

Пирамард ҷавоб дод:

– Валейкум бар салом, писарҷон. Марҳамат, дароед.

Кокулзарӣ пас аз пурсупос мақсади сафарашро

гуфт. Пирамард афсӯс хӯрда, ишорат бар он кард, ки роҳи хатарнок аст. Дид, ки ҷавони хуб аст, барояш гуфт:

– Ту ба ин роҳ рав. Меравӣ, меравӣ, меравӣ, аз пешат ҷангале мебарояд, ки се роҳ дорад. Ту бо роҳи мобайн рав. Аз ин роҳ рафтан мегирӣ, аз пешат кӯҳе мебарояд. Ба дасти ростат нигоҳ кун, як ғори азим аст. Дар даҳони ғор як духтари соҳибҷамол аст. Анна ҳамин духтар Гулиқаҳқаҳ аст. Вай солҳост, ки дар асорати девон мондаст. Гурехта наметавонад. Ба духтар салом деҳу бигӯ, ки аз назди бобои сафедпӯш омадам. Худо хоҳад, корат барор мегирад.

Кокулзарӣ, чи тавре ки бобои сафедпӯш гуфт, ҳамон тавр кард. Баробари ба даҳани ғор расиданаш духтар ӯро ба таҳхона пинҳон кард. Дар ҳамин вақт як деви ваҳшатнок аз хоб бедор мешаваду мегӯяд: «бӯи одамизод омад» ва дандонашро мекобад, ки як линги одам мебарояд. Лингро ба як сӯ паротофта «Бӯи ҳамин будаст» гӯён, боз ба хоб меравад. Ин духтари соҳибҷамол як ханда мекунад, ки аз даҳонаш гулҳои рангоранг мепараду ҳамаҷоро муаттар месозад. Кокулзарӣ дар ҳайрат мемонаду аз бӯи гулҳо беҳуш мешавад. Гулиқаҳқаҳ аҳволи ҷавонро дида, баландтар механдад. Гулҳои боз ҳам зеботару хушбӯтар аз даҳонаш парида, Кокулзариро ба ҳуш меорад. Аз дидани ин чеҳраи дилрабо илҳоми Кокулзарӣ ҷӯш мезанаду месарояд. Бо садои мафтункунанда девҳо низ аз хоб бедор мешаванд. Ба Кокулзарӣ зарар намерасонанду мегӯянд, ки боз суруде бихон. Суруди дигари Кокулзарӣ ин дафъа дар си-

тоиши одамгарӣ, меҳрубонӣ, ҳимматбаландӣ, ҷавонмардӣ буд. Девҳо сурудро шунида ашк мерезанд. Деви сурх, ки сардор буд, мегӯяд:

– Эй ҷавон, моро мафтун кардӣ. Аз мо чизе талаб намо, ки иҷрояш кунем.

Кокулзарӣ ҳалимона мегӯяд:

– Ман ошиқи Гулиқаҳқаҳ, барои вай омадам. Ӯро ба ман бидиҳед.

Деви сурх ба девҳои дигар фармон медиҳад, ки Кокулзарӣ ва Гулиқаҳқаҳро ба манзил расонед. Дар як дам онҳоро ба қаср мерасонанд.

Миш-миши чилдег, қасри зебо, овозхонии Кокулзарӣ ва хандаи Гулиқаҳқаҳ, ки ҳангоми хандидан аз даҳонаш гул мерезад, ба гӯши подшоҳ расид. Дилаш хост, ки ин қасрро аз наздик бинаду овози ин писарро шунавад. Худ аз худ подшоҳ аз дил мегузаронад: «агар зани ман ҳам бачаи кокулзарӣ мезоид, ҳоло ман ҳам писари Кокулзарӣ медоштам».

Ҳар боре ки кампири Золак Кокулзариро барои овардани чизе мефиристод, моҳигир кунҷков мешуд. Пурсида-пурсида аз тамоми воқеа бохабар шуд. Дигар ҳоҷат ба пиҳон кардан нест. Як рӯз моҳигир асли воқеаро ба Кокулзарӣ гуфт. Гуфт, ки падари ту подшоҳ аст. Модарат дар зиндон. Кокулзарӣ аз шунидани ин воқеа оҳи сарде кашиду бо машварати моҳигир подшоҳро ба меҳмонӣ даъват кард.

Занҳои подшоҳ ва он Золакро низ даъват карданд. Дар қаср меҳмонҳои дарбори подшоҳ омаданду ҳайрон шуданд. Дар як дам дар чилдег чил

хел хӯроки лазиз омода шуд. Пас аз хӯрдани хӯрок Кокулзарӣ суруде хонд, ки мазмунаш оё инсон саг мезояд буд. Подшоҳ сурудро шунида ашк дар чашм аз ҷояш бархосту ба назди моҳигир омаду пурсид:

– Кокулзарӣ писари шумост?

Моҳигир гуфт:

– Не, писари шумост.

Подшоҳ воқеаро фаҳмид. Золак бо доду фиғон, ба пеши пои подшоҳ афтода, ҳақиқатро ошкор кард. Подшоҳ зуд фармон дод, ки занро аз зиндон бароранд. Ду занашу Золакро ба зиндон баранд, то ки дар он ҷо пӯсида муранд.

Дар қаср садои доираю думбаку карнаю сурнай баланд шуд. Моҳигиру подшоҳу зани ростгуфтораш Кокулзарию Гулиқаҳқаҳро чил шабу чил рӯз тӯю тамошо карда, деги чилгӯшро гузошта ба мардум зиёфат доданд. Мардум то имрӯз ба тӯи ин ду ҷавон мераванду аз чилдег хӯрок мехӯранд, ҳеҷ не, ки тамом шавад. Онҳо ба муроду мақсад расиданд, мову шумо ҳам бирасем.

## САҒИРАДУХТАР

Будаст, набудаст, дар замонҳои қадим як марди камбағале будаст. Вай як зану як духтару як гови кабуд доштаст. Гов аз занаш будаст. Рӯзе занаш касал шуда мурдаст. Ин мард бо духтари чорсолааш танҳо мондаст. Номи духтарак Маҳтоб будаст. Маҳтоб ҳар рӯз то омадани падараш бо духтару бачаҳо дар кӯча лойбозӣ, хоначасозӣ, бачҷоякбозӣ карда мегаштаст. Мардак гови аз занаш мондаро ба саҳро бурда мечарондаст ва ҳезум ҷамъ карда, ба бозор бурда мефурӯхтасту нону дигар чизҳои хӯрданӣ ёфта меомадаст. Ана ҳамин хел, бо духтаракаш зиндагӣ карда мегаштаст.

Дар деҳаи дигар ҳам як занаки бешавҳар будаст. Вай ҳам як духтар доштаст. Номи духтари вай Чаҳтоб будаст. Занак аз танҳоӣ зиқ мешудаст. Ин занак аз гапи мардум мефаҳмад, ки дар деҳаи ҳамсоя як марди занмурда будаст.

Рӯзе пурсида-пурсида, ин занак ба деҳаи ҳамсоя рафтасту хонаи ин мардакро пайдо кардаст. Дидаст, ки духтарчаи мардак ба хоку хас ҷӯлида бо бачаҳо бозӣ мекардаст. Зан ба назди Маҳтоб омада, сарашро сила карда, барояш ширинӣ дода пурсидаст:

– Духтарҷон, магар ту модар надорӣ, ки ин қадар чиркинӣ?

Духтар ҷавоб додаст:

– Не, модари ман мурдагӣ, бо падарам зинадагӣ мекунам.

Зан гуфтаст:

– Агар падарат зан мегирифт, вай зан ба ту нигоҳубин мекард. Падарат зан намегирад?

Духтар гуфтаст:

– Падари маро кӣ мегирад, мо камбағал, ба ғайр аз як гов дигар чизе надорем.

Баъд зан гуфтаст:

– Рав, оҳиста ба падарат гап зан, ки манро гирад. Ман тую падаратро нигоҳубин мекунам.

Маҳтоб гуфтаст:

– Не, падарам барои ман шуда зан намегирад.

Зан гуфтаст:

– Агар зан нагирад, ҳам падарат, ҳам ту ана ҳамин хел чиркин мегардед.

Маҳтобак ба гапи зан бовар кардасту пурсидаст:

– Пас, ман чӣ кунам, ки падарам зан гирад.

Зан ёд додаст:

– Ту ба сарат як мушт хоку қум резу ба пеши падарат сарата хоридан гир. Баъд ба падарат гӯй, ки сари ман шабуш кардаст, зан гиред, сару тану либоси маро шӯяд. Ба мо хӯрок пазад – гуфтасту рафтаст.

Маҳтоби хурдакаки зудбовар ба гапи ин занак бовар кардаст. То бегоҳӣ чанд бор ба сараш хоку рег рехтаст. Бегоҳӣ мард аз дашту саҳро омадаст. Ба сари дастархон шишта нон мехӯрдаст, ки дух-

тар сарашро хоридан гирифтаст. Хоку рег шалдар-шалдар аз сари Маҳтоб рехтан гирифтаст. Дили падар ба духтар сӯхтаст. Аз вай пурсидаст:

– Духтарам, чаро ин қадар саратро мехорӣ?

Маҳтоб гуфтаст:

– Падарҷон, сари ман шабуш кардаст, ягон зан намегиред, ки сару тани маро шушта тоза кунад.

Мард гуфтаст:

– Фарзанди азиз, маро кӣ мегирад? Ман як камбағал, ба зӯр як даҳан нон пайдо мекунам, кӣ ба зиндагии мо тоқат мекунад?

Маҳтоб гуфтаст:

– Падарҷон, як занак ҳаст, ҳамон шавҳар надоштаст, ҳамонро гиред.

Мард ба духтараш бо меҳр нигоҳ карда баъд гуфтаст:

– Оё вай зан зиндагии фақиронаи моро қабул мекунад? Агар вай зан ба ту маъқул бошад, ман мегирам.

Баъд мардак ҳамин занро никоҳ карда гирифтаст. Зан бо духтари худаш, ки Чаҳтоб ном дошт, ба хонаи мард омадаст. Баъд ин занак чанд сол ба Маҳтоб нигоҳубин кардаст. Хонаву дари мардакро обод кардаст. Ҳар чӣ мардак орад, қаноат кардаст. Вале пинҳонӣ ба духтари худаш тавaҷҷуҳи бештар доштаст. Рӯзашон ба зӯр мегузаштаст.

Аз байн чанд сол гузаштаст. Маҳтоб калонакак шудаст. Баъд ин занак ба як тугун як олам пахтаро баста ба дасти Маҳтоб медодасту мегуфтаст:

– Духтарам, акнун ту калон шудӣ ба падарат ёрдам кун. Ҳамин говатро ба саҳро бар. Вай то

бегоҳ мечарад. Ту ин пахтаро аз чигит тоза карда, ресида биёр.

Моиндар Маҳтобро бо говаш аз дарвоза берун кардаст. Ҳамин тавр, ҳар рӯз падараш барои ҳезум ба ҷангал ва Маҳтоб аз дунболи гов, тугуни пахта дар дасташ ба саҳро мерафтаст.

Аз байн солҳо гузаштаст. Зиндагӣ ҳамин тавр давом кардан гирифтаст. Маҳтоб қадрас шудаст. Падару моиндару Маҳтоб ба ин зиндагӣ одат кардаанд. Баъдҳо моиндар Маҳтобро кори зиёд мефармудаст, азоб медодаст, дашном медодаст. Бечора духтар ба тақдир тан дода, зиндагӣ мекардаст.

Рӯзе аз рӯзҳо, вақте Маҳтоб ба саҳро рафтаст, шамоли сахт шудасту тугуни пахтаи ӯро гирифта ба як ғор бурдаст. Маҳтоб худ ба худ гуфтаст: «Обооооо, ин чӣ гап? Ҳоло ин пахтаро ман чигит накарда, наресида, калоба накарда ба хона барам, ин моиндарам маро азоб медиҳад. Агар гум шавад, худо зад».

Маҳтоб бо тарсу ҳарос аз дунболи пахтааш ба ғор даромадаст. Дидаст, ки дар пешгаҳи ғор дар болои як суфа се бибии фаришта нишаста ниёиш мекунанд. Дар пешашон дастархон, дар болои он орд, нонҳои гирдаи мисли офтоб, дар болои санги суфтае оташ даргирон аст. Маҳтоб ин се бибии фаришатро дида, ба ниёиши онҳо халал нарасонида, оҳиста дар гӯшае нишастаст. Бибиҳои фаришта даст ба сӯи осмон бурдаанду барои оромиши замину осмон ва одамони нек дуо кардаанд. Баробари тамом кардани дуо Маҳтоб:

– Дуруд бар шумо – гуфтаст.

Яке аз онҳо гуфтаст:

– Дуруд, бар ту. Духтараки боадаб будаӣ. Ин тугуни пахтаи ту?

Маҳтоб гуфтаст:

– Бале, аз ман. Ман дар дасти моиндар ҳастам. Ин пахтаро агар то бегоҳ чигит карда, ресида, ришта набарам, вой бар ҳоли ман. Иҷозат диҳед, тугунамро бигирам.

Бибиҳои фаришта ба якдигар нигоҳ кардаанду духтарро имтиҳон кардан хостаанд. Яке гуфтаст:

– Мо медонем. Ту парво накун. Пахта меистад, ту хез ҳамин моҳонро зада-зада бурда, дар он ҳавз оббозӣ дароварда биёр.

Маҳтоб ин се бибиро озоре надода, ба ҳавз бурда, сарашонро шуста, шона карда, хушк карда, мӯяшонро бофта, либосашонро шуста, боз оварда ба сари ҳамон суфа шинондаст.

Баъд бибии дигар гуфтаст:

– Духтарам, сарамон хориш мегирад, сари моҳона бин.

Сарашонро дидаст.

Бибии сеюмӣ гуфтаст:

– Хез, рафта, хонаи моро рӯфта тоза кун, баъд тугунатро гирифта мебарӣ.

Маҳтоб хонаҳоро рӯфта тоза кардаст, таги гилемҳоро бардошта мерӯфтаст, ки пури тиллоюо танга. Ягон дона нагирифтаст. Баъди тамом шудани корҳо, бибиҳо Маҳтобро ба арғунчак шинонда, бод доданд, ки аз баданаш ягон тиллову танга нарехтаст. Бибиҳо аз ин санҷишҳо фаҳмиданд, ки ин духтари дилсофу покният бу-

даст. Ӯро дуо кардаанд:

– Худовандо, мушкили ҳамин духтарака осон гардон! Бигир, тугуни пахтаатро. Роҳат сафед. Пахтаро бурда ба говат бидеҳ, вай мехӯраду аз қафош чигит карда, ресида, кулӯла карда медиҳад. Минбаъд говат бо ту гап мезанад. Ҳар мушкиле, ки ба сарат меояд, бо ҳамун говат машварат кун. Ҳоло ба ин роҳ рав. Аз пешат як об мебарояд, рангаш сиёҳ. Дар он об фақат мӯю қошу мижгонатро бишӯ. Боз каме ки рафтӣ, оби дигар мебарояд, оби сафед. Дар ун об рӯятро бишӯ, дасту панҷоҳоятро бишӯ, оббозӣ кун. Боз, ки меравӣ, аз пешат як оби дигар мебарояд, дар он моҳу ситора намоён аст. Дар ин об фақат пешонаву манаҳатро бишӯ.

Бибиҳо аз мо ёдгор гуфта ба духтар як даструймолак доданду гуфтанд, ки:

– Ҳаргиз инро ба касе надеҳ. Аз худат ҳеҷ гоҳ дур накун. Агар бадани касе захмдор шавад, бо он сила кунӣ, дуруст мешавад.

Маҳтоб бибиҳоро ба оғӯш кашида, ба паноҳи худо мегӯяду чун арзи адаб, таъзим карда, рӯ ба бибиҳо, қафо-қафо аз ғор баромада меравад. Ба назди говаш меояд. Гов имрӯз бисёр чаридасту пистонаш пури шир шудаст. Пахтаро ба гов мехӯронад. Вай хӯрда, чигит карда, ресида, кулӯла карда медиҳад. Духтар инро дида шод мешавад. Баъд, тавре ки бибиҳо гуфтанд, амал мекунад. Аз роҳе, ки онҳо гуфтанд меравад. Аз пешаш оби сиёҳ мебарояд, ба он об мӯю қошу мижгонашро мешӯяд. Ҳама сип-сиёҳу хушнамо мешаванд. Боз рафтан мегирад. Аз пешаш оби

сафед мебарояд. Дар он рӯяш, дасту панҷоҳояшро шуста оббозӣ мекунад. Тамоми баданаш сап-сафед зебо мешавад. Баъд ба оби сеюм пешонаву манаҳашро мешӯяд, ки аз пешонаш як моҳу аз манаҳаш як ситора мебарояд.

Рӯз торик мешаваду Маҳтоб ба хона мерасад. Ҳамин ки Маҳтоб ба ҳавлӣ медарояд, моиндару духтараш ӯро зебову дилрабо дида, дар ҳайрат мемонанду ба мисли саги девона ба вай дармеафтанд. Маҳтобро дашному нафирин мекунанд. Зада-зада ба хона дарварда, мепурсанд. Маҳтоб аз тарс кӯтоҳакак воқеаи шударо мегӯяд, вале ёрдам кардани говашро намегӯяд. Шаб Чаҳтоб ба модараш мегӯяд, ки «фардо ман говро ба саҳро мебарам, ман ҳам мехоҳам хушрӯ шавам». Рӯзи дигар модар Чаҳтобро бо гови кабуд ба саҳро мефиристад. Ба вай ҳам як тугуни пахта медиҳад. Вай говро бо калтак зада-зада рост ба лаби ғор меравад. Тугуни пахтаашро ба лаби ғор мегузорад. Шамол тугунро ба даруни ғор мебарад. Чаҳтоб ҳам ба ғор медарояд. Мебинад, ки се бибӣ шиштагӣ. Тугуни пахта ба пеши онҳо. Духтар, на салому на алейк, бо асабоният ба сари онҳо дод мезанад:

– Э лаънатиҳо, гиред пахтаи маро тоза карда диҳед!

Онҳо мегӯянд:

– Ҳа, пахтет ба пеши мо, биё духтаракам, шин дуо гир.

– Ман безори дуо, пахтаи маро тоза карда диҳед.

Як бибӣ мегӯяд:

– Майлаш-майлаш, ҳозир медиҳем. Мо пирем духтарам, аввал ту моро зада-зада, ба ҳавз бурда, оббозӣ доронда биёр.

Чаҳтоб як говронро гирифту ҳар се кампирро зада-зада бурда, ба об дароварда боз зада-зада оварда дар ҷояшон мешинонад. Бибии дигар мегӯяд:

– Духтарҷон, ҳамин сараки моро бин.

Чаҳтоб мегӯяд:

– Не, намебинам, пахтаи маро тоза карда диҳед.

Бибии сеюм мегӯяд:

– Ҳамин хонаи моро рӯб, духтарҷон баъд мо пахтаи туро тоза карда медиҳем.

Рафту – ҳаром ҳалол ба рӯфтани хона шурӯъ кард. Гилемҳоро боло бардошта дид, ки таги гилем пури тиллову танга. Дар дилаш «худо дод» гуфту зуд ба нифаи эзораш, остинаш тиллову тангаи зиёдро печонда гирифт. Баъд бибиҳо ба Чаҳтоб гуфтанд:

– Духтарам, як дар ҳамин арғунчак бипар. Баъд мана ин тугуни пахтаатро гирифта рав.

Ба арғнучак парида буд, ки тиллову танга аз баданаш шақар-шуқур рехтан гирифт. Бибиҳо диданд, ки духтар маккору бадкор аст. Тугуни пахтаро ба дасташ доданду гуфтанд:

– Ма, пахтаатро гирифта рав, духтарам. Аз пешат як об мебарояд ба вай рӯятро бишӯ, як об мебарояд мӯю қошу мижгонаро бишӯ, боз як об мебарояд пешонетро бишӯ. Агар пешонаву манаҳат захмин шавад, бо оби чашмат шӯй, зуд

гум мешавад.

Чаҳтоб шодӣ кард, ки хушрӯ мешавад. Гуфтаи бибиҳоро анҷом дода сару рӯю мӯю абрӯю пешониро ба об шуст. Ҳамин ки ба оби охирин пешонаро шуст, як мор аз пешонӣ ва як аждаҳо аз манаҳаш баромад. Ин аҳволро дида гирёну нолон ба хона расид. Модарашу Маҳтоб ин сару рӯйро дида талхакаф шуданд. Аждаҳову мор ба вай ҳуҷум карданд. Модараш зуд қайчиро гирифта бурид. Духтараш бо оби чашмаш шуст, ки гум шуд.

Моиндар ин ҳолатро дида, аз рашк Маҳтобро зери мушту лагад гирифт. Доду фиғон кашида гуфт:

– Ту чаро хушрӯй шудию духтари ман безебу ба ин аҳвол гирифтор гашт?

Дигар модару Чаҳтоб бо шаку шубҳа Маҳтобро мепоиданд. Маҳтоб зор-зор гиря карда, ба назди говаш рафту барояш як мушт кишмишу як пора набот дода, дилашро холӣ кард. Гов, ки гап мезад Маҳтобро тасалло дод. Чаҳтоб дид, ки духтар бо говаш гап мезанад. Зуд ба модараш хабар дод. Моиндари хурофотпараст давида ба назди фолбин омаду ҳамаи воқеаро гуфту аз гови Маҳтоб шубҳа кард. Фолбин гуфт:

– Агар ҳамун говро бикушӣ, ҷонат халос. Ба хона рафта нони чапотӣ пухта қоқ мекунӣ. Нонро ба қабурғаву камарат баста хоб меравӣ. Ҳамин ки шавҳарат омад, ин тараф он тараф тоб мехӯрӣ нон қарап-қарап мекунад. Ба шавҳарат гӯй, ки фалон фолбин маро табобат мекунад.

Моиндар гуфтаи фолбинро карду бегоҳӣ ба ҷогаҳ даромада хоб рафт. Мардак аз саҳро омад.

Занак гуфт:

– Мардак, ман касал. Войе, ман мемураме.

Ин тараф тоб хӯрд, нон қарап-қарап кард. Он тараф тоб хӯрд нон қарап-қарап кард.

Мардак пурсид:

– Чӣ гап?

Занак гуфт:

– Мемурам. Равед назди фалон фолбин. Вайро гирифта оед.

Мардак фолбинро овард. Фолбин гуфт:

– Давои зани шумо ҳамин гови кабуд. Говро мекушед. Гӯшташро ба ҳамин занак медиҳед, занак нағз мешавад.

Фолбин рафт. Говро оварда куштанӣ шуданд. Маҳтоб пагоҳӣ пеши гов рафта, кишмишу набот доданӣ буд, ки гов гиря дорад. Аз чашмаш шаршар оби дида рехта гуфт:

– Маҳтоб, имрӯз маро мекушанд. Дигар ба ту касе маслиҳат намедиҳад. Ман гови модарат будам, ба ҷои модарат ба ту маслиҳат медодам. Вақте ки мана куштанд, устухони маро ҷамъ кун. Ба пӯстам печону ба охурам гӯр кун. Ҳар боре, ки ту дучори мушкилӣ шудӣ, ба пеши охури ман биё, ман хоҳиши туро иҷро мекунам. Як маслиҳат, ҳамон даструймоли бибиҳоро ҳаргиз аз худат дур накун.

Маҳтоб ин гапро шунида зор-зор чун абри навбаҳор гиря кард. Осмон баланд буду замин сахт. Илоҷи дигар набуд. Говро куштанд. Шӯрбо карда доданд. Маҳтоб гирёну нолон устухони говро ҷамъ карда, ба пӯсташ печонда, ба охураш бурда гӯр кард. Кори моиндари ҳилагар, ки

дурӯғин буд, зуд сиҳат шуда хест.

Дар кишвар хабар шуд, ки подшоҳ тамоми мардумро ба тӯйи хатнаи писаракаш даъват кардаст. Ҳама ба тӯй меравaнд. Як тараф занҳову як тараф мардҳо. Моиндару духтараш ҳам ба тӯй рафтанӣ шуданд. Занак пеш аз ба тӯй рафтан ба назди фолбин рафт. Фолбин гуфт:

– Арзану биринҷро ба ҳамдигар омезиш дода ба пешаш гузору «то омадани ман ҷудо кун», гӯй. Аз алам вай гиря мекунад. Ба пешаш як косаи холӣ ҳам бимон. Гӯй, ки «бо оби дидаат ҳамин косаро пур кун». Агар бо ҳамин оби шӯри чашм духтарат пешонаву манаҳашро бишӯяд, мору аждаҳо дигар пайдо намешавад.

Моиндар аз бахилӣ як халта арзану як халта биринҷро ба ҳам омехта, ба пеши Маҳтоб гузошт, як косаи холӣ ҳам доду гуфт:

– То омадани ман арзану биринҷро аз ҳамдигар ҷудо ва ин косаро аз оби чашмат пур мекунӣ. Агар иҷро нашавад, бегоҳӣ омада мекушамат.

Маҳтоб аз тарс намедонит, ки чӣ кор кунад. Ҳайрону гирёну нолон аз дил мегузаронад: «ман чӣ кор кунам? То омадани моиндар ин қадар арзану биринҷро чӣ хел ҷудо мекунам. Чӣ хел гиря карда, бо оби дида ин косаро пур мекунам».

Баъд ҳамун дастрӯймолро аз бағалаш гирифта, сару рӯяшро бо вай пок карда, ба пеши охур рафту гуфт:

– Э гови кабудаки азизам, ман ба ҳамин мушкилӣ дучор шудам, чӣ кор кунам?

Гов гуфт:

– Ғам нахӯр, зиқ нашав, босабр бош. Ҳамаш хуб мешавад. Пӯстро аз охур берун барор. Баъд чашматро пӯшида кушо.

Маҳтоб пӯсти устухони говро аз охур берун мебарораду чашмашро пӯшида мекушояд. Дар пешаш як аспи Гулибодом, як либоси нестандарҷаҳон, як ҷуфт кавши тиллоӣ пайдо мешавад. Маҳтоб инҳоро дида дар ҳайрат мемонаду ба охури гов мегӯяд:

– Ташаккур, ман инҳоро чӣ кор кунам?

Садо мебарояд:

– Ҳамун дастрӯймолро ҳафт бор ба болои арзану биринҷ гирд гардон. Баъд ба хона мусичаҳо меоянд, арзану биринҷро ба пешашон гузор, то омадани ту онҳо ҷудо мекунанд. Ин либосҳоро пӯшида ту ҳам ба тӯй раву хурсандӣ кун.

Маҳтоб ҳамин корҳоро карда, либосҳоро пӯшида, ба аспи Гулибодом савор шуда, ба тӯй рафт. Ба асп қамчин расонда буд, ки ба осмон париду дар як дам ба тӯйхона расид. Ҳама ин маликаи зебои аспсаворро дида, дар ҳайрат монданд. Занҳо «ана духтари подшоҳ омад» гӯён, Маҳтобро ба пешгаҳи хона гузаронданд. Маҳтобро моиндару Чаҳтоб нашинохтанд. Як тараф карнаю сурнай, як тараф корвони Рустам, як тараф масхарабозӣ, як тараф доиразанӣ, як тараф дорбозӣ, як тараф рақсу бозӣ. Базми ҷамшедӣ тамом шуду Маҳтоб аз ҳама пеш аз ҷой бархост. Ба ҳурматаш ҳама хестанду гуселаш карданд. Ба аспаш савор шуду рафт. Роҳашро дигар кард. Аз пешаш як дарё баромад. Асп бо шаст аз дарё парида буд, ки Маҳтоб як такон хӯрду як пои кавшаш ба даруни об афтод. Ди-

гар вақти гирифтани он набуд. Зуд ба хона омада либосҳоро кашида, ба пӯсти гов андохту ба охур гӯр кард. Асп ҳам ба ҳаво париду аз назар ғайб зад. Худаш омада дар сари донаи арзану биринҷ нишаст. Оби косаро ҳам як қошуқ намак андохта, омезиш дода шӯр кард. Худро чунон вонамуд кард, ки гӯё гиря мекунад. Моиндар бо духтараш омаду бо воҳима ба гап шурӯъ кард:

– Э Маҳтоб ту надидӣ. Аҷоиб шуд. Як тараф суруду бозию ракс, як тараф корвони Рустами паҳлавон, як тараф дорбоз. Намедонам кадомашро гӯям. Аз ҳама ҷолиб ин буд, ки як духтар омад, моҳи тобон, бинаму тамошо кунаму шинам мегӯӣ, парирӯ, як рӯ моҳтобу як рӯ офтоб. Духтари ким-кадом подшо. Вайро дида ҳама девона шуданд. Шаҳзода ба вай ошиқ шуд.

Маҳтоб бардурӯғ гиря дорад. Духтар моиндараш Чаҳтоб аз алам дод заду гуфт:

– Оча намакоба биёр, мору аждаҳо маро мехӯрад.

Оча зуд рафту мору аждаҳоро буриду намакобро молид. Нашуд, боз баромад. Худаш гиря карда, оби дидаашро молида буд, ки гум шуд.

Дар базм подшоҳ ба писари навҷавонаш гуфта буд, ки аз байни духтарҳо якеро интихоб намо. Ба шаҳзода ҳамон духтари аспсавори париваш маъқул шуда буд. Вале духтар зуд рафту аз назар ғайб зад. Вай кӣ буд, аз куҷо буд, касе намедонист. Чанд рӯз пас шаҳзода ба шикор баромад. Аз қазо аз ҳамон дарё мегузашт, ки аспаш ҳуркид. Фуромада дид, ки аз таги оби зулоли дарё як пои кавш менамояд. Онро аз об берун баро-

варду шинохт, ки аз ҳамон духтари аспсавори париваш аст. Шаҳзода зуд ба қаср омада, ба падару модараш гуфт, ки ҳамин кавш ба пои касе муносиб бошад, ман ҳамонро мегирам. Кавшро гирифта тамоми кишварро гаштанд. Ба пои касе рост наомад. Навбат ба хонаи ҳамон марди камбағал расид. Дарро тақ-тақ карда, сабаби омаданашонро гуфтанд. Моиндар «ҳозир» гуфту зуд ба ҳавлӣ даромада, Маҳтобро ба танӯр маҳкам кард. Духтари худашро овард. Кавш ба пои вай мувофиқ наомад. Зуд чанд ангушти пои духтарашро бурида, кавшро тела дод. Боз ҳам нашуд. Хизматгорони подшоҳ ҳамин ки аз даровоза мебаромаданд, ногоҳ мусичаҳо садо баровper: «ку-ку-ку, дар танӯр, ку-ку-ку, дар танӯр». Онҳо ҳайрон шуда баргаштанд. Яке аз онҳо сарпӯши танӯрро бардошта дид, ки дар даруни танӯр як духтари зебое аст. Ӯро бароварда, кавшро пӯшониданд, ки ҷо ба ҷо.

Шаҳзода аз пайдо кардани Маҳтоб шод шуду хостгор фиристод. Зуд тӯй сар шуд. Рӯзи никоҳ моиндар гӯштбирёни шӯр пухта, Маҳтобро маҷбуран хӯронд. Бо аробаи шоҳона арӯсро савор карда, бо тантана ба хонаи шаҳзода бурданд. Моиндару Чаҳтоб ҳам дар ароба. Чун одат падари духтар дар хона монд. Нисфи роҳ рафта буданд, ки Маҳтоб мегӯяд:

– Оча, сахт ташна мондам.

Моиндар як чашми Маҳтобро канда об дод. Духтар аз ташнагӣ боз бетотоқат шуду «об диҳед» гуфт. Моиндар чашми дигарашро канда об дод. Баъд ароба ба наздики як ҷангал омада

буд, ки моиндар либосҳои Маҳтобро кашида гирифта, ба духтараш мепӯшонад. Либосҳои куҳнаи духтарашро ба Маҳтоб пӯшонда, як лагад зада аз ароба тела медиҳад. Бечора ғелида мерав083 ба рӯи сабза меафтад. Моиндар духтарашро бурда ба шаҳзода никоҳ карда медиҳад. Ҳар моҳ мору аждаҳои духтарашро аз пешонаву манаҳаш бурида, бо оби чашм мешӯяд, то ки сираш фош нашавад. Шаҳзода ҳайрон мемонад, ки ин вай духтари мехостагиаш нест. Ҳис мекунад, ки дар ин ҷо як розе ҳаст. Дар дил мегӯяд, ки сабр бояд кард.

Инҳоро дар аҳволи худ мегузорему ҳикоятро аз Маҳтоб мешунавем. Маҳтоб бо ду чашми нобино, бо оҳу воҳ, дар рӯи сабза хоб аст. Дасташ ба ҳамон дастрӯймол. Дар ҳамон атроф як чӯпон буд. Вай овози маҳзунеро шунида, ба сӯяш меравад, ки мегуфт: «касе маро ба хонааш барад бефарзанд бошад фарзанддор мешавад, бебахт бошад хушбахт мешавад, беризқ бошад рӯзиаш зиёд мегардад». Ин чӯпон бефарзанд буд. Духтарро дар ин аҳвол дида раҳмаш меояд. Ба суханони Маҳтоб эътиқод карда, ӯро ба хонааш мебарад. Чӯпону занаш духтарро нигоҳубин карданд. Зани чӯпон сару рӯи Маҳтобро шуст. Либос пӯшонд. Духтар шабу рӯз дар ёди ҳамон бибиҳои фаришта буду ҳамроҳи зани чӯпон ба пӯстакдӯзӣ ёрӣ медод. Пӯсти бузу гӯсфандро аввал ош медоданд, баъд аз чандтои он як пӯстаки калон медӯхтанд. Баъзеро ранг мекарданд. Зани чӯпон бо мадади Маҳтоб пӯстакҳои зебо медӯхт. Чӯпон онҳоро ба бозор бурда мефурӯхт. Бахти чӯпон хандиду ра-

маву галааш зиёд шуд.

Як рӯз бибиҳои фаришта ба хоби Маҳтоб даромада, машварат доданд, ки агар чӯпон як пӯстакчаи хушрӯяшро ба бозор бурда гӯяд, ки ба ду гавҳар мефурӯшам, моиндарат ба бозор меояду мегӯяд, ки ду гавҳар не, ду чашм медиҳам. Ба чӯпон гӯй, ки ба ҳамон ду чашм иваз кунад. Баъд чашмро оварда ба чашмонат гузору ҳамон дастрӯймолро як шаб ба болои чашмат гузор, чашмат равшан мешавад.

Маҳтоб ҳар чи дар хоб дид, амал кард. Чӯпон рӯзе як пӯсти хеле ранголранги хушдӯхтро ба бозор бурд. Аз қазо моиндар омаду ба ҳамон ду чашм иваз кард. Чашмҳоро оварда ба чашми Маҳтоб гузошт, ки ҷояшро гирифт. Маҳтоб ҳамон дастрӯймолчаро ба болои чашмонаш гузошта чанд соат хоб кард, ки бино шуд. Чӯпон пас аз муддате ҳам соҳиби фарзанд, ҳам соҳиби сарват шудаст.

Шаҳзода зиқ буд. Чунки занаш он моҳлиқои аспсавору кавшгумкарда нест. Шабҳо андеша мекарду намедонист, ки чи кор кунад. Рӯзе тани танҳо, аспсавор бо либоси фақирона ба шикор мебарояд. Ногоҳ мебинад, ки гурге шикори рама дорад. Ба вай тир мекушояд. Гург дар ҷояш мемурад. Чӯпони рама мебинад, ки шикорчие рамаи ӯро аз гург наҷот медиҳад. Давида омада ташаккур гуфта, ӯро ба хонааш мебарад. Шаҳзода, ҳамин ки ба ҳавлии чӯпон медарояд, чашмаш ба он духтари моҳпайкар меафтаду ҳайрон мешавад. Дар дил мегӯяд, ки ин ҳамон аст. Чӯпон, ки марди содаю самимӣ буд, ҳамаи

воқеаро ба шаҳзода мегӯяд. Маҳтоб ҳам шаҳзодаро мешиносад. Шаҳзода зуд ба хонаи чӯпон хостгор фиристода, Маҳтобро тӯй карда ба хонааш меорад. Шаби аввал Маҳтоб тамоми саргузашти худро ба шаҳзода ҳикоят мекунад. Инро шунида шаҳзода ангушти ҳайрат мегазаду зуд ду аспи модаву ду аспи нар мехоҳад. Ба думи аспҳои мода духтару модарро баста, аспҳои нарро аз пушти он сар медиҳад. Аспҳо давиданд, духтару модари хиёнаткор лахта-лахта шуда мемуранд.

Зиндагии хуб шурӯъ шуд. Як пагоҳӣ Маҳтоб оби дида мекунад. Шаҳзода пурсон мешавад:

– Чаро ашк мерезӣ?

Маҳтоб мегӯяд:

– Падарам ба ёдам омад, намедонам, ки аҳволаш чӣ шуда бошад?

Шаҳзода зуд аспу ароба гирифта, ҳамроҳи Маҳтоб деҳаи падари духтар меравад. Падарро пайдо мекунанд. Бечора кӯр шудаст. Маҳтоб ба ёди он фариштаҳо даструймолашро ба даст гирифта, ба чашмони падар мемолад. Чашмонаш бино мешаванд. Падарро ба он ароба савор карда бо худ мебарад. Пас аз нуҳ моҳу нуҳ рӯзу нуҳ соат Маҳтоб писаре таваллуд мекунад. Шаҳзода тӯю тамошоро сар карда, кишварро оши палав медиҳад. Ана, ҳамин тавр баъди ин қадар мушкилиҳо ҳар ду ба муроду мақсад мерасанд, шумо ҳам бирасед.

# ТАҚДИРРО ТАБДИР КАРДА НАМЕШАВАД

Буд, набуд, як подошоҳ буд. Зани подшоҳ ҳомила буд. Вақташ расиду духтардор шуд. Подшоҳ мехост, ки писардор шавад. Зиқ шуд. Подшоҳ як вазири зирак дошт. Баъди се рӯз, барои он ки зиқии подшоҳ бараояд, вазир подшоҳро ҳамроҳи худ гирифта, ба асп савор шуда, саёҳаткунон ба лаби дарё рафтанд. Аз аспҳояшон фуромада, қадамзанон рафтан гирифтанд, ки аз пешашон як пирамарди сафдепӯш баромад. Ин пирамард дар лаби дарё нишаста, ба қоғазе чизе навишта ба об мепартофт. Як коғаз, ки ба об рафт коғази дигарро навишта мепартофт. Подшоҳу вазир аз ин рафтори вай дар ҳайрат монданд. Салом доданд. Баъд подшоҳ аз вай пурсид:

– Шумо кистед?

Пирамард ҷавоб дод:

– Ман тақдирнавис.

Ба ёди подшоҳ духтари навзодаш расиду гуфт:

– Шумо тақдирнавис бошед, аз шумо як хоҳиш, ҳамин се рӯз шуд, ки худо ба ман як оҷиза дод, тақдири ҳамонро ба як ҷавони нағз нависед.

Баъд тақдирнавис гуфт:

– Тақдири ҳар одамро вақти аз падар ба модар гузаштан менависам. Тақдири духтари шумо барвақт навишта шудаст.

Подшоҳ зуд бо ҳаяҷон пурсид:

– Гуфта метавонед, ки тақдир духтари ман ба кӣ навишта шудаст.

Пирамард як чашмашро пӯшонду баъд кушода гуфт:

– Бале, тақдири духтари шумо ба ғуломи дари хонатон навишта шудаст.

Подшоҳ ғамгин шуду боз пурсид:

– Э воҳ, тақдирашро дигар карда намешавад?

– Не, – гуфт тақдирнавис.

Баъд подшоҳу вазир ба асп савор шуда аз лаби дарё ба арк баргаштанд. Подшоҳ ин гапро шунида хеле зиқ шуд. Вазир дилдорӣ карду бо ғурур гуфт:

– Э, подшоҳи олам, ғам нахӯред. То ба балоғат расидани духтаратон вақт зиёд аст. Кори намешудагӣ нест, зарур бошад, тақдирро тадибир мекунем.

Рӯз гузашт, моҳ гузашт, сол гузашту ин духтар ба балоғат расид. Подшоҳро ғам гирифт. Баъд ба вазир гуфт:

– Гӯш кун. Духтар калон шудаст. Ту гуфта будӣ, ки тақдирро тадбир мекунем. Ҳоло чӣ кор кунем?

– Э подшоҳи олам, ин осон аст, – гуфт, – ҳамин ғуломатонро ба наздатон даъват кунед. Вай давида меояд. Ман аз номи шумо ба вай мегӯям, ки рав барои подшоҳ моҳро гирифта биё, агар гирифта наёӣ, сарат аз танат ҷудо мешавад. Вай бу-

ромада дар ҷустуҷӯи моҳ мераваду дигар барнамегардад. Ҷони шумо ҳам халос. Тақдир ҳам тадбир мешавад. Баъд духтаратонро ба ягон одами муносиб медиҳед.

Ин гап ба подшоҳ маъқул шуд. Миршаб фиристод. Ғуломро овард. Вазир ба ғуломи дари хонаи подшоҳ гуфт:

– Подшоҳ туро аз ғуломӣ озод мекунанд. Солҳо нону намаки ин касро хӯрда калон шудӣ. Акнун ба тарафи ҳамон моҳ рав. Рафта барои подшоҳ ҳамон моҳро гирифта биё. Бе моҳ барнагард. Агар худо накарда бемоҳ баргардӣ, тамом, сарат аз танат ҷудо мешавад.

Моҳ куҷою гап куҷо. Ҳукми подшоҳ воҷиб. Ғулом аз як тараф шод шуда дар дил гуфт, ки хайрият, аз ғуломӣ озод шудам. Аз тарафи дигар ғамгин. Ғамгин аз он буд, ки моҳро чӣ тавр меорад. Ночор гуфт:

– Хуб шудаст, ба ҷону дил, шоҳи олам.

Баромаду рафт. Рафту даррав чоруқу пайтоба, либосҳои ҷанда пӯшида, як кулоҳи даридаро ба сараш гузошт. Дар хӯрҷин нони қоқ, ба дасташ як калтак гирифт. Ба як асп савор шуда, пагоҳии барвақт баромада рафт. Дар роҳ аз асп фуромад. Аспашро дар як алафзор баст. Дар сари санге нишаст. Камтар гиря карду баъд аз дил гузаронд, ки «моҳро чӣ хел ва аз куҷо меорам?».

Боз ба аспаш савор шуду рафтан гирифт. Нисфи рӯз шуд. Дар ягон ҷо об нест. Ба як ҳавз расид. Дид, ки ҳавзи калон, вале об надорад. Ҳайрон монд. Чор гӯшаи ҳавз кам-кам аз нур ҷило медиҳад. Ҳамин дам аз ҳавз садо мебарояд:

– Эй ҷавон, ба куҷо меравӣ?

– Барои овардани моҳ – ҷавоб медиҳад бача.

– Аз ту хоҳиш; аз моҳ пурсон шав, ман ҳавзи пуроб будам. Дар чор гӯшаи ман чизе гӯр карданду оби ман қоқ шуд. Чаро ин тавр шуд?

Ҷавон ҳам:

– Хуб шудаст – гуфту ба аспаш савор шуда, боз рафтан гирифт.

Рафт, рафт, рафту аз аспаш фуромад. Аспро ба як бутта баст. Дам гирифт. Нон хӯрд. Ба даргоҳи худо нола карду боз ба аспаш савор шуда рафт. Дар роҳ мерафт, ки аз тарафи рост як дарвоза баромад. Дарвоза кушода. Фуромаду гуфт, ки «шояд дар ҳамин ҳавлӣ об бошад». Ба дарвоза даромад. Даромада ин тараф, он тарафро нигоҳ кард, ки касе нест. Боз каме дарунтар рафт, ки ба пешвозаш як бобо баромаду гуфт:

– Биёед-биёед, бачем. Марҳамат, аз асп фуроед.

Бобо аспи бачаро гирифта ба саисхона даровардa, ба мех баст. Имшаб бача меҳмони ҳамин бобо шуд. Бобо меҳмодорӣ кард. Як луқма нону як каме атола-матола, ки бобо дошт, хӯрданд. Бачаро зуд хоб бурд. Пагоҳӣ барвақт аз хобаш хесту ба роҳ баромаданӣ шуда буд, ки бобо пурсид:

– Бачем, сафар ба хайр? Шумо ба куҷо меравед?

– Бобоҷон, ман барои овардани моҳ меравам – гуфт бача.

Бобо дар дилаш гуфт, ки «ин бача бисёр одами худобохабар будаст, ба моҳ мерафтаст. Шаб гап ҳам назад, сири дилашро ҳам нагуфт, худаш медонаду худо. Ҳар кас ба моҳ намеравад». Баъд бобо ба бача гуфт:

– Писарам, ба шумо роҳи сафед. Шумо ба моҳ меравед. Аз шумо як хоҳиш. Вақте ки ба моҳ мерасед, пурсед. Як бобо, як заминро гирифта обод кардаст. Дарахтҳои мевадори гуногун шинондаает, лекин ба ивази ҳосил, баргаки тиллоӣ мерӯяд. Вай чӣ кор кунад, ки боғаш ба ҳосил дарояд.

– Хуб, бобоҷон, албатта мепурсам – гуфту бача боз ба роҳаш рафт.

Бача рафтан гирифт, рафтан гирифт, рафтан гирифту нисфирӯзӣ ба як ҷо расиду аспашро ба як бутта баст, то ки каме чарад. Худаш ҳам як пар нони қоқашро бароварда хӯрду баъд ба аспаш савор шуда, боз рафтан гирифт. Бегоҳӣ, ҳанӯз торик нашуда, аз пешаш боз як дарвозаи кушода баромад. Аз асп фуромаду аз ҷилаваш гирифта, ба ҳамон дарвозаи кушода даромад.

Чанд кас зуд ба пешвозаш омада, аспро аз дасташ гирифта, бурда ба саисхона бастанду ҷав доданду аз болои дари саисхона мех заданд. Худашро меҳмон карданд. Барояш хӯрок оварданд, ҳамроҳаш хӯрок хӯрда, баъд ба як хона ҷо карда, аз болои бача ҳам дарро пӯшонда, қулф карданд. Калидро аз таги дар ба худи бача доданду рафтанд. Бача тарсиду худ ба худ гуфт, ки «аҷалам аз дасти ҳаминҳо будаст».

Онҳо рафтанду торикӣ ҳам расид. Намедонем, аз куҷо, аз осмон аст, ё аз замин аст, гӯё саг борид. Ин сагҳо яке дигареро чунон мегазиданду мехоиданду ҷанг мекарданд, ки бача ин аҳволро дида тарсид. Сагҳо ба якдигар ҳуҷум карда, гоҳе ба дари асп дармеафтоданду гоҳе ба дари бача

ҳуҷум карда, кушодан мехостанд. Вале дарҳо механу қулф задагӣ буд, кушода наметавонистанд.

Бача ин ҳолатро дида, пушташро ба девор такя дода нола карда нишаст. То дамидани субҳ ҳамин аҳвол идома дошт. Баробари дамидани субҳ ҳама ҷо ором шуду ғанаби бача бурд. Рӯз шуд. Ҳамон одамҳое, ки пешвоз гирифта буданд, омаданду дари хонаро тақ-тақ заданд. Бача давида ба пеши дар омад. Гуфтанд, ки:

– Меҳмон калидро диҳед.

Бача калидро доду ба сару рӯи онҳо нигоҳ кард, ки ҳама ҷо харошидагӣ, хуншор, дасту остин даридагӣ, ҳайрон монд. Ин аҳволро дида дилкаф шуд. Аз дил гузаронд, ки «шояд шаб сагҳо инҳоро ханҷолу хуншор кардаанд». Дарро кушоданд. Меҳмонро ба сари дастархони пурнозу неъмат даъват карданд, ҳамроҳ нону чой хӯрданду баъд аз бача пурсиданд:

– Меҳмон, мебахшед, пурсидан айб надорад, шумо куҷо меравед?

Бача тарсида, ларзида гуфт:

– Ман барои овардани моҳ меравам.

Ин гапро шунида онҳо ҳам барояш ихлос карданд. Худ ба худ гуфтанд, ки «ин ба моҳ мерафтаст, одами андак-мундак набудагист». Баъд яке аз онҳо гуфт:

– Меҳмон, агар шумо ба моҳ равед аз шумо як хоҳиш.

– Марҳамат, гӯед – гуфт.

– Аҳволи мо бисёр вазнин. Ҳамин ҳафт сол мешавад, ки мо дар рӯз одам, дар шаб саг. Вақте ки ба моҳ расидед, пурсед, ки чаро аҳволи мо ин хел?

Бача ин гапро шунида ҳайрон монд. Дид, ки онҳо одамони хуб, меҳмоннавозу одамдӯст. Ҳам худаш ва ҳам аспашро хӯрок доданд. Дилаш ба онҳо сӯхт. Баъд ба онҳо рӯ оварда гуфт:

– Албатта, мепурсам.

Бача бо онҳо низ хайру хуш карду баромада рафт. Рафтан гирифт, рафтан гирифт, рафтан гирифт, ҳеҷ не, ки ба охири дунё расад. Боз нисфирӯзӣ аспашро ба як буттаяк баста, як пар нони қоқашро бо оби хунук хӯрда, баъд аспашро савор шуда, боз ба роҳаш идома дод. Рафт, рафт, рафт, ки аз пешаш як дарё баромад. На сар дораду на нуг. Дар даруни дарё як аждаҳо ба мисли як кӯҳи азим хоб аст. Аз фашшосаш замину замон меларзад. Дар паҳлуи аждаҳо як моҳӣ, ки вай ба даруни дарё рафта наметавонад. Бача инро дида ҳайрон монд. Ҳамин дам аждаҳо бо қудрати худо ба гап даромада гуфт:

– Ӯ бача!

– Ҳа – гуфт.

– Куҷо меравӣ?

– Ба овардани моҳ меравам.

Аждаҳо дар дилаш гуфт, ки ин «ба моҳ мерафтаст, албатта одами одӣ нест». Ба бача гуфт:

– Натарсида аз пушти ман гузар.

Бача бо аспаш аз пушти аждаҳо ба он тарафи дарё гузашту ба аждаҳо:

– Ташаккур – гуфт.

Аждаҳо ҳам аз бача хоҳиш кард:

– Модоме ки назди моҳ меравӣ, аз ту як хоҳиш дорам; аз моҳ пурсон шав, ки дар фалон ҷо як аждаҳо будаст. Аз дарё гузашта ба кӯҳ мерафтаст.

Лекин чанд сол шудаст, ки дар ҳамин мобайни дарё шах шуда мондаст. Ҳатто паҳлу гашта наметавонистаст. Бипурс, ки сабабаш дар чист?

Бача ба ин ҳам гуфт:

– Майлаш, ҳатман мепурсам.

Боз рафт. Ҳеҷ не, ки ба охири дунё расад. Боз нисфирӯзӣ аз аспаш фуромад. Каме истироҳат кард, нонашро ба об тар карда хӯрду боз рафтан гирифт. Охири дунё маълум нест. Ба як теппа расид. Дар дилаш гуфт, ки шояд дар пушти ҳамин теппа охири дунё асту моҳ ҳам дар ҳамон ҷост. Ҷилави аспашро гирифта, пои пиёда ба теппа буромаду фуромад, ки роҳ давом дорад. Аспашро басту ба як таги дарахт такя карда нишаст.

– Тани ман, тақдири ҳақ – гуфта, ба худо нола карда гирист.

Чи хеле ки «худо аз ғайб диҳад» мегӯянд, дар ҳамин ҷо хобаш бурд. Дар хобаш дид:

«Ин бачаро бинед, тақдираш ба духтари подшоҳ аст, бечораро саргардон карданд. Гумон карданд, ки ин мурда меравад. Эй бача, ту намемурӣ. Ба ҷое расидию ҳавзи беобро дидӣ. Дар чор гӯшаи вай, чор хум тиллову ҷавоҳир, вале об надорад. Чор гӯшаи ҳавзро канда хуми тиллоро гир. Як ҷо расидӣ, ки як бобо дарахтҳои мевадори нағз дорад, вале дарахтҳо ҳосил надоранд, ба ивази ҳосил ҳар барги дарахт тиллоӣ аст. Агар тамоми боғро пойбел кунанд, боғ ба ҳосил медарояд. Ба як ҷои дигар расидӣ, ки ҳафт сол ин ҷониб одамони он макон дар рӯз одаму дар шаб саг. Эй ҷавон, ту баргард. Моҳро овардан номукин аст. Аввал ба ҳамон одамон бигӯй, ки шумоҳон аз ҳафтсола то ҳафтодсола

ғусл кунетон. Баъд ҳафт духтари ба балоғат расида доретон, ин ҳафт духтарро одам ёфта, хоҳ чӯлоқ, хоҳ шал, хоҳ кал, никоҳ карда ба шавҳар диҳетон. Он вақт инҳо шабу рӯз одам мешаванд. Баъд ба дарё ба назди ҳамон аждаҳо рав. Ин аждаҳо як замоне ба як одами неки олим ҳамла карда, бо тамоми дороияш вайро фурӯ бурда буд. Ту ба наздаш рафта гӯй, ки даҳонатро кушо. Баъд калтакро ба даҳонаш тела деҳ. Аждаҳо ҳар чи дар дилу ҷигараш ҳаст, қай мекунад. Баъд вай аждаҳо ба кӯҳ мераваду моҳии дар паҳлуи вай буда ба об. Ту баъд ба ҳамон духтари подшоҳ хонадор мешавӣ».

Бача баъди ин хоббинӣ бедор мешаваду як оҳи сард мекашаду чанд лаҳза ба андеша фурӯ меравад. Баъд худ ба худ мегӯяд «дар ҳақиқат, моҳ дар осмон аст, вайро овардан номумкин аст».

Аз роҳаш пас мегардад. Бача аввал пеши он одамҳое меояд, ки рӯз одаму шаб саг. Ба онҳо мегӯяд:

– Ман аз пеши моҳ баргаштам. Шумо аз ҳафтсола то ҳафтодсола ғусл кунед. Ҳафт духтари бешавҳар доред, онҳоро ҳатман ба шавар диҳед.

Бача як ҳафта ба он макон мегардад. Онҳо гуфтаи бачаро иҷро мекунанду ҳам рӯзу ҳам шаб одам мешаванд. Ҳама аз шодӣ мегӯянд, ки мо дигар як умр хизматгори ту.

Бача ғулом буданашро ба касе намегӯяд. Ин сагодамон ба вай ҳамроҳ мешаванд. Ин бача мегӯяд, ки не, бо ман наоед. Онҳо, не, мо хизматгори ту мегӯянд, ту ба дарди мо даво ёфтӣ, мо як умр хизматгори ту ҳастем.

Баъд бача ба пеши он бобои деҳқон меояд.

Одамсагҳо ҳамроҳ мешаванд. Ба бобо мегӯяд:

– Бобо, боғро диҳед ба ин одамони нек, то пойбел кунанд.

Ҳама дар як дам боғро пойбел мекунанд. Баргҳои тиллоӣ мерезад. Боғ дар се рӯз ҳосил медиҳад.

Баъд ба сари ҳавз меояду мегӯяд:

– Чор кунҷи ҳавзро канед. Мекананд. Аз чор кунҷи ҳавз чор хум тилло мебарояд.

Ҳамаи инҳо тилисм шуда буданд. Тилисм шикаст. Бобо мегӯяд:

– Бачем, ҳамин ватан аз шумост. Шумо ба ман фарзанд.

Ин одамони рӯз одаму шаб саг, ки хизматгори бача шуданд, ҳунарманд буданд. Тамоми кори дунёро метавонистанд. Дар як муддати кӯтоҳ дар ин макон аз он тиллову ҷавоҳирот як қасри боҳашамат сохтанд. Ҳама хушу хурсандона дар ин қаср зиндагӣ карда гаштанд.

Аз байн чанд сол мегузарад. Баъд даҳан ба даҳани мардум то ба подшоҳ мерасад, ки як бача ба дарди одамони фалон макон, шаб сагу рӯз одам буданд, даво ёфтаст. Ба дарди онҳо даво, ба ранҷашон шифо бахшидаст. Ҳафт сол саг буданд, ҳоло одам шуданд. Ин бача чандин тилисмҳоро кушода, қасри зебое сохта зиндагии хуш дорад.

Ин гапҳо ба гӯши подшоҳ мерасад. Подшоҳ фармон медиҳад, ки ин тавр бошад, вайро ҳокими макони худ интихоб намоянд. Ҳарчанд бача ризо намешавад, вале мардум ӯро ҳокими шаҳри худ интихоб карданд.

Баъд пирони шаҳр гуфтанд, ки подшоҳ як дух-

тар дорад, ҳокими мо ҳам зан надорад, моҳон хостгорӣ меравем. Подшоҳ намедонад, ки ин бача ҳамон ғуломаш аст.

– Ман лоиқи духтари подшоҳ нестам – мегӯяд.

– Не, моҳон меравем – мегӯянд.

Бо аспу шутур тиллову тангаро бор карда ба хостгорӣ рафанд. Подшоҳ аз гуфти хостгорҳо фаҳмид, ки як ҷавони накӯкор. Розӣ шуд.

Омада ба бача гуфтанд, ки:

– Подшоҳ ба шумо духтарашро доданӣ шуд.

– Не, ман намеравам – гуфт.

Маҷубаран либсоҳоии озода пӯшонда, тиллову тангаи зиёд гирифта рафтанд.

Ба тахти подшоҳ бурданд. Подшоҳ дид, ки як ҷавони хушқаду қомат ба оғӯш кашиду гуфт:

– Хуш омадед, домоди ман.

Духтарашро тӯю тамошо карда дод. Бачаву духтари подшоҳро ба ҳамон маконе, ки вайро ҳоким таъин карда буданд, оварданд. Ин бача ба иззату эҳтироми мардум соҳиб шуд. Пас аз нуҳ моҳу нуҳ рӯзу нуҳ соат худо ба инҳо як писар ато кард. Подшоҳ аз шодӣ ба дидани набераааш омад. Бача подшоҳро бо иззату эҳтиром дар сарҳавзи зебо ҷо кард. Дам гирифта шишта буданд, ки подшоҳ аз бача саргузашташро пурсид. Бача ҳар чизи аз сараш гузаштаро нақл кард. Подшоҳ гузаштаи бачаро шунида, ҳамаашро фаҳмида, ҳайрон монду гуфт: «бале, тақдирро тадбир карда намешудаст». Ана ҳамин хел, онҳо ба муроду мақсад расиданд, мову шумо ҳам бирасем.

## ҲУНАР – ЗАР, БЕҲУНАР – ДАРДИ САР

*Буд, набуд, будгор буд,*
*Замин набуд шудгор буд.*
*Як бобои арзанкор буд,*
*Арзанакаш нокор буд.*
*Давидему давидем,*
*Аз ҷӯи калон ҷаҳидем.*
*– Мо нимта чидем,*
*– Мо якта чидем.*
*– Нимта бошад як афсона гӯед,*
*– Якта бошад ду афсона гӯед.*
*– Нимта, ки чидам, як афсона мегӯям.*

Буд, набуд, дар замонҳои қадим як подшоҳ буд. Ин подшоҳ хеле мағуруру худписанду мардумозор буд. Ғайр аз худаш касеро одам намеҳисобид. Гумон мекард, ки ҳама чизи олам ба вай вобаста аст. Агар вай набошад, дунё вуҷуд надорад. Подшоҳ чанд зан дошт. Занҳояшро маломат карда мегуфт:

– Ман набошам, шумо ҳеч ҳастед. Тамоми савлату карру фарри шумо аз ман аст. Ҳама чизро аз ман бихоҳед.

Ҳамаи занҳо сари таъзим фуроварда мегуфтанд:

– Рост, шоҳам, агар шумо набошед, мо ҳеҷ ҳастем. Бале, ҳама чизро аввал аз шумо мехоҳем, баъд аз Худо.

Зани ҷавонаш духтари камбағал буд. Зебо, ҳунарманду доно, кордону тавоно, боандешаву ҷӯё буд. Ҳар бегоҳ, ки подшоҳ пас аз кору бори давлатдорӣ ба қасраш бармегашт, ин зан ӯро бо меҳр пешвоз мегирифт. Подшоҳ ӯро низ таъна мекарду мегуфт:

– Занак, ман набошам, ту ҳеҷ ҳастӣ. Ҳама чизро аввал аз ман бихоҳ, баъд аз Худо.

Вале зан мегуфт:

– Шоҳам, ҳамаш дуруст аст, вале ман аввал аз Худо мехоҳам, баъд аз шумо.

Аз ин гап ғазаби подшоҳ баланд шуду гуфт:

– Як бор такрор кун чӣ гуфтӣ?

Зан ҳам такрор кард:

– Шоҳам, аввал аз Худо, баъд аз шумо.

– Номаъқул кардӣ! Ман набошам, хору зор шуда мемурӣ. Ту кистӣ? Як духтари камбағал! Зебогият ба худат! Олам пури духтари зебо! Агар ман туро аз хона пеш кунам, чӣ кор мекунӣ?

– Шоҳам, аввал аз Худо, баъд аз дасту по намонам, он гоҳ як кор мекунам.

Подшоҳ боз дар ғазаб шуду гуфт:

– Гум кунед ин зани мӯдарози ақлкӯтоҳро. Аз хона ба як куртаву кавш пеш кунед. Ба як ҷангал бурда партоед. Ман бинам, канӣ, Худо барояш чӣ медиҳад.

Аз ин рафтори шоҳ занҳои дигар шод шуданд. Ӯро бо як куртаву кавшу як бастаи сӯзану риштааш аз қаср пеш карда, ба як ҷангал бурда партофтанд.

Ин зан Салима ном дошт. Салима ҳунарманд буд. Модараш мегуфт, ки «ҳунар зар асту беҳунар дарди сар». Ӯ аз модараш ҳама корро ёд гирифта буд. Дӯзандаю пазандаи моҳир буд.

Чақон давида ба теппае баромад. Ҳама ҷо сабз. Ба ҳар тараф нигоҳ кард. Дид, ки дар як гӯшаи дара дуд мебарояд. Ба ҳамон сӯ рафту расид ва дид, ки як кампири бечора пашмро тит карда ришта мересад. Салима ба кампир рӯ оварду салом дод:

– Салом, холаҷон.

Кампир ҷавоб дод:

– Валейкум ассалом. Дар ин ҷо одамон кам меоянд. Ту кистӣ?

Духтар гуфт:

– Ман чанд рӯз аст, ки роҳгум задам. Холаҷон, иҷозат диҳед, ҳамин шаб меҳмони шумо шавам.

– Майлаш, духтарам. Лекин ман на хӯрданӣ дораму на нӯшиданӣ. Ҳар рӯз аз адиру дара пашми бузу гӯсфанд ҷамъ мекунам. Шабҳо аз вай ришта тайёр мекунам. Якчанд калоба ки шуд, ба поёни деҳа як савдогар аст, ба вай медиҳам. Вай фурӯхта, бароям нону чизу чора меорад. Ҳамонро хӯрда як ҳафта бо ин писари танбал зиндагӣ мекунем. Аҳвол ҳамин, духтарам. Бачакам хурд буд, падараш мурд. Ману бачам дар ҳамин кулбаи вайрона мондем. Вай 25 – сола аст. Дар умраш кор накардаст, танбали хоболуд. «Оча, нон» мегӯяд. Нонашро медиҳам. «Оча, об» мегӯяд, обашро медиҳам. Хайр, як шаб ҳеч гап не, як бало мекунем.

Духтар ба атроф нигоҳ кард, ки хеле ифлос, ҳар чӣ патофтагӣ, шохи дарахту саргину ҳезуму ҳама

чиз бетартиб. Ба даруни хонаи нимвайрона нигарист, чунон чиркин аст, ки гуфта намешавад. Зуд ба паҳлуи кампир шишту ба тит кардани пашм шурӯъ кард. Дар як дам пашми ҷамъшударо тит кард. Баъд аз дасти пиразан дукро гирифта ресид. Кампир шод шуду гуфт:

– Э, духтарам, ба дасту по будаӣ. Ташаккур.

Имшабро Салима дар кулбаи ин кампир гузаронд. Пагоҳӣ кампир калобаҳоро ба савдогар burданӣ шуд. Салима ба кампир гуфт:

– Холаҷон, то шумо калобаҳоро бурдан ман пашмҳои боқимондаро ҳам тит карда ресида мемонам. Равед, холаҷон.

Кампир дар дил гуфт, ки «духтари ба дасту по, кори се-чоррӯзаи маро дар як дам буд кард». Калобаҳоро гирифта рафту гуфт:

– Роҳ хеле дур духтарам. Ман бегоҳӣ меоям.

– Майлаш, холаҷон. Нигарон набошед. Ман то омадани шумо ҳастам.

Салима то омадани кампир аввал хонаро рӯфту тозаву озода кард. Баъд беруни ҳавлиро ба тариб даровард. Сипас ба атроф нигоҳ кард, ки каме дуртар қӯтани бузу гӯсфандон аст. Ба он ҷо рафта, пашми зиёд ҷамъ оварда, ба тит кардану ресидан шурӯъ кард. Писари кампир Ҳалим ном дошт. Бачаи хушрӯ. Ба вай гуфт:

– Нон мехоҳӣ.

Бача базӯр гуфт:

– Ҳа.

Салима нонро аз дар берун гузошту ба Ҳалим гуфт:

– Наздиктар биёву бигир.

Ҳалим ҳам ба духтар нигоҳ кард, ки мисли моҳ аст. Як табассум карду ғелида-ғелида ба тарафи нон рафт. Салима бо табассуми ширин нонро боз каме дуртар бурд. Ҳалим аз табассум илҳом гирифту боз ҳаракат кард.

Офтоб нанишаста, кампир бо як борхалта омад. Дарунаш нону равғану биринҷу дигар чизҳои хӯрданӣ. Кампир ба назди кулба расида ба атроф нигоҳ карду ҳайрон монд. Гумон кард, ки кулбаи худаш нест. Ҳама ҷо тозаву озода. Салима давида ба пешвозаш омаду гуфт:

– Омадед, холаҷон?

– Ҳа, духтарам. Хеле заҳмат кашидӣ. Ин қадар корро як худат кардӣ? Боварам намеояд. Офарин, сад офарин. Худо туро ба ман аз куҷо расонд. Кош, боз чанд рӯзак мемондӣ.

Салима ин гапро шунида хушҳол шуду гуфт:

– Майлаш, холаҷон, боз чанд рӯз мемонам, ба шумо ёрдам медиҳам.

Ҳар рӯз кампир ва Салима ба саҳро баромада пашми бузу гӯсфанд ҷамъ мекарданд. Ба яйлоқ мерафтанд. Гоҳе аз думболи рамаҳо давида пашми молҳоро бо даст харошида мегирифтанд. Аз онҳо ришта мебофтанд. Салимаи ҳунарманд дар чанд рӯз риштаҳои зиёд омода кард. Баъд аз решаи дарахтону гиёҳҳо рангҳо таҳия намуда, ба дӯхтани тоқиву ҷиҳоз шурӯъ кард. Дар як ҳафта чизҳои гуногун дӯхту ба кампир гуфт:

– Холаҷон, инҳоро ҳамроҳи ҳамон савдогар худатон ба бозор бареду фурӯшед.

Ана ҳамин тавр, аз як тараф, ҳар рӯз кампир ҳар чизеро, ки Салима медӯхт, ба бозор мебурду мефурӯхту харид карда меомад. Аз тарафи дигар, писари кампир низ рафтори Салимаро дида ба ҳаракат даромад. Салима чунон кор мекард, ки дар як моҳ зиндагии кампир тамоман дигар шуд. Писараш Ҳалим низ ба ҳаркат даромада ёрдам мекардагӣ шуд. Акнун корҳои дигар сар шуд. Салима бо Ҳалим ба ҷангал мерафтанду ҳезум ҷамъ мекарданд. Ҳалим ҳамроҳи модараш ба бозор рафтанро ёд гирифт. Ҳар се ором наменишастанд. Салима медӯхту мепухт, Ҳалим ҳезуму гиёҳ ҷамъ мекард, кампир ришта мебофт. Баъд писар ҳамроҳи модараш ба бозор мебурданду мефурӯхтанд.

Аз байн як сол гузашт. Ҳалим ҳам ҷаҳон шуд. Меҳнат карда гову бузу гӯсфанду аспу хар хариданд. Бо сарварии Салимаи кордон хонаи куҳнаро вайрон карда чанд хонаи хуб сохтанд. Дар муддати се-чор сол бузу гӯсфанду говашон рамаю гала шуд. Чанд чӯпонро ба кор гирифтанд. Хонаву дарашон аз ин ҳам ободтар гашт. Ҳалим Салимаро нағз дид. Бо тӯю тамошо никоҳ карда гирифт.

Боз чанд сол гузашт. Ҳалим дар ҷои хонааш дар байни кӯҳ бо машварати Салима қасре бунёд кард, ки аз қасри подшоҳ беҳтар буд. Барои мардуми деҳоти атроф чи қадар ҷои кор пайдо шуд, ҳама розӣ.

Кор то ҷое расид, ки Салимаву Ҳалим корхонаҳо, бозорҳо, корвонҳои кишварро харида

гирифтанд. Оҳиста-оҳиста мардум ба гирди онҳо ҷамъ шудан гирфтанд. Мулк ободу мардум шод.

Дар кишвар овоза шуд, ки як зани донову тавоно як марди фақирро сарватманд кардаст. Ин зан хеле кордону ҳунарманд. Сарвати тамоми кишварро гирифта ба мардум додаст.

Подшоҳ аз ин аҳвол ҳаросон шуд. Ба лашкараш фаромон дод, ки он занро ба пеши ман оред. Аммо одамони Салима сарлашкарро бандӣ карданду лашкарро тобеи худ намуданд. Мардум зада ба қаср даромада, хостанд подшоҳро кушанд. Вале Салима инро раво надид. Гуфт:

– Куштор бадтарин кор аст. Накушед.

Як гурӯҳ одамони зираку ҳушёр, донову баор ба қаср даромаданд. Машварат чунин шуд, ки подшоҳ тахтро ба намояндаи мардум супорад, ки як зани доност.

Салимаро ба тахт шинонданд. Ӯ фармон дод, ки касе ҳунарманду ободгар аст, маошаш ду баробар. Салима аз подшоҳ хост, ки аз зулме, ки дар ин солҳо кардаст аз мардум узр хоҳад ва дар қатори мардум бо меҳнати ҳалол зиндагонӣ кунад. Шоҳ шод шуд, ки ӯро накуштанд, ба пеши пои Салима афтоду гуфт:

– Маро бубахшед, маликаи кишвар.

Салима гуфт:

– Худо бубахшад. Аввал аз Худо мехоҳам, баъд аз шумо.

Подшоҳ як таккон хӯрду ба малика нигоҳ кард, ки зани пешкардаи худаш.

– Натарсед, яъне аввал аз Худо мехоҳам, ки шуморо бахшад, баъд аз шумо мехоҳам, ки дар

қатори дигарон кор кунед. Модарам гуфта буд: «ҳунар зар, беҳунар дарди сар». Одами ҳунарманд дар ҳар давру замон хор намешавад.

Подшоҳи мағрури худхоҳ аз Салима, ки занаш буд, ин гапро шунида ашк рехт. Ана ҳамин тавр, Салима подшоҳ шуду Ҳалими танбалро кор ёд дода, ба муроду мақсадаш расид. Худоё, шумо ҳам расед.

## ДЕҲҚОНИ ЗИРАК

Буд, набуд, дар замонҳои қадим як деҳқони заҳматкаш буд. Ҳар сол харбуза мекорид. Харбузаҳоро аз таҳти дил парвариш менамуд. Дар вақташ обу пору медод. Ҳатто аз поруи парандаҳо истифода мекард. Харбузаҳои деҳқон чунон ширин буд, ки агар ба он кордро наздик баред, харбуза ду мекафиду шарбаташ ба замин мерехт.

Харбузаҳои ӯ зуд ба фурӯш мерафт. Деҳқон бо харбузаҳои ширинаш дар байни мардум машҳур гашт. Ӯ хеле дасткушоду саховатманд буд. Ба ҳамсояҳо, роҳгузарҳо низ аз харбузаҳояш ҳадя мекард. Шуҳрати ширинии харбузаҳои ӯ даҳон ба даҳон дар ҳама ҷо паҳн шуд.

Солҳо зуд мегузашт. Деҳқон кӯшиш мекард, ки харбузаҳои ӯ дастраси ҳама бошад. Боре деҳқон худ ба худ фикр карду гуфт, ки "харбузаҳои маро ҳама чашиданд, ғайр аз подшоҳ".

Соли дигар, ҳамин ки харбуза пухт, деҳқон ду паллаи хӯрҷин харбуза гирифта, ба як хар бор карда, ба тарафи шаҳр ба ҷониби арки подшоҳ равон шуд. Ӯ рафт, рафт, рафту ба пойтахт расид. Рӯз бегоҳ шуд. Омаду дар як гӯшаи корвонсаро ҷо гирифт.

Подшоҳи кишвар як одат дошт, ки ҳар шаб ли-

боси дарвешӣ пӯшида, ба шаҳр мегашту ба гапи мардум гӯш медод, бо одамон суҳбат мекард. Аз қазо, имшаб ба корвонсаро омаду дид, ки дар як гӯшаи корвонсаро, ба болои суфа деҳқоне дар паҳлуи хӯрҷини пур аз харбуза нишастаст. Подшоҳ, ки дар либоси дарвешӣ буд, ба назди деҳқон омаду пурсид:

– Салом, марди мусофир.

– Валейкум ассалом.

– Маълум мешавад, ки ба ҷое сафар дорӣ, куҷо меравӣ, ба хӯрҷинат чӣ дорӣ?

– Эй дарвеш, ман як деҳқонам. Ҳар сол харбуза мекорам. Ҳоло ба арки подшоҳ равонам. Ба хӯрҷинам харбуза дорам. Аз харбузаи ман мардуми зиёд чашиданд ба ғайр аз подшоҳ. Мехоҳам, ки ӯ ҳам аз харбузаи ман бичашад.

– Ту харбузаро ба подшоҳ мебарӣ. Ин кори хуб аст. Агар подшоҳ барои харбузаат пуле надиҳад, чӣ кор мекунӣ?

– Ман харбузаамро барои подшоҳ барои фурӯш намебарам. Фақат барои ҳадя. Барои ман ҳеҷ пуле даркор нест. Марҳамат, дарвеш, шумо ҳам чашед.

Деҳқони дасткушод бо табассуми ширин ва муҳаббат даст ба хӯрҷин бурд, то ба дарвеш ҳам харбузае диҳад. Дарвеш гуфт:

– Ташаккур, ман кор дорам. Бояд биравам. Худо хоҳад, рӯзе ба полези шумо омада, харбузаи шуморо мечашам. Саломат бошед.

Дарвеш, ки подшоҳ буд, ин гапҳоро гуфта аз назди деҳқон рафт. Ба арки худ даромаду ба дарбонҳояш фармон дод:

– Фардо субҳ деҳқоне меояд. Бо хару ду палла хӯрҷини пури харбуза. Ӯро монед, ки ба назди ман дарояд.

Рӯзи дигар деҳқон бо ду палла хӯрҷини харбуза, ки ба хараш бор аст, ба арки подшоҳ омад. Дарбонҳо хару хӯрҷинашро ба гӯшае нигоҳ дошта, ӯро ба назди подшоҳ бурданд. Подшоҳ бо вазираш буд, аз деҳқон пурсид:

– Марҳамат, чӣ арз дорӣ?

– Подшоҳи олам, ҳеч арз надорам. Ман деҳқонам. Ҳар сол харбуза мекорам. Харбузаҳоям ширин мешавад. Ҳама чашиданд. Хостам, ки шумо ҳам чашед.

– Харбузаҳоят чанд пул аст?

– Олиҷаноб, ман барои фурӯш наовардам. Фақат барои чашидани шумо овардаму халос.

Подшоҳ ба хидматгоронаш фармон дод, ки хӯрҷини пур аз харбузаи деҳқонро ба наздаш оранд. Зуд оварданд. Бо фармони подшоҳ як лаълию корд оварда харбузаро қалам-қалам бурида, ба пеши подшоҳ гузоштанд. Подшоҳ чашид. Дар воқеъ, чунин харбузаро дар тамоми умраш начашида буд. Ин рафтори деҳқон барои подшоҳ хеле хушоянд омад. Подшоҳ пас аз ташаккур ба деҳқон гуфт:

– Шумо ба ман ҳадя овардед. Ман ҳам ба шумо ҳадя медиҳам, ки гиред.

Бо фармони подшоҳ ба деҳқон ҷомаи заррин ва дар як ҳамён сад танга тилло доданд. Деҳқон хеле шод шуда баромада рафт. Вазири подшоҳ ин аҳволро дида ҳасудӣ карда гуфт:

– Олиҷаноб, агар ба ҳар роҳгузар сад тангаӣ

ҳадя кунед, дар хазина чизе намемонад.

Подшоҳро ин гапи вазир писанд наомад. Барои санҷиш подшоҳ гуфт:

– Ту вазир ҳастӣ, ман сад танга додам, ту тавонӣ деҳқонро наранҷонда тангаро баргардон.

Дарҳол вазир аз ҷояш хесту ба аспаш савор шуда аз дунболи деҳқон равон шуд. Расиду гуфт:

– Исто, беинсоф! – Деҳқон ҳайрон шуду истод.

Вазир гуфт:

– Ту чӣ хел одам ҳастӣ, ки барои чанд харбуза сад танга гирифта меравӣ? Магар аз рӯи инсоф аст?

Деҳқон бо тамасхур ба вазири ҳасуд нигоҳе карду ҷавоб дод:

– Ҷаноби вазир, ман барои тамаъ харбуза наовардам. Вале аз ҳадяи олиҷаноб рӯ гардондан носипосӣ буд.

– Маълум мешавад, ки ту худхоҳу мағрурӣ. Майлаш, ҳар чӣ гирифтӣ хуб аст. Лекин ман як савол дорам, агар ба он дуруст ҷавоб диҳӣ, сад тангаи дигар медиҳам, агар ҷавоб дода натавонӣ, сад тангаро ба ман бармегардонӣ.

Деҳқон дилсофу зираку баинсоф буд. Ба вазир гуфт:

– Марҳамат, саволатро бигӯ.

– Бигӯ, “давр” чист?

Деҳқони зирак ба вазир гуфт:

– Ба саволат ба шарте ҷавоб медиҳам, ки гуфтаи манро иҷро мекунӣ.

Вазир ҳам гуфт:

– Хуб, ман розӣ.

Деҳқон бо ҷасорат гуфт:

– Ин тавр бошад аз асп фуро.

Вазир аз асп фаромаду деҳқон ба асп савор шуд.

Деҳқон боз гуфт:

– Камчинро ба ман деҳ.

Вазир қамчинро дод.

Деҳқон боз гуфт:

– Акнун ҷомаатро ба ман деҳ.

Вазир ҷомаашро кашид. Деҳқон онро пӯшиду ҷомаи худашро ба вай дод.

Деҳқон боз ба вазир гуфт:

– Акнун ба хари ман савор шав, рафтем ба пеши подшоҳ.

Вазир дид, ки деҳқон барояш ҷиддӣ мегӯяд. Аз тарс гуфт:

– Не, ин кор дуруст нест.

Деҳқон қамчинро ба сари вазир бардошта бо ғазаб гуфт:

– Канӣ, зуд савор шав. Ман ба саволат дар назди подшоҳ ҷавоб медиҳам.

Вазир илтиҷо кард, ки ин корро накунад. Деҳқон дид, ки чунин одамон ба подшоҳ машварати нодуруст медиҳанд, ба таври ҷиддӣ ба вазир фармон дод:

– Рафтем ба назди подшоҳ. Ман дар он ҷо ба саволат ҷавоб медиҳам.

Вазир зораву илтиҷо кард. Деҳқони зирак розӣ нашуд. Вазирро маҷбур кард, ки ба хар савор шаваду ҳамроҳи ӯ ба назди подшоҳ равад. Рафтанд. Подшоҳ ин аҳволро дида, вазъиятро пурсид, ки чаро ин тавр шуд. Деҳқон ҷавоб дод:

– Олиҷаноб, ҷаноби вазир аз ман пурсид, ки

“давр” чист. Дидам, ки ӯ ҳасуд аст ва ба шумо ҳам машварати нодуруст медиҳад, шарт кардам. Ба саволат дар он сурат ҷавоб медиҳам, ки гапи маро гӯш кунӣ. Вазир ҳам гапи маро гӯш кард. Ман гуфтам, аз асп фаро, фаромад; аспро ба ман деҳ, дод; қамчину ҷомаи вазириро ба ман деҳ, дод. Подшоҳи олам, чанд лаҳза пеш давр даври вазир буд. Ҳар чӣ вай мегуфт ман мекардам. Ҳоло дар аспу либоси вазир ман ҳастам, яъне давр даври ман аст, ҳар чи ман мегӯям, вай бояд иҷро кунад. Ҷаноби подшоҳ, рост гӯед, ман ба саволи вазир дуруст ҷавоб додам, ё не?

Подшоҳ хушҳол шуду хандида гуфт:

– Бале, ҷавоби ту комилан дуруст аст. Ҳоло давр даври туст.

Ин гуфтори деҳқони зирак ба подшоҳ писанд омаду вазирро аз кор пеш карда, деҳқони зиракро ба ҷои ӯ вазир таъин кард. Баъд аз он деҳқони вазиршуда дар канори подшоҳи одил кишварро аз зулму истибдод пок карду мардум ҳам сазовори зиндагии роҳат шуданд.

## МАРДА МАРД МЕКАРДАГӢ ЗАН...

Буд, набуд, дар замонҳои қадим як подшоҳ буд. Подшоҳ аспбони зиёд дошт. Як аспбонаш танбалу содаву гӯл буд. Номаш Наим буд. Подшоҳ кори вайро медиду ғашаш меомаду дар дилаш мегуфт: «ҳамин ҳам одам шуд, мард шуд, ҳеҷ зан бо ин як рӯз ҳам зиндагӣ карда наметавонад».

Ин Наим ин қадар танбалу нодон буд, ки ба бади аспбонҳои дигар ҳам зада буд. Чанд аспро қашав мекунам гуфта кушт. Подшоҳ дар ғазаб шуда, ҳамаи аспбонҳоро ҷанг кард. Чанд бор ин кор такрор шуд. Як рӯз як аспи беҳтарини подшоҳ мурд. Аспбонҳо тарсидандy ҷамъ шуданду ба назди подшоҳ рафтанду гуфтанд:

– Олиҷаноб, ин кори Наим аст. Вай об хӯрад аз лабаш мерезад, нон хӯрад аз даҳонаш меафтад. Кори вайро фақат мо мекунем. Аспи шуморо ҳам Наим нодуруст қашав карда кушт. Ё вай истад, ё мо!

– Чӣ аспи маро Наим кушт?! – Подшоҳ дар ғазаб шуд.

– Бале! – Аспбонҳо тасдиқ карданд.

Подшоҳ дигар ночор шуду фармон дод, ки Наимро ба як доманаи кӯҳ бурда партоянд, ки гургҳо пора-пора карда хӯранд.

Подшоҳ писар надошт. Ба доғи писар гирифтор буд. Танҳо як духтар дошт. Ин духтар бисёр зираку донову кордону ҳунарманд буд. Дӯхтану пухтану ҳама корро хуб ёд гирифта буд. Ба бечорагон ёрдам мекард. Ҳар боре ки духтараш ба дармондагон дасти ёрӣ дароз кунад, агар подшоҳ фаҳмад, меранҷиду мегуфт:

– Гӯш кун, медонӣ, ҳамин зоғҳо чӣ мегӯянд.

– Не, падарҷон.

– Мегӯянд, ки «марда мард мекардагӣ зан, марда номард мекардагӣ зан». Ту ба ҳар касу нокас беҳуда ёрдам карда, обрӯи маро набар. Агар як бори дигар ба бечорагон ёрдам кунӣ, туро ба назди Наими тамбал мефиристам.

Духтар ҳам қаҳр мекарду мегуфт:

– Майлаш фиристед. Ман ҳамун Наимро чунон одам кунам, ки тамоми мардум дар ҳайрат монад.

Подшоҳ аз чунин гуфтори духтараш дар ғазаб мешуду вале ночор ғазабашро фурӯ мебурд.

Як рӯз подшоҳ бо вазираш дар чорбоғаш саёҳат карда, гулу дарахту парандаҳову ҳама чизро тамошо карда мегашт, ки ногоҳ ду зоғ омад. Ба тарафи подшоҳ нигоҳ карда яке «қанқӣ» карду дигараш «қунқӣ» кард. Подшоҳ ба ин ҷонварон нигоҳ карду хандид. Вазир ин табассуми подшоҳро дида пурсид:

– Олиҷаноб, чаро дар лабатон табассум дамид?

Подшоҳ ҷавоб дод:

– Чӣ, намедонӣ?

– Не, – гуфт вазир.

– Агар надонӣ, ба ту чил рӯз муҳлат. Чи гуфтани ҳамин зоғро фаҳмида биё, агар надонӣ, ба дорат мекашам.

Вазир ғамгину дилсиёҳ ба хонааш омад.

Духтари вазиру духтари подшоҳ дугона буданд. Қариб ҳар рӯз якдигарро медиданд. Ҳоло чандин рӯз аст, ки духтари вазир намеояд. Аз байн 39 рӯз гузашт. Духтари подшоҳ ҳайрон мешаваду дар дилаш: «дугонаам касал шуд, чӣ шуд» гуфта, барои хабаргирӣ меравад. Хабаргирӣ омада, духтари подшоҳ аз духтари вазир мепурсад:

– Ҳа, дугонаҷон, чӣ шуд? Чандин бор канизама фиристодам, наомадӣ?

Духтари вазир гуфт:

– Э, дугонаҷон, фардо рӯзи марги падарам.

– Чӣ хел? Нафаҳмидам.

– Падарат падарамро фардо ба дор мекашад.

– Барои чӣ, чӣ шудаст?

– Як рӯз ҳар дуяшон ба чорбоғ қадам зада гарданд, ду зоғ омадасту яке «қанқӣ» кардасту дигараш «қунқӣ». Падарат гуфтаст, ки ба ту чил рӯз муҳлат, агар ҳаминро наёбӣ, ба дорат мекашам.

Духтари подшоҳ гуфтаст:

– Э ҳамин ҳам гап шуд магар. Ин тамоман осон аст. Ман бароят мегӯям, рафта ба падарат бигӯ. Зоғи якум «қанқӣ» кард, маънияаш ин аст, ки «марда мард мекардагӣ зан», зоғи дуюм «қунқӣ» кард, маънояш «мардро номард мекардагӣ ҳам зан».

Духтари вазир тохта аз ҷояш хеста аз сару рӯи дугонааш бӯсиду ба вай ташаккур гуфта, давида

пеши падараш омад. Бечора вазир кафан дар даст дар хона гиря карда хоб рафтаст. Духтараш даромада гуфт:

– Падарҷон, падарҷон, ёфтам, ёфтам.

Падар базӯр нобоварона ба духтараш нигоҳ карда пурсид:

– Чӣ будаст?

– Падарҷон, духтари подшоҳ ҷавобашро ба ман гуфт: Зоғи аввал гуфтаст, ки «марда мард мекардагӣ зан», зоғи дуюм гуфтаст, ки «марда номард мекардагӣ ҳам зан».

Вазир ҷавоби духтарашро шунида шод шуда, фардо пагоҳӣ либосҳои фасонашро пӯшида назди подшоҳ меравад. Даромада салом медиҳад. Подшоҳ чой хӯрда шишта буд. Мепурсад:

– Валейкум бар салом, марҳамат, биё, ёфтӣ?

– Оличаноб, ёфтам.

– Марҳамат, як пиёла чой. Чӣ будаст?

– Зоғи аввал гуфтаст, ки «марда мард мекардагӣ зан», зоғи дуюм гуфтаст, ки «марда номард мекардагӣ ҳам зан».

– Дуруст, ёфтӣ. Лекин росташро гӯй, ин ҷавобро аз куҷо ёфтӣ? Кӣ бароят гуфт?

Вазир ҳам росташро гуфт:

– Духтари шумо ба духтарам гуфтаст.

Подшоҳ ин гапро шунида асабонӣ мешавад:

– Воҳ! Ин чӣ гап! – гуфт, як ханҷари дудамро гирифта ба қаср даромада аз занаш мепурсад:

– Духтарат дар куҷост?!

Занаш ҳолати подшоҳро дида, бо тарс ҷавоб медиҳад:

– Ҳозир, дар ҳамин ҷо буд.

Подшоҳ бо садои баланд:

– Хайрӣ!!! – гӯён дод зад.

Агар дар ҳамин ҷо, дар сари ғазаби подшоҳ духтараш меомад, сарашро аз танаш ҷудо мекард. Рӯзаш, ки буд нашуда будаст, духтар аз пешаш намебарояд. Зани подшоҳ ларзида, тарсида, пештар омада мепурсад:

– Тасаддуқи шумо шавам, чӣ гап?

– Ин хел фарзанде, ки сири хонаи маро ба берун мебарорад, барои ман даркор нест! Духтарат дар куҷост? Ҳозир бо ҳамин ханҷар ду мекафонам.

– О, чӣ шуд, подшоҳи олам?

– Як сири маро ба дигарон гуфтаст. Зоғҳо дуруст гуфта будаанд: «марда мард мекардагӣ зан, марда номард мекардагӣ ҳам зан». Духтари ту сири маро ба вазир гуфта, маро номард кард!

Зан дид, ки дигар чора нест. Ҳамин ҳозир подшоҳ духтарашро бинад сарашро аз тан ҷудо мекунад. Ночор барои наҷоти духтараш роҳеро ҷуст.

– Олиҷаноб, ором шавед. Аз як қошуқ хуни ман гузареду гапи маро гӯш кунед.

Подшоҳ андаке ором шуду гуфт:

– Гузаштам, гап зан!

– Вай як духтар, оҷизу муштипар. Шумо подшоҳи мамлакат. Барои як гапи ҳамун номи машҳури худро ба духтаркушӣ мебаоред? Ин кора накунед.

– Чӣ кунам?! Намехоҳам вай дигар дар ин даргоҳи ман бошад!

Зан маслиҳат дод:

– Медонед чӣ, духтарро ба як ҷои дур фиристед, ки мурдаашро зоғу заған хӯрда равад.

Подшоҳ ханҷарашро ба ғилоф гузошту як лаҳза ором шуд. Гапи зан маъқул шуд. Ба занаш супориш дод:

– Ман дигар афти духтаратро дидан намехоҳам. Зуд аз ин ҷо дафъ кун.

Подшоҳ ба яке аз маҳрамбачаҳои занаш фармон дод, ки вайро ба ҳамон доманаи кӯҳ бурда партояд, то мисли Наим несту нобуд шавад. Бечора модар ба фармудаи шавҳараш итоат карду зуд ба хидматгоре супориш дода, як гӯсфандро кушонд. Як шикамбаи говро, ки қоқ карда буд, бирён кард. Баъд гӯшти гӯсфандро ба рӯғани худаш бирён карда, ба ҳамон шикамбаи гов ҷо кард. Ба кайвониҳо фармон дод, ки фатир, кулча, қаламаю дигар чизҳои мехӯрдагӣ пазанд. Ҳамаи инро ба ду паллаи хӯрҷин ҷо кард. Баъд либосҳои духтарро бо сӯзан, ҷуволдӯз, шардӯз (навъи сӯзан), ангуштпона, ришта, ҳар чизе, ки барои як духтари дӯзанда лозим буд, дар як бухча ҷо карда баст. Дар дилаш гуфт, ки «духтарам дар он чӯлу биёбон азоб накашад». Баъд ба маҳрамбача чанд танга тилло дада гуфт:

– Ту пагоҳӣ хурӯс чеғ назада биё. Ба болои девор баро. Ман баста-баста ба ту медиҳам. Ту чизу чораро дуртар аз қаср гузор. Баъд аз ҳамон ҷо духтарро бо чизу чорааш мебарӣ. Эҳтиёт шав, ки миршабҳо нафаҳманд.

– Хуб шудаст – гуфт маҳрамбача.

Маҳрамбача ҳанӯз чашми рӯз накафида омада

ба болои девори қаср баромад. Модар ҳама чизро бо ресмон баста-баста ба вай дод. Маҳрамбача хӯрҷин, бухча, халта – ҳамашро гузаронда, дуртар аз қаср ба як ҷои беодам бурда монд.

Баъди аз хоб хестани подшоҳ модари бечора духтарро бо як куртаю фаранҷию чашмабанд ба асп савор карда, аз пеши подшоҳ гузаронда гусел кард. Подшоҳ бо ғазаб аз паси духтараш як кулӯх партофту ба қасраш даромаду худ ба худ гуфт: «марда номард мекардагӣ зан, ин духтар маро дар пеши вазир номард кард…».

Модар ба маҳрамбача боз чанд танга тилло доду гуфт:

–Бурда ба як лаби чашма бимон. Аз санг як хонача соз, ки духтарам азоб накашад.

Маҳрамбача тиллоро дида шод шуду:

– Майлаш – гуфт.

Вай чизу чораро ба як асп бор кард, духтар ба аспи дигар баромада рафт. Рафтанд, рафтанд, рафтаду ба як ҷо расиданд, ки ин тараф кӯҳ, он тараф кӯҳ, дар мобайн як сой. Духтарро дар ҳамин ҷо фуровард. Аз санг як хонача сохт. Болои хонаро бо кавроки хушк пӯшонд. Аз болои каврок хасу хавос партофта андова карду гуфт:

– Ман рафтам, се рӯз пас омада хабар мегирам.

Шаб шуд. Духтар ваҳмида, тарсида, то саҳар хобаш набурд. Худ ба худ гуфт: «э, Худо, тани танҳо чӣ кор мекунам». Пагоҳии барвақт аз ҷой хесту ба сари кӯҳ баромад. Дид, ки гирду атроф дарахтзор. Дарахтҳо аз дур ба мисли буттаи нозбӯй менамояд. Ҳеч одамизоде ба чашмаш на-

расид. Сари кӯҳ барояш маъқул шуд. Баландӣ, хушобу ҳаво.

Ба поён фуромаду ҳамаи чизашро кам-кам то нисфи рӯз ба болои кӯҳ баровард. Як нафасашро рост карда, аз чизҳои модараш додагӣ як пора нону як бурда гӯшт хӯрду ногоҳ чашмаш ба як сиёҳӣ афтид, ки ба одам монанд. Базӯр меҷунбад. Ба ҳамон тараф нигоҳ карда рафт. Омада дид, ки як ҷавон базӯр меҷунбад. Оҳиста аз таги фаранҷӣ нигоҳ кард, ки ҳамон Наим –аспбони падараш. Гушнаву ташна сарсону саргардон.

– Саломалейкум – гуфт.

– Ва-лей-кум – гуфт ба зӯр.

– Шумо кӣ? Чӣ шуд ба шумо?

– Ман аспбони подшоҳ будам. Танбал будам. Маро ба ҳамин макон оварда партофтанд. Ин тараф давида, он тараф давида як чиз ним чиз ёфта хӯрда гаштем. Хеле гуруснаам, ягон чизи хӯрданӣ дорӣ?

Духтар Наимро аз ҷояш хезонда, оҳиста-оҳиста то сари кӯҳ овард. Аз кулчаву фатиру гӯшт дода, шиками вайро сер кард. Баъд ба ҳар тараф нигоҳ карда дид, ки хеле дуртар як боғ аст. Ба сӯи ҳамон боғ рафта дид, ки дарунаш гелосу зардолу пухтагӣ. Касе нест, бесоҳиб. Боғ ба мисли ҷангал. Онсӯтар як дарахти калону дар тагаш чашма, барои зиндагӣ ҷои муносиб. Ба назди Наим омаду гуфт, ки:

– Бардоред, аз қафои ман биёед.

Вай ҳам хӯрҷинро бардошта, аз қафои Хайрӣ рафт. Баъд гуфт:

– Ҳамаашро ба ҳамин ҷо оред.

– Хуб.

Овард. Боз гуфт:

– Акнун ба болои зардолу бароеду камтар зардолу чинед. Баъд аз ин кунҷи боғ, то вай кунҷи боғ давр зада, ягон ҷулбур, ҷанда, латтапора ҳар чизе, ки ҳаст, ҷамъ кунед.

Наим, ки гушна буд, маззаи гӯштро чашид, гуфтаи духтарро иҷро кард. Аз ин кунҷ то ун кунҷи боғ даромада, ҳар чизе, ки пайдо кард, ҷамъ овард. Духтар латтапораю пӯсту риштаву чармро аз якдигар ҷудо кард. Баъд аз тугунаш сӯзану ҷолдӯз, шардӯзу ангуштпонаро гирифта, ин ҷандаҳоро дол ба дол оварда, ҷуфт ба ҷуфт карда, ҷул, лаҷом, нӯхта, изангу дӯхт. Аз латтапораҳо хӯрҷину халтаву ҷувол дӯхтанро сар карда, ба Наим гуфт:

– Шумо аспбони подшоҳ будед. Дар ин кӯҳу ҷангал ба ғайр аз ману шумо касе нест. Агар ҳаракат накунем, дар ин ҷо хору зор шуда, мурда мерем. Боло – поин рафта, ягон аспи ёбоиро ром кунед. Агар ҳаракат накунед, нон нест. Мегӯяндку аз ту ҳаракат, аз ман баракат.

Наим дар ин чанд муддати танҳоӣ азоби гушногиро дида буд. Барои ҳамин гуфти духтарро қабул карда, баромада рафт. Дар домани кӯҳ дид, ки галаи аспҳои ёбоӣ, оҳувон ҳар хел ҳайвонҳо ҳастанд. Зуд як аспи лучакро аз ёлаш қапиду гирифта омад. Даррав вайро ҷул кард, зин зад, айил баст, лаҷом андохт. Асп ром шуд. Духтар аз химчаҳои туту бед чандто сабад бофт. Баъд гуфт:

Акнун болои зардолу баромада чинеду ба ин сабадҳо ҷо ба ҷо карда, сабадро ба ду паллаи

хӯрҷин андохта, ба бозор баред.

Наим гуфт:

– Бозор дар куҷо? Ман намедонам.

Хайрӣ гуфт:

– Бароеду равед. Ҳамон ҷое, ки одам зиёд аст, бозор аст. Ҳар чӣ мардум савдо кунанд, ҳар пуле ки диҳанд, зуд-зуд фурӯхта пул карда овардан гиред. Агар ягон бозорчӣ ҳамашро арзон харад ба вай дода омадан гиред.

Наим ҳамин тавр кард. Чанд рӯз бозор мерафту меомад. Хайрӣ гелосу зардолу мечид. Чанд рӯз ҳамин корро карданд. Каме пул ҷамъ шуд. Баъд духтар гуфт:

– Акнун имрӯз ба ин пул аз бозор як дегча харед, як кафгир харед, кам-кам рӯған, биринҷ, пиёз, сабзӣ, лӯбиё, мош, нахӯд харида биёред.

– Хуб, – гуфт Наим.

Аз байн чанд вақт гузашт. Баъд Хайрӣ ва Наим ба якдигар саргузашташонро гуфтанд. Дӯсти меҳрубон шуданд.

Як рӯз духтар дар интизор буд, ки кай Наим аз бозор меояд. Ногоҳ чашмаш ба як пирамард афтид, ки асо дар камараш, ду даст аз асо гузаронида аз домани кӯҳ мефарояд. Хайрӣ ба пеши ӯ рафту пурсид:

– Бобоҷон, шумо аҳли илмед?

– Не, бачем ман авом.

Ин пирамард чанд қадам монду худ ба худ гуфт, ки «э, ин оҷиза аз ман аҳли илмро пурсид, шояд кадом кори муҳиме дошт». Аз роҳаш баргашт.

– Духтарам, шумо аҳли илм пурсидед, манзуратон чӣ буд?

– Бобоҷон, аз роҳ баргаштед. Одами нек менамоед. Агар заҳмат нашавад, бегоҳӣ, баъди намози дигар, як мулло, ду авом, бо худатон чор кас биёед. Ҳу, ана дар ҳамон баландӣ, як хона аст, ҳамон хонаи мо.

– Хуб, духтарам – гуфт пирамард.

Наим аз бозор омад. Хайрӣ барояш гуфт:

– Имрӯз рӯзи никоҳи мо.

– Чӣ хел?

– Атрофро тоза кунед, баъдтар мефаҳмед.

Наим машғул шуд. Хайрӣ машғули пухту паз шуд. Биринҷа тоза кард, сабзиро реза кард, гӯштро майда кард, рӯғанро ширин кард, оши палавро дам партофт. Дастархони хуб орост. Бегоҳӣ он пирамард бо як муллову ду авом омад. Хайрӣ ва Наим онҳоро зиёфат доданд. Баъд Хайрӣ ба ҳамон пирамард гуфт:

– Бобоҷон, шумо падарвакил, ин ду одами овардагетон шоҳид, ба мулло гӯед моҳона никоҳ кунад.

Ана ҳамин тавр, инҳо зану шавҳар шуданд. Дар ҳамон ҷо барои худашон чанд дар хона сохтанд. Зан зувола карда лой дод, шавҳар девор зад. Дар ҳамин кулба бо меҳнати ҳалол зиндагӣ карда гаштанд. Наими танбал ҳушёру кордон шуд. Аз байн рӯзҳо гузашт, моҳҳо гузашту гузашту Худо ба инҳо як писар дод.

Зану шӯ шабу рӯз кор карданд. Ба пули ҷамъ кардашон гов хариданд, гӯсфанд хариданд, асп хариданд соҳиби рамаю галаи зиёд шуданд. Одамони зиёдро ба кор гирифтанд. Галаю рама, ки зиёд шудан гирифт, пешопеш фурхӯтанд. Хеле

пул ҷамъ шуд. Баъд ба ин пул поёнтар аз ҳамон ҷои шикоргоҳи подшоҳ як қаср сохтанд. Чунон қасре сохтанд, ки нисбат ба қасри подшоҳ хеле зебо. Даруни қасрро бо лаълу зумраду ёқуту фирӯза оро доданд. Ҳамаи ҳаминро ҳамин духтари донову зираку кордон Хайрӣ роҳ нишон дод. Бинед, як марди танбали содаро тарбия карда, ба ҷӣ мартабаҳо расонд. Ана, ҳамон гуфти зоғ шуд: «марда мард мекардагӣ зан», Хайрӣ як марди танбалро одами дуруст кард.

Акнун инро ба ин ҷо гузорему гапро аз подшоҳу занаш шунавем. Пас аз се рӯз ҳамон маҳрамбача омада дид, ки Хайрӣ дар ҷояш нест. Ба модараш хабарро бурд, ки духтар нест. Модари бечора гумон кард, ки духтарашро гургон хӯрдаанд. Чанд рӯз доду фиғон карду баъд ба тақдир тан дод. Аз байн чанд сол гузашту подшоҳ ҳам аз кори кардагеш пушаймон шуд. Дар бисоташ як духтар буд. Онро ҳам худаш нобуд кард. Дигар фарзанд надошт. Зиқ шуд подшоҳ. Пир шуд.

Рӯзе подшоҳ ба вазираш гуфт:

– Як қисми лашкарро ҷамъ кун. Дар айёми пирӣ як ба шикор равем.

Вазир зуд фармони подшоҳро иҷро кард. Ба шикор баромаданд. Ба наздкии сарҳади кишвар ба кӯҳе расиданд, ки аз пешашон як қасри боҳашамате баромад. Ҳайрон шуданд, ки ин қаср аз кӣ бошад. Подшоҳ ба вазираш гуфт:

– Ба назарам, ин қасри шоҳи кишвари ҳамсоя. Хеле зебо сохтаст. Шояд дарунаш аз берунаш ҳам зеботар бошад.

– Бале, шоҳам. Қаср зебо. Вале ба назарам, ин

дар замини мамлакати мост.

– Чӣ хел?

– Ин кӯҳ аз они мост.

– Аз они мост?

Шикор карданду кабку оҳуву ҳар чӣ заданд. Баъд ба зери дарахти чашмае, ки дар наздики ҳамон қаср буд, чодар паҳн карданд. Пазандаҳо сайдҳоро шушта, тоза карда, пухта ба пеши подшоҳ оварданд. Ҳамин дам як ҷавони хушрӯю озода ба як аспи бидав савор шудагӣ, либосҳояш ба худаш зебанда, лаҷоми асп, изангу, қамчин ҳама чизи асп аз тилло ба назди дарвозаи қаср омад. Дарвозаи қаср шароққос кушода шуд. Подшоҳ дида ҳайрон монд. Як оҳи сард кашида аз дил гузаронд: «агар духтарамро аз хона намерондам, ҳамин ҷавонро домод мекардам».

Наим ба тарафи шикорчиён, ки аз қаср дуртар буданд, назаре андохту баробари кушода шудани дарвоза ба дарун даромад. Аспашро баста ба назди Хайрӣ омада гуфт:

– Дар беруни қаср дар назди чашма як гурӯҳ одамон кабобу шароб мехӯранд. Ба назарам, подшоҳ аст.

Хайрӣ аз болои боми қаср омада, худро ба касе нишон надода, оҳиста ба шикорчиён дида дӯхт, ки падараш. Ба шавҳараш гуфт:

– Раведу бо ду дасти адаб салом кунед. Барои эҳтиром бигӯед, ки «меҳмони олиқадр, агар чизе лозим бошад, мо дар хизмат ҳастем». Барои фардо ба меҳмонӣ даъват кунед.

Наим рафт. Бо одоби баланд салом кард. Подшоҳро бо хушгуфторӣ мафтун намуд.

Пешниҳод намуд, ки чизе лозим аст, ё не. Пас аз хандаву шӯхӣ ва гуфтугӯи мухтасар гуфт:

– Оличаноб, лутфу марҳамат карда, фардо бо ҳамаи одамон ба хонаи мо меҳмони азиз шавед.

Подшоҳ гуфт:

– Ташаккур, мо зиёд ҳастем. Лашкари мо дар хонаи шумо намеғунҷад.

– Оличаноб, дил васеъ бошад, ҳама ҷо мешавад. Албатта, як лашкар не, чанд лашкари шуморо мо метавонем ҷо кунем. Лутфан, марҳамат намоед.

Подшоҳ розӣ шуд. Барояш ҷолиб буд, то бидонад, ки ин ҷавони бисёр зебову хушмуомила кист ва ин қасри пурнақш аз кадом подшоҳ аст?

Рӯзи дигар подшоҳ бо одамони зиёд омад. Зиёфатро дида, дар ҳайрат монд. Пас аз зиёфат Хайрӣ ба Наим гуфт, ки подшоҳро ба назди ман оред. Наим рафту гуфт:

– Оличаноб, шуморо ҳамсари ман мехоҳад зиёрат кунад.

Подшоҳ ба вазираш нигоҳи ҳайратомезе карда, бо Наим ба ҳавлии дарун рафт. Як боғи зебои дилрабо. Шаршараҳо, кабку тӯтию булбулу парандаҳо месароянд. Дар мобайни боғ як духтаре ду даст дар сари сина, бо нимтаъзиму ҳурмат истода, ба замин менигарад. Ҳамин дам яке аз зоғҳо «қанқӣ» карду дигаре «қунқӣ». Духтар гуфт:

– Оличаноб, инҳо чӣ гуфтанд?

Подшоҳи ҳайрон, оҳиста ҷавоб дод:

– «Марда мард мекардагӣ зан….»

Подшоҳ ҳанӯз давомашро нагуфта духтар

гуфт:

– Салом, падари бузургвор.

Подшоҳ ҳанӯз саломро алейк нагирифта ба духтар нигоҳ карду шинохт, ки духтараш. Аз ҳуш рафт. Об оварда, ба рӯи падараш заду сари падарро ба рӯи зону гирифта, бо остинаш шамол дод. Подшоҳ ба ҳуш омад.

– Ту кистӣ?

– Падарҷон, ман Хайрӣ.

– Ин ҷавон кист?

– Ҳамон аспбони шумо, Наим.

Подшоҳ, ки пиру дилшикаста буд, дунёи торикаш чароғон гашту шод гардид. Наберааш давида омада ба гардани бобояш часпид. Подшоҳ духтарашу домодашро тӯй карда, мардумро чил шабу чил рӯз ош дод. Баъд духтари доноашро ба ҷои худ подшоҳ карда гуфт: «бале, духтарам ҳамон зоғ дуруст гуфта будаст, ки «мардро мард мекардагӣ зан аст, мардро номард мекардагӣ зан ҳам аст».

Ана, инҳо ба мурοду мақсадашон расиданд Худоё, мову шумо ҳам бирасем.

## ОҲАНРО МУШ ХӮРД

Дар замонҳои қадим як одаме буд. Вай савдогар буд. Ҳар чизе ҷамъ мекарду мефурӯхту зиндагиашро пеш мебурд. Ин савдогар дӯсте дошт. Ҳавлии дӯсташ калон буд. Гоҳе баъзе чизҳоро ба хонаи вай мегузошт. Зимни фаъолият кори савдогар омад карду аз куҷое оҳани бисёр ҷамъ кард. Дар ҳавлии худаш ҷо набуд. Фикр кард, ки инро ба ҳавлии дӯстам гузорам. Дӯсташ ҳам розӣ шуд. Оҳан чанд муддат дар ҳавлии ӯ буд.

Рӯзе савдогар ба сафар меравад. Сафараш дуру дароз мешавад. Кораш барор намегирад. Тиҷораташ омад намекунад. Ночор бо дасти холӣ ба ватанаш бармегардад. Муҳтоҷ мешавад. Ба ёдаш ҳамон оҳан мерасад. Ба ҳавлии дӯсташ меояд, то ки оҳанро гираду фурӯшаду корашро пеш барад. Ба ҳавлии дӯсташ меравад. Дӯсташ ӯро хуш мепазирад. Ба дӯсташ мегӯяд:

– Корам барор нагирифт. Барои ҳамон оҳан омадам. Бараму фурӯшаму рӯзгорро пеш барам.

Дӯсташ он оҳанро баргардондан намехост. Намедонист, ки ба дӯсташ чӣ гӯяд. Яке ба ӯ гуфт:

– Он оҳанро ба анбор гузошта будам. Он ҷо муш пайдо шудасту ҳамаашро хӯрдаст.

Савдогар ба дӯсташ як нигоҳе карду бо табас-

сум ҷавоб дод:

– Бале, муш ошиқи оҳан аст. Оҳан барои муш хӯроки хушмазза аст.

Дӯсташ ба ин гуфтаи савдогар бовар карду вайро ба хона даъват кард, то меҳмондорӣ кунад. Ба занаш гуфт, ки зуд дастархон биёр.

Савдогар гуфт:

– Не, имрӯз вақт надорам. Рӯзи дигар ҳатман меоям.

Савдогар рафт. Дид, ки дар кӯча писараки хурди дӯсташ бо бачаҳо бозӣ мекунад. Оҳиста писаракро дуздид ва бурда дар хонааш маҳкам кард. Имшаб дӯсташу занашу хешу табораш тамоми ҷоро кофтанд, вале писаракро пайдо карда натавонистанд. Ҳайрон монданд. Рӯзи дигар савдогар ба хонаи дӯсташ барои меҳмонӣ омад. Дид, ки дӯсташ парешону ғамгин аз чашмонаш ашк мерезад. Савдогар мепурсад:

– Чӣ гап? Ин қадар парешонхотирӣ.

Дӯсташ ашки чашмонашро пок карда, ҷавоб медиҳад:

– Аз дирӯз писаркам нест. Тамоми деҳаҳои поёну болоро кофтем, нест. Намедонам, ба вай чӣ шуд?

Савдогар ӯро тасалло доду гуфт:

– Афсӯс. Пас он, ки ман дидам, кӯдаки ту будаст.

– Дар куҷо, кадом кӯдак? – бо ҳаяҷон мепурсад дӯсташ.

– Дирӯз ман аз хонаи ту баромада мерафтам.

Дар ҳаво як парандаи мушгирро дидам, ки кӯдаке дар нӯлаш ба ҳаво парвоз карда мерафт.

Дӯсташ аз ин гуфти савдогар асабонӣ мешаваду мегӯяд:

– Эй бардар, маро масхара накун. Чи хел як парандаи хурди мушгир, як кӯдаки чорсоларо ба ҳаво гирифта, мепарад. Охир, вай паранда чанд баробар аз кӯдак хурд-ку!

Савдогар ҳам асабонӣ мешаваду мегӯяд:

– Модоме ки муш чандсад кило оҳанро хӯрда тавонад, пас чӣ тавр як парандаи хурд як кӯдаки чорсоларо ба ҳаво бардошта, парида намеравад?

Дӯсташ хатояшро фаҳмиду ба зора даромад:

– Бародарҷон, ман иштибоҳ кардам, шӯхӣ кардам. Оҳанро муш нахӯрдааст. Оҳан дар ҷояш аст.

Савдогар ҳам мегӯяд:

– Ғамгин нашав, писари туро ҳам мушгир набурдаст. Оҳанро деҳу писаратро гир.

Дидед, бачаҳои азиз, барои нафс шуда, одамон чи корҳое мекунанд.

## ЗИРАК ВА МИРАК

Буд, набуд, дар замонҳои қадим ду дӯст буданд. Яке Зирак ном дошту дигаре Мирак. Зирак хеле ҳушёру маккор буд, Мирак содаю пуркор буд. Зирак фақат фоидаи худро меандешид, Мирак ғами дигаронро низ мехӯрд.

Рӯзе аз рӯзҳо ин ду дӯсти шафиқу мушфиқ хостанд, ки савдогарӣ кунанд. Барои донистани нозукии он ба сафар баромаданд. Ба назди савдогарҳо рафта, маслиҳат гирифтанд, чӣ бояд карду чӣ бояд накард, омӯхтанд. Як бегоҳӣ аз кӯчаи калон мегузаштанд, ки аз пеши онҳо як ҳамён баромад. Зуд кушоданду диданд, ки пури тилло. Зирак гуфт:

– Ба касе нагӯй, корамон барор гирифт.

Мирак гуфт:

– Хуб нест, бояд эълон кунем, ки аз кист.

Зирак гуфт:

– Дӯстам, сода нашав. Мо, ки бо нияти савдогарӣ баромадем, Худо мадад кард. Ҳоло ин тиллоро тарзе истифода барем, ки рӯзгорамон пеш равад.

Мирак, ки содаю самимӣ буд, чизе нагуфт. Ҳар ду ба маконе расиданд, ки хеле ободу зебо буд. Ба як гӯшаи ин макон рафтанду дар ошхонае даро-

мада хӯрок хӯрданд. Зирак, ки ҳушёр буд, ба Мирак гуфт:

– Дӯстам, биё як кор кунем.

Мирак пурисд:

– Чӣ кор?

Зирак гуфт:

– То ки дӯстиамон вайрон нашавад, ин тиллоро дар ҷое пинҳон кунем. Ҳар касе чӣ миқдоре мехоҳад, гираду сарф карда, бо кори савдогарӣ машғул шавад.

Мирак аз найранги дӯсташ бехабар буд, розӣ шуд. Ҳар ду дар канори шаҳр ба таги дарахти азиме, ки хеле калону дарунаш кавок буд, омаданд. Ҳар ду барои харҷ кардан аз он як тиллоӣ гирифтанд. Боқимондаро бо ҳамён ба зери он дарахти азим гӯр карданд. Ҳар ду ба шаҳр, ба ду тараф рафтанд. Ваъда карданд, ки бегоҳӣ ба сари ҳамин чорроҳа мулоқот мекунанд. Мирак рафт аз паи коре ва содиқона баҳри иҷрои он шуд. Зирак аз думболи Мирак поид ва дид, ки вай рафт ба даруни бозори бузург. Зуд баргашт ба таги дарахту ҳамёнро бардошта, ба ҷои дигар гӯр кард.

Зирак дар як гӯшаи чорроҳ, ба таги дарахте интизори омадани Мирак хоб рафт. Бегоҳӣ Мирак ба ҳамон чорроҳаи ваъдагӣ омад. Зирак аз гӯшае мушоҳида кард, ки Мирак омад. Ӯ худро хаста вонамуд карда, бо оҳу воҳ ба наздаш расид. Ҳар ду ба таги дарахт омаданд. Каме истироҳат карданд ва баъд Зирак гуфт:

– Биё, боз чанд сикка мегирему ба шаҳр меравему меҳмонхонаи хубе гирифта, роҳат мекунем.

Мирак розӣ шуд. Зираки маккор таги дарахтро

кофт, ки ҳамён нест. Онро худаш бурда ба таги дарахти дигар гӯр карда буд. Бо макру ҳила дар ғазаб шуд. Аз гиребони Мирак гирифт:

– Ту, нобакор, чӣ кардӣ, канӣ ҳамён? Ба ман бидеҳ.

Мирак аз ин рафтори Зирак дар ҳайрат монд. Худро гум кард.

– Ба худо, ман нагирифтам. Ман ҳамин ҳозир бо ту омадам.

Зирак гуфт:

– Дурӯғ мегӯӣ, ҷои ҳамёнро ғайр аз ту касе намедонист. Агар ҳақи маро надиҳӣ, ман туро ба қозӣ мебарам.

Мирак аз макри ӯ бехабар. Ҳар ду даст ба гиребон шуданд. Зирак мушт ба сари ӯ мезаду дӯсташро сарзанишу дашному нафрин мекард. Мираки бегуноҳ худро ҳимоят мекарду ҳайрон буд. Билохира Зираки маккор дӯсташ Миракро кашола карда, ба назди қозӣ бурд. Қозӣ аз воқеа огоҳ шуда, аз Зирак пурсид:

– Шоҳид дорӣ?

Зирак зуд ҷавоб дод:

– Бале, дорам.

Қозӣ боз пурсид:

– Кист, он шоҳид?

Зирак гуфт:

– Шоҳидам ҳамон дарахт. Қозиҷон, шумо бовар кунед, равед аз ҳамон дарахт пурсед. Шояд бо қудрати худо вай гап занаду ҳақиқатро бигӯяд. Хиёнати ин дузди беинсофро ошкор созад.

Қозӣ аз ин гуфтору рафтору ҳаяҷону воҳимаю доду войи Зирак дар ҳайрат монд. Бо чашми шубҳа нигаристу гуфт:

– Хуб шудаст, ором шав. Фардо ба таги дарахт меравему мепурсем. Шояд гуфти ту рост бошад.

Дарахт хеле калону мобайнаш кавок буд. Дар он ҷо одаме ҷой мешуд. Шаб ба хона омад ба назди падари пираш. Ба вай воқеаро гуфт. Падари пир дид, ки писараш дурӯғ мегӯяд, гуфт:

– Писарам, ин кори бад аст. Бо дурӯғу макру фиреб зиндагӣ обод намешавад. Аз ин роҳат баргард.

Зирак падари пири фартуташро илтиҷо мекунаду мегӯяд:

– Гӯш кун падар. Ба мо Худо додаст. Ҳамёни тиллоро азхуд кунем, тамоми умр рӯзгорамон таъмин аст.

Пас аз шунидани сухани писар падар пурсид:

– Писарам, ҳоло бигӯй вазифаи ман чист, ман чӣ кор кунам?

Зирак падарро роҳнамоӣ кард:

– Падарҷон, вазифаи шумо ҳамин аст, ки шаб ба даруни ковокии ҳамон дарахт рафта, рост меистед. Фардо субҳ ман ба қозӣ ба он ҷо меоям. Қозӣ аз дарахт мепурсад, ки сухани ҳамин бача дуруст аст? Шумо аз номи дарахт мегӯед, ки бале, дуруст аст.

Бечора падар низ ба гуфти писар бовар карду ночор шаб рафта, ба ковокии дарахт ҷо ба ҷо шуд. Субҳ қозӣ ҳамроҳи Зираку Мираку одамони худ ба назди дарахт омад. Мардуми зиёд он ҷо

ҷамъ шуданд. Қозӣ дар назди ҳама аз дарахт пурсид:

– Эй дарахт, рост бигӯ, Зирак рост мегӯяд, ки ҳамёни тиллоро Мирак аз таги хоки ту гирифта рафт.

Аз даруни ковокии дарахт садо мебарояд:

– Бале, рост мегӯяд, ман шоҳид ҳастам.

Ҳамаи ҳозирин аз шунидани овоз дар ҳайрат монданд. Қозӣ фаҳмид, ки ин ҷо найранге аст. Ҳатман дар миёни дарахт касе ҳаст. Зуд фармон дод, ки ҳезуми хушк биёранду дарахтро оташ зананд. Оташ заданд. Дуди дарахт ба осмон печид. Пирамард низ андаке таҳаммул карду дигар натавонист. Аз дарди ҷон ба доду фиғон омаду гуфт:

– Маро наҷот диҳед!

Қозӣ супориш дод, ки ӯро аз ковокии дарахт берун оранд. Пирамард бо бадани нимсӯхта ба берун баромад. Қозӣ ҳақиқатро аз вай пурсон шуд. Пирамард ночор росташро гуфту мурд. Қозӣ ҳам ҳақиқатро ба мардум расонид. Мираки софдил ҳамёни тиллоро гирифта ба муроду мақсадаш расид. Зирак бошад дар байни мардум шармандаву расво шуд.

## ЛАЪЛИ ХАНДОН

Буд, набуд, дар замонҳои гузашта се мард буд.

Яке савдогар, дуввумӣ ҳунарманд ва сеюмӣ раиси деҳ.

Номи савдогар Ҳашмат буд. Корвони аспу шутурҳо дошт. Бо корвони аспу шутурҳояш ба кишварҳои олам мерафту бор меоварду мефурӯхт. Соҳиби давлату сарвати зиёд буд.

Дигаре Ҳикмат ном дошт, аз чӯб ҳар чизе метарошид, месохт, ба бозор мебурду мефурӯхту зиндагии осуда мегузаронд.

Сеюмӣ, ки ба ҳар кас машварат медод, мардумро роҳнамоӣ мекард, ӯро Ҳиммат мегуфтанд. Ӯ раиси деҳ буд.

Ҳашмат соҳиби замин, ҳавлии калони бодабдаба, боғу роғ, рамаву гала, аспу шутур, молу мулки зиёд буд. Ӯ ишқбоз буд. Ошиқи духтарони соҳибҷамол буд. Ба ҳар шаҳре равад, ба як духтаре ошиқ мешуд. Ҳашмат пай дар пай ба се духтари зебо хонадор шуд. Ба ҳар сеи инҳо се қаср сохт. Худаш ҳар сол чанд моҳ онҳоро мегузошту бо корвони аспу шутурҳояш ба савдогарӣ мерафт. Вале аз ҳар се занаш фарзанд надошт.

Ҳикмат низ ба чӯб теша мезад, метарошид, мехарошид, мешикофид, ороиш медоду чизе месохт ва бо ҳавас ба бозор мебурду мефурӯхт. Ӯ бо

меҳнати ҳалолаш ҳавлияки хурде бунёд кард, зан гирифт, пас аз як сол соҳиби кӯдаки дӯстрӯяку хушрӯяк шуд. Чунон ширину дилнишин буд, ки падару модар ӯро «лаъли хандон» мегуфтанд.

Ҳиммат ғами мардумро мехӯрд. Ӯ шарики тӯю тамошо, ҷашну сур, расму оин, мурдаю зиндаи мардум буд. Мардуми деҳ низ корҳои худро бо машварати ӯ ба сомон мерасониданд. Ҳар бор Ҳиммат ҳам ба ҳавлии Ҳикмат саре мезаду лаъли хандони онҳонро дида, ҳавас мекард.

Аз байн се-чор сол гузашт.

Ҳавлии Ҳашмат сол то сол пурмоҷаро мешуд. Занҳо бо якдигар созиш намекарданд.

Дар хонаи Ҳикмат ҳама хушҳол буданд. Зан бо парвариши кӯдаки лаъли хандонаш машғул буду мард аз дунболи касби худ. Кӯдак шӯхию бозӣ мекард, медавид, мепарид. Ба ин рафтори ӯ падару модар низ шарик мешуданд. Ҳикмат, ҳамин ки хаста шуд, бо зану кӯдаки лаъли хандонаш гирдгирди хона медавиду бозӣ мекарду хушҳол буд.

Ҳиммат аз аҳволи бошандагони деҳи худ бохабар мешуд. Ӯ медонист, ки кӣ орому осуда зиндагӣ дорад, кӣ мушкилот дорад, кӣ моҷаро дорад, кӣ ғам дорад, кӣ ҷашн дорад. Ба ҳама роҳнамою раҳбар буд.

Рӯзе аз рӯзҳо дар ҳавлии Ҳашмат моҷарои занҳо тамоми деҳро фаро гирифт. Инро шунида, Ҳиммат ба ҳавлии Ҳашмат омад. Ҳашмат аз ғусса чӣ карданашро надониста, дилашро ба Ҳиммат холӣ кард:

– Э вой, бар ман! Намедонам, бо ин занҳоям чӣ кор кунам. Ҳар сеяш бо ҳама чиз таъмин, вале

ҳар рӯз моҷаро. Ин чӣ бало аст, ки ба сарам омад. Аз назди ҳавлии Ҳикмат мегузараму ҳавасам меояд. Ин қадар тифоқ, шод, доим садои бозию ханда ба гӯш мерасад. Эй раис, ман чӣ кор кунам, ки рӯзгори шод дошта бошам?

Ҳиммат табассум карду гуфт:

– Бародарҷон, дар хонаи шумо ҳама чиз ҳаст, ба ғайр аз лаъли хандон. Медонед, лаъли хандон сеҳр дорад. Сеҳри ӯ касро зиқ шудан намегузорад. Агар дар хонаи ҳар касе ҳадалақал як лаъли хандон бошад, он хонавода обод аст. Агар ҳар се зани шумо яктоӣ аз ин лаъли хандон медоштанд, шояд моҷаро намешуд. Будани лаъли хандон тамоми ғаму ғуссаи зану мардро аз худ дур мекунад. Чаро дар хонаи Ҳикмати чӯбтарош ҳамеша шодмонӣ аст? Чунки онҳо як лаъли хандон доранд. Вақте ки зану шавҳар аз корҳои худ хаста мешаванд, бо ин лаълаи хандони худ бозӣ мекунанд, аз хастагии худ фориғ мешаванд, шодон умр ба сар мебаранд.

Ин гапро шунида, Ҳашмат тамоми шаб ба фикр ғӯта зад. Фардо субҳ ба бозор рафт. Барои се занаш се лаъли бисёр зебо харид. Онҳо дар нури офтоб чунон ҷило медоданд, ки ҳар кадоме садранг мешуд. Ӯ нисфирӯзӣ ба хона омад. Ҳар се занашро, ба наздаш, ба суфаи сарҳавзи боғи сарсабзу гулзору лолазор даъват кард. Ба онҳо яктоӣ лаълро дода гуфт:

– Ман ба шумо яктоӣ лаъли хандон овардам. Ин сеҳри шодибахш дорад. Аз ҷилои он лаззат баред, шод шавед, бо лаъли худ бозӣ кунед, ман ҳам ба бозии шумо шарик мешавам. Вале дигар моҷаро накунед.

Ҳар се зан лаъли худро ба даст гирифтанду аз даст ба даст партофта бозӣ карданд. Лаъл дар шуои офтоб сад хел ҷило медод. Он ҷилоро дида яке гуфт, ки: «ваҳ, аз ман хеле зебо аст», дигаре гуфт, ки: «не, аз ман зеботар», сеюмӣ гуфт: «не-не, аз ман зеботарин аст». Моҷаро сар шуд. Занҳо рӯканию мӯканӣ карданд.

Ҳашмат ин рафтори онҳоро дида, ангушти ҳайрат газиду хиҷолат кашид. Ночор Ҳимматро даъват кард ва аҳволро барояш гуфт:

– Пас аз суҳбати шумо ман ба бозор рафтам. Барои ҳар занам яктоӣ лаъл харидам. Вале аҳвол боз ҳам бадтар шуд.

Ҳиммат хеле зарифона хандиду гуфт:

– Шумо маро нафаҳмидед. Лаъли хандони Ҳикмати ҷӯбтарош, ин санги қиматбаҳое, ки шумо аз бозор харидед, нест.

– Пас чист?

– Он лаъли хандон кӯдаки онҳост.

Ҳашмат ин гапро шуниду чанд рӯз ба андеша фурӯ рафт.

Баъд дар байни се қасри се зан, се девол сохт. Онҳоро аз якдигар ҷудо кард. Ба хонаи ҳар кадоме чандшабӣ меҳмон шуда, қасрҳоро ба занҳояш туҳфа карда, бо корвони аспу шутурҳояш баромада рафт. Пас аз нуҳ моҳ, пасо пеш занҳои Ҳашмат таваллуд карданд. Ҳар кадоме, дар хонаи худ, машғули лаъли хандони худ шуданд. На моҷаро буду на ғавғо.

Баъд раиси деҳ ба Ҳашмат нома навишт: «Дӯстам, мужда бидеҳ, ки се занат соҳиби се лаъли хандон» шуд.

# БОҒБОН ВА ХИРС

Буд, набуд, дар замонҳои қадим як боғбоне буд. Зану фарзанд надошт. Ин боғбон ошиқи кори худ буд. Ниҳол мешинонд, пайванд мекард, бел мезад боғи хеле зебое бунёд кард. Боғбон сол то сол пир мешуду аз танҳоӣ дилаш ба танг меомад. Гоҳе аз дилтангию танҳоӣ ба дараю кӯҳу ҷангал мерафт, парандаю ҳайвонҳоро ба худ ром мекард, ба боғаш меовард. Акнун дар боғаш дар канори дарахтҳои мевадору гулҳои ранrоранг, парандаҳои хушхон ҳам зиёд шуданд.

Рӯзе аз рӯзҳо боғбон дар домани кӯҳе қадам мезад, ки як хирсе фуромада, ба тарафаш омадан гирифт. Ӯ ин хирси калони бадбашараи ба хасу хошок ҷӯлидаро дида тарсид. Агар гурезад, хирс давида ӯро қапида хӯрданаш мумкин. Пас ночор боғбон ба тарафи хирс бо табассум, чеҳраи кушодаю пурмуҳаббат, даст ба сари сина ҳаракат кард. Ба хирс чанд чизи хӯрданӣ ҳам дод. Хирсро ин рафтори боғбон хушаш омад. Ҳар ду дӯст шуданд. Боғбон, ки аз танҳоӣ зиқ мешуд, аз пайдо шудани чунин дӯст хушҳол гашт. Ба хирс хӯрок медод, гоҳе баданашро хору мол карда, навозиш мекард. Хирс ҳам аз рафторҳои дилҷӯёнаи боғбон розӣ буд. Ҳамин ки боғбон нисфирӯзӣ истироҳат мекард, хирс пашаҳои сару рӯи ӯро бо дасташ меронд. Чанд муддат дӯстии онҳо идома пайдо кард. Ба

ҳамдигар сахт одат карда буданд. Хирс дӯсти вафодори боғбон шуд.

Рӯзе боғбон пас аз кору бори боғ бо хирс хӯрок хӯрд. Дили боғбон ба асал рафт. Ним коса асалро бо ним нон хӯрд. Ширақои асал ба ришаш часпид. Нисфирӯзӣ буд. Ҳаво хеле гарм шуд. Боғбон ба рӯи суфа дароз кашиду хобаш бурд. Пашаҳои зиёд омада, ба риши боғбон часпиданд. Хирс ҳам чун одат онҳоро меронд, вале намешуд. Пашаҳо зиёд шуданд. Хирс онҳоро меронд, вале онҳо зуд омада, боз ба риши аз асал ширившудаи боғбон менишастанд. Ногаҳон аз куҷое чанд занбӯр омада, ба риши ширини боғбон нишаст. Хирс онҳоро ронд, вале боз омаданд. Занбӯру пашаҳо зиёд шуданд. Ҳамин дам хирс дар ғазаб шуду аз поёни суфа як харсанги калонро гирифта оварду ба болои занбӯру пашаҳо, ки ба ришу рӯи боғбон нишаста буданд зад. Пашаву занбӯрҳо ба ҳар тараф париданду сари боғбон ба рӯи болишт ҳамвор шуду ӯ ҷо ба ҷо мурд.

Барои ҳамин гуфтаанд, ки душмани доно аз дӯсти нодон беҳтар аст. Агар ин боғбон ҳам аз байни одамон дӯсти доное медошт, ба ин аҳвол гирифтор намешуд.

## БАРОИ НАВРӮЗ

Дар замонҳои қадим як зан буду як мард буд. Онҳо хеле сода буданд. Гоҳе меҳрубон буданду гоҳ ҷангу ҷидол мекарданд. Онҳо ҳар сол пеш аз расидани баҳор, ҷашни Наврӯзро хуш мепазируфтанд.

Боз баҳор омаду ҷашни Наврӯз ҳам наздик шуд. Мард хост, ки имсол Наврӯзро нисбат ба солҳои пеш хубтар пешвоз гирад. Бо ин ният мард ба бозор рафту ду паллаи хӯрҷин чизу чора хариду ба хараш бор карду ба хонааш омад. Зан ин қадар чизу чораи зиёдро, ки пеш надида буд, диду асабонӣ гашту аз шавҳараш пурсид:

– Мардак, мо ду нафар бошем, ин қадар чизу чора барои чӣ лозим?

Мард шоду хурсанд ҷавоб дод:

– Э занаки сода, ин ҳама барои Наврӯз. Ба наздикӣ меояд. Ҳамин ки Наврӯз омад, масъала ҳал мешавад.

Занак гумон кард, ки ин чизу чора истодан гирад, вайрон мешавад. Ба анбор муш даромада мехӯрад. Мехост зудтар соҳибаш омада барад.

Аз байн чанд рӯз гузашт. Як пагоҳӣ занҳо ба таги дарвоза чақ-чақ мекарданд, ки зане бо овози баланд садо кард:

– Акаи Наврӯз, уууу акаи Наврӯз.

Он мардак ҷавоб дод:

– Ҳа, хола, чӣ мегӯӣ?

– Ҳамин гови моро ҳам ба саҳро бар.

– Майлаш-майлаш. Фардо меояму мебарам.

Ин занаки сода ҳам номи Наврӯзро шунида гумон кард, ки шавҳараш ин чизҳоро барои ҳамин Наврӯз оварда будаст. Занак давида ба ҳамон тарафи овоз ба назди Наврӯз рафту гуфт:

– Акаи Наврӯз, гӯш кун. Анбори мо ҷои кам дорад. Чизу чораатро ҳамин ҳозир бар. Агар муш-пуш хӯрад, баъд аз мо гила накун.

Наврӯз марди зирак буд. Фаҳмид, ки ин зани сода ба вай чизе доданист. Зуд гуфт:

– Майлаш, хоҳед, худи ҳозир мебарам.

– Биё, бар.

Наврӯз ба хонаи он занаки сода омада, чизу чораро ба ду паллаи хӯрҷинаш гирифта, ба китфаш гузошта рафт.

Бегоҳӣ мардак омад. Зан ба мард гуфт:

– Ман корро осон кардам. Пагоҳӣ Наврӯз омад. Ҳамон чизу чораро бо хӯрҷинаш додам, бурд.

– Нафаҳмидам, кадом Наврӯз?

– О гуфта буди-ку чизу чора барои Наврӯз. Омад, додам, бурд.

Мард аз содагии занаш асабонӣ шуду ба сари вай дод зад:

– Нодон! Аҳмақ! Бефаҳм! Гӯлу гаранг! Ин чизу чора барои ҷашни Наврӯз буд. Вай кадом тараф рафт?

– Ҳо ба он тарф.

Мард ба хараш савор шуду бо чӯбдаста хила кард. Хар мурданак йӯрға карда давид. Мард дар роҳ Наврӯзро дид, ки хӯрҷин ба китф равон аст. Пурсид:

– Салом, ака.

– Валейкум.

– Ягон кас хӯрҷин дар китфаш саросема ҳамон тараф нарафт?

Наврӯз фаҳмид, ки ин мард шавҳари ҳамон зан аст. Гуфт:

– Рафт, қафоша нигоҳ карда, нигоҳ карда рафт.

Мард гуфт, ки «ёфтам худи худаш».

– Гӯш кун, аз дунболаш хара давонам, расида метавонам?

Вай ҷавоб дод:

– Не, наметавонӣ.

– Чаро?

– Чунки ту харсаворӣ, вай пиёда. Агар харатро давонда равӣ, вайро надида, гузашта меравӣ.

– Пас чӣ кор кунам?

– Харатро ба пеши ман бимону бидав.

Мард бовар карду харро ба Наврӯз гузошту худаш чунон давид, ки дар як дам аз назар пинҳон шуд.

Наврӯз хӯрҷинро ба хар бор карду қафо гашту роҳашро дигар кард.

Ин мард давида-давида-давида хеле рафт. Аз давидана рӯз бегоҳ гашту монда шуд. Баргашта ба хонаш омад. Ҳам чизу чора аз даст рафту ҳам хар. Байни зану шавҳар мунокиша сар шуд. Мард занашро сарзаниш мекард, ки чаро чизу чораро

додӣ, зан шавҳарашро таъна мекард, ки чаро харро додӣ.

Билохира мард занро аз хона зада пеш кард. Зан аз деҳа баромада ба тарафи саҳро рафту дар зери як бута нишаста буд, ки ба пешаш як гурба омаду «мияв-мияв-мияв» гуфтан гирифт. Зани сода гумон кард, ки гурбаро шавҳараш фиристодаст. Гуфт:

– Сад мияв-мияву пияв-пияв кунӣ ҳам, намеравам.

Гурбаро зада пеш кард. Аз байн боз каме вақт гузашт. Ин дафъа як саги гурусна забонашро лесида, думашро ликонда омада «ак-ак-ак» кардан гирифт. Ба умеди он ки ин зан шояд ягон пора нон медиҳад. Зан гуфт:

– Номаъқул кардӣ. Сад дум ликонию дусад бор ак-ка-ак кунӣ ҳам, намеравам гуфтам, намеравам.

Сагро зада пеш кард. Саг рафт.

Баъди чанде аз куҷо як шутури пурбор пайдо шуд. Маълум буд, ки шутур аз корвоне ҷудо шудаст. Шутур ба зан наздик шуд. Зан дид, ки як шутури пурбор дар наздаш. Аз ҷояш хесту ин тараф, он тарафашро нигоҳ карда, дар ду паллаи хӯрҷини болои шутур либосвориҳои қиматбаҳо, зару зевар, тангаву тиллоро дида шод шуд. Занак шод шуд, ки шавҳараш ин дафъа як шутури пурборро фиристодаст. Баъд ба шутур гуфт:

– Хайр майлаш, гурба омаду мияв-мияв-мияв кард, нарафтам; саг омаду ак-ак-ак карду дум ликонд, нарафтам; чӣ илоҷ, ту бо бору туҳфаи зиёд омадӣ, меравам.

Занак ба болои шутури пурбор савор шуду бегоҳӣ ба хона омад. Шавҳараш, ки асабонӣ буд, ӯро бо шутури пурбор дида ҳайрон шуд. Дар дилаш шодӣ кард, ки «ин сарвати зиёд аз куҷост?» Зуд занашро аз шутур фуроварда дид, ки ин қадар либосҳои қиматбаҳою зару зевару тиллову танга. Ҳар ду чизу чораро дида, содагию ҷангу ҷидолу моҷароро фаромӯш карданд.

Ана ҳамин тавр, онҳо соҳиби давлату сарвату шавкат шуданд. То ба имрӯз Наврӯзро бо ҳамсояҳо бо суруду бозию шодмонӣ аз ҳисоби ҳамин сарвати дар шутур буда, ҷашн мегиранд. Дигар рӯзгорашон орому осуда шуд. Ҳамин тавр, онҳо ба муроду мақсадашон расиданд, мову шумо ҳам бирасем.

## СЕ ЛАҚАБ

Буд, набуд, дар замонҳои қадим, дар як деҳ, се мард буд. Онҳо одати баде пайдо карда буданд, ки яке дар набудани дигаре, дигареро бад мекард. Ҳамдигарро бо лақаб ном мегирифтанд. Яке саг, дигаре гов, сеюми хар лақаб дошт.

Як сол дар деҳа қаҳтӣ мешавад. Ин се мард, аз деҳ баромада ба мардикорӣ мераванд. Аз кӯҳ, дара, дарё, ҷангал гузашта ба як макони обод мерасанд. Мебинанд, ки мардум ба якдигар бисёр меҳрубонанд. Ба ҳамдигар бо суханони латиф мурочиат менамоянд. Вақте ки ин се мард аз роҳе мегузаштанд, аз ҳавлие марди озодае баромаду онҳоро дида, салом дод ва аз онҳо пурсид:

– Салом, меҳмонони азиз, ба назарам мусофир менамоед. Ман метавонам ягон хизмат кунам?

Ҳар се гапи якдигарро бурида баробар гуфтанд:

– Мо аз роҳи дур омадем. Мардикор ҳастем. Агар ягон коре бошад, мекунем.

Ҳар се дастҳо дар сари сина, зоҳиран одамони хуб, бо чашми умед ба он мард нигаристанд. Он мард бо як нигоҳе ҳис кард, ки бечораҳо хаставу беҳоланд. Дар дилаш гуфт, ки шояд гурусна ҳам бошанд. Онҳоро ба ҳавлаш дароварду меҳмоннавозӣ кардан хост. Дар меҳмонхона ҷо

кард. Як дам аз ин тарафу он тараф суҳбат кард. Дар раванди суҳбат яке ба берун баромад. Соҳибхона гуфт:

– Рафиқи шумо одами хуб менамояд. Аз чеҳрааш маълум аст, ки заҳматкаш аст. Номаш чист?

Ин ду якбора хандида гуфтанд:

– Саг аст. Як одами намешудагӣ, агар ба гап дарояд, саг барин аккос зада сари одамро гаранг мекунад.

Соҳибхона ин гапро шунида ҳайрон монд. Дар дилаш гуфт, ки аҷаб. Ҳамин дам марди аввал меояду дигаре берун меравад. Соҳибхона боз пурсид:

– Аз чеҳрааш маълум аст, ки рафиқатон як одами ҷаҳондидаю кордон аст. Номаш чист?

Ҳар ду қариб баробар, масхараомез мегӯянд:

– Гов аст. Як одами бетамиз, на фаҳм дораду на фаросат. Агар ба хӯрдан дарояд, гов барин дастархонро мелесад.

Тааҷҷуби соҳибхона бештар шуд.

Ҳамин дам марди дуюм меояду марди сеюм ба берун мебарояд. Рафтори инҳо, ки ба соҳибхона хеле ҷолиб буд, баробари баромадани марди сеюм мепурсад:

– Ин дӯсти шумо батамкин менамояд. Номи ӯ чист?

Ҳар ду саросема қаҳ-қаҳзанон ҷавоб медиҳанд:

– Хар аст, хар! Медонед барои чӣ? Бӯзбала аст, боркаш аст, як худаш як халта борро бардошта даҳ киломер мебарад. На ақл дораду на одоб.

Соҳиби хона ин гапҳоро шунида бо ҳайрат бе-

рун меравад. Ӯ бори аввал чунин одамонро дида буд. Пас аз муддате бо дастархоне, ки дар даруnаш се табақ болои ҳам буд, медарояд. Дастархонро кушода, табақи аввалро, ки устухон дошт, ба пеши саг гузошт; табақи дуюмро, ки кунҷора дошт, ба пеши гов гузошт; табақи сеюмро, ки ҷав дошт, ба пеши хар гузошту худаш «марҳамат, гиретон» гуфта баромада рафт.

Ин рафтори соҳибхонаро дида ҳар се ба якдигар нигариста, замин накафид, ки дароянд. Бо шаст аз ҷой хестанду аз ҳавлӣ баромада ба се тараф гурехтанд.

## ЗОЛИЗАРД

Дар замонҳои қадим подшоҳе ба номи Сом зиндагонӣ мекард. Ӯ фарзанд надошт. Синнаш ҳам ба ҷое расида буд. Як шабе пеш аз хоб даст ба сӯи Парвардигор бурда, илтиҷо намуда гуфт: «Эй Худои яктои беҳамто, барои ман як фарзанди нағз ато намо, ки зебову доно бошад, дар айёми пирӣ дастгиру мададгорам шавад».

Нидои ӯ ба Худо расид. Пас аз гузашти нуҳ моҳу нуҳ рӯзу нуҳ соат дар хонаводаи Сом писаре ба дунё омад. Мувофиқи талаби Сом Худо ба вай кӯдаке дод, ки зебову ҳушёру зирак буд, вале мӯяш ба мисли мӯйсафедон сап-сафед. Сом зиқ шуду худ ба худ гуфт: «Эй Парвардигори олам, ман аз ту дар айёми пирӣ як фарзанд талаб кунам, ту чаро ба ман як мӯйсафеде ато намудӣ?»

Сом ба кӯдаки навзод нигоҳ карду дилаш аз дунё монд. Мӯйи кӯдак сап-сафеду ҷилои тиллоӣ мекард. Чанд рӯз аз қаср набаромад. Вазирону давлатмардон ба дидораш омада, тасаллояш доданд. Аз тасаллои онҳо Сом сахттар дар ғазаб шуду фаромон дод:

– Ин нангу номус аст. Дар пирӣ ман намехоҳам, ки ба ман бо чашми таънаву маломат нигаранд. Баред, ин бачаи пирро ба таги кӯҳ гузоред.

Вазири доно гуфт:

– Шоҳам, ин доди Худост. Биёед, аз андешатон баргардед. Парваришаш кунем, одами нек хоҳад шуд.

Сом асабонӣ шуду ба сараш дод зад:

– Ман ба ту чӣ гуфтам!!! Зуд бош, аз наздам дур шав! Ин кӯдаки мӯйсафедро дур кун аз назарам! Гап якто! Гир, аз дасти модараш, бар кӯдакро! Ба таги кӯҳе бурда парто, то дарандаву парандаву хазандаҳо хӯрандаш.

Амри шоҳ воҷиб аст. Вазир аз тарс ба пиразане супориш дод, то кӯдакро барад. Пиразан ӯро ба як пораи латтае парпеч карда, ба домани кӯҳе бурду беозор ба рӯи сабзае гузошт. Ҳамин дам аз боло Симурғе пайдо шуду ба гирди кӯдаки парпеч чарх зад. Чарх заду вайро ба минқораш гирифта ба осмон парид. Ба болои кӯҳ ба назди чӯҷаҳояш овард. Бачаҳои симурғ чириқ-чириқ дар гирди кӯдаки парпеч давр зада, бо нӯлҳояшон парпечро кушоданд. Кӯдакро дида шод шуданд. Кӯдак дастаку почак мезад. Симурғ мекӯшид, ки ҷӯҷаҳояш ба кӯдак панҷа назананд. Вай аз ҳар ҷое ҳар чизе меовард, ҳама бо ҳам мехӯрданд. Симурғ ин писаракро бо бачаҳояш калон кард. Аз байн солҳо гузашт. Писар дар домани кӯҳ чунон мепариду меҷаҳид, ки касе бинад дар ҳайрат мемонд. Бо як дав ба болои кӯҳ мебаромаду бо як дав мефаромад.

Дар поёни кӯҳ роҳе буд. Савдогарон бо корвони худ аз ин роҳ мегузаштанд. Боре чашмашон ба ин писараки чусту чолок афтиду дар ҳайрат монданд. Ба корвонсаро расида ба ҳозирин ҳикоят

карданд, ки дар домани кӯҳ як писараки чолок бо ҳайвонҳо чунон мепараду мечаҳад, ки дар ҳайрат мемонед. Ин гап дар ҳама ҷо овоза шуд, ки кӯдаке бо парандаҳову чарандаҳо, дарандаҳо як ҷост.

Аз байн солҳо гузашт. Сом хеле пир шуд. Писараш ба ёдаш расид. Аз кардаи худ пушаймон гашт. Шабҳо дар фироқи писари ягонааш, ки бо мӯи сафед таваллуд шуда буд, ашк мерехту ба касе намегуфт. Афсӯс хӯрда, худ ба худ гуфт, ки «ҳар чӣ бошад, фарзанд буд; чаро ман чунин рафтори беҷо кардам; вайро зоғ хӯрд, заған хӯрд, намедонам чӣ шуд, гум шуду рафт. Ман бефарзанд мондам. Акнун аз ман насле намонд».

Рӯзе хабари дар кӯҳ дар байни парандагон будани писараке ба гӯши Сом расид. Ба дилаш шарораи умед пайдо шуд. Якбора аз дил гузаронд, ки «худоё, вай шояд писараки ман бошад». Сом дилашро ба вазираш холӣ кард:

– Гӯш кун, гапи мардумро шунидӣ?

Вазир гуфт:

– Бале, дар тамоми кишвар мегӯянд, ки як писараки 10-12 сола ба мисли оҳу бар кӯҳ мебарояд ва дар як лаҳза зуд ба поён мефарояд. Афташ ба одам монанд, вале рафтораш бисёр чолок аст. Ҳар қуллае, ки одам баромада наметавонад, вай мебарояд.

Сом ин гапро шуниду тоқаташ тоқ шуд. Зуд чанд нафар паҳлавононро ҷамъ карду ба доманаи ҳамон кӯҳ рафт. Аз дур ба зери дарахте пинҳон шуда, давидану паридану ҷаҳидани писаракро ба мушоҳида гирифт. Писарак хеле зебо буд.

Симруғ пайдо шуд. Писарак бодвор давида, ҷаҳида худро ба қуллаи кӯҳ, ба назди вай расонд. Саршаро ба сари синаи симурғ гузошта хоб кард. Симурғ бо болҳояш писаракро навозиш намуд. Сом ин ҳолатро дида, дар ҳайрат монд. Писарак мӯи сап-сафед дошт. Як оҳ кашиду ба вазираш гуфт:

– Вазир, ин бача ба писари ман монанд аст.

Вазир бо диққат нигоҳ карду ҷавоб дод:

– Бале, шоҳам. Монанд аст.

Симурғ парандае буд, ки забони тамоми ҷарандаҳо, парандаҳо, газандаҳо, хазандаҳо, рӯяндаҳо ва ҳатто одамизодро медонист. Бо ин писарак ба забони одамӣ гап мезад. Сом ҳар рӯз ба домани он кӯҳ омада, оҳиста-оҳиста бо симурғ ошно шуду ба вай асли воқаеро гуфт. Симурғ ҳақиқатро фаҳмиду ба Сом раҳм кард ва розӣ шуд, ки писаракро ба падараш диҳад. Гуфт:

– Ин бача бисёр зираку паҳлавони беҳамтост, ӯро эҳтиёт кунед. Номашро ман Золизард мондам.

Сом гуфт:

– Хуб аст. Ҳар номе, ки гузоштед, хеле нек аст.

Симурғ ба балои кӯҳ баромад. Ба Золизард гуфт:

– Бачам, Золизард. Ба гапи ман гӯш кун. Ман паранда ҳастам. Фарзандони ман парранчак шуданду рафтанд. Ту одамизод ҳастӣ. Падари ту подшоҳи олам Соми паҳлавон аст. Ту бояд ба назди вай баргардӣ.

Золизард ҳайрон шуду ба чашмаш ашк пайдо гашт:

– Ман бе ту чӣ кор мекунам?

Симурғ гуфт:

– Мана, ин чанд тор пари манро бигир. Ҳар мушкиле ояд, онро дуд кун, ман зуд ба ёриат меоям. Лекин ту бояд бо одамон бошӣ, назди падарат рав, чунки ту одамизодӣ.

Симурғ Золизардро ба болаш савор карда, ба поёни кӯҳ фуровард. Писарак чунон серҳаркат буд, ки гӯё мисли симруғ мепарид. Ҳама аз ҳаракати ӯ дар ҳайрат буданд. Золизард аз Симурғ ҷудо шудан намехост. Яке гурехт. Симурғ ӯро бозгардонду гуфт:

– Ту натарс, ман бо ту ҳастам.

Золизард бо алам гуфт:

– Ман додо надорам, оча надорам, ҳамаш ту ҳастӣ. Ту маро калон кардӣ, ба воя расондӣ. Маро калон карда, ба кӣ медиҳӣ? Ман куҷо меравам?

Симурғ гуфт:

– Ту ин тавр нагӯй, мана, ин кас падарат. Бо падарат рав. Ҳеч фикри бад накун. Онҳо ба ту меҳрубонанд. Агар ба ту ягон зарра хиёнат шавад, тори пари маро дуд кун. Зуд ба ёриат меоям. Ман пушту паноҳи ту ҳастам. Аз аҳволат зуд-зуд хабар мегирам.

Золизард ба зӯр розӣ шуд. Сом ба наздаш рафту бо меҳр нигоҳаш карда, сарашро сила кард. Оҳиста ба оғӯш кашид. Бача ночор ҳамроҳи падар рафт. Падару модар ӯро аз дилу ҷон парвариш карданд. Барои он ки зуд дилбазан нашавад, барояш ба мисли хонаи симурғ шароит сохтанд. Боғе бунёд карданд. Дар боғ он чарандаву

парандаҳоеро, ки дар доманаи кӯҳ буд, оварданд. Чанд муддат симурғ ҳам хабараш мегирифт. Барояш аспсаворӣ, аспдавонӣ, тирпаронӣ, шикор, гуштин, шамшерзанӣ, ситорашиносӣ ҳама чизро ёд доданд.

Аз байн чанд сол гузашт. Сому занаш хеле шод, ки писарашон зираку доно, далеру тавоно аст. Золизард ба синни балоғат расид. Хостанд, ки барояш арӯс пайдо кунанд. Аз худаш пурсон шуданд:

– Писарам, мо ҳам пир шудем. Мехоҳем, ки туро зан диҳем.

Золизард хандида гуфт:

– Падари бузургвор, ҳоло ба ман зан даркор нест. Занро худам пайдо мекунам. Иҷозат диҳед, ман рӯи дунёро як сайр кунам. То бубинам, ки дар олам чӣ пастию баландиҳою дар кишварҳо чӣ гап.

Падар розӣ шуд. Золизард баромада рафт. Аввал сайри Эронзамин кард, баъд кишварҳои дигарро дида-дида ба Тӯронзамин омад. Вақти баргашт аз дарёи Аму гузаштан хоста ба соҳил омад. Ногоҳ чашмаш ба он сӯи дарё ба чодару хаймаҳо расид. Дид, ки духтарони зиёд бозию шӯхию овозхонӣ мекунанд. Дар пешгоҳи давра гунбазе, дар зери гунбаз тахте, дар тахт духтари маҳваше нишастаст. Золизард чанд муддат ғарқи тамошо ба он тарафи соҳил менигараду мафтуни он духтари тахтнишин мешавад. Зуд ба қайиқе савор шуда, ба он сӯ ҳаркат мекунад. Аз дарё гузашта, рост ба сӯи гунбаз меравад. Духтари шоҳи Кобул мебинад, ки як ҷавони мӯяш сафед-

гуни тиллоранг базми онҳоро тамошо мекунад. Дида мафтунаш мешавад. Духтарон суруд мехонданду ракс мекарданд. Золизард ҳам чашм ба шоҳдухтар дӯхта ба майдон баромад. Чунон чарх зада рақсид, ки ҳамаро мафтун кард. Инро дида духтари шоҳи Кобул ҳам аз ҷой бархост. Ҳар ду рақсиданду хандиданд. Духтар оҳиста ба Золизард гуфт:

– Ними шаб дар назди тирезаи рости арк интизорат мешавам.

Золизард ба назди тирезаи рости арк рафт. Шаб маҳтоб буд. Ба тирезаи арк нигарист. Аз болои арк духтар Золизардро дид. Гесӯи дарозашро ба поён кашол карду гуфт:

– Эй ҷавон, аз гесӯям, қапида ба боло баро.

Золизард механдаду мегӯяд:

– Не, ман намехоҳам, ки гесӯи ту озор ёбад.

Золизард, ки кӯҳгарди моҳир буд, ба девор часпида дар як дам ба назди духтар баромад. Имшаб ҳар ду аз ишқу ошиқӣ гап заданду машварат карданд. Ҳанӯз офтоб теғ накашида, Золизард аз кохи духтар фуромаду шодон ба кишвараш Эронзамин рафт. Рӯзи дигар дар канори падар буд. Падар пурсид:

– Сафар хуб гузашт?

Золизард ҷавоб дод:

– Хеле хуб буд.

Падару писар суҳбати зебое доштанд. Дар охир писар бо ҷасорат ба падар гуфт:

– Ман ошиқи духтари шоҳи Кобул. Метавонед ба хостгорӣ биравед.

Байни Сом ва шоҳи Кобул чандин бор

мунокишаҳо шуда буд. Аз ин рӯ, вай розӣ намешавад, ки писараш ба духтари ӯ хонадор шавад. Падар розӣ нест. Зол қаҳр мекунаду мегӯяд:

– Ман ғайр аз вай каси дигарро намехоҳам.

Сом ҳайрон мемонад. Пас, ночор ба духтари шоҳи Кобул хостгор мефиристад. Аз омадани хостгорҳо шоҳи Кобул хурсанд мешаваду дар дил мегӯяд: «Хуб аст, ки сулҳ мешавад».

Бо тӯю тамошову шодмонӣ духтарро мебаранд. Духтар ҳомиладор мешавад. Аз байн нуҳ моҳ мегузарад. Шиками зан хеле калон, таваллуд карда наметавонад. Дояҳои зиёд кӯшиш мекунанд, ҳич илоҷе намеёбанд. Бача дар шикам хеле калон буд. Ногаҳон ба ёди Золизард пари симурғ мерасад. Зуд дуд мекунад. Дар як дам расида меояду бо нӯлаш шикамро пора карда, бачаро мегираду боз бо нӯлашу оби даҳонаш маҳкам мебандад. Пас аз таваллуд зани Золизард як оҳ мекашаду мегӯяд, ки «хайрият, растам». Аз ҳамин гапи зан номи ин кӯдаки паҳлавонҷуссаро Рустам мемонанд. Симруғ чанд бор оби даҳонашро ба ишками зан мемолад, ӯ зуд сиҳат мешавад. Ин буд ҳикояти Золизард.

# БАРЗУИ ДЕҲҚОН ВА РУСТАМИ ДОСТОН

Дар замонҳои хеле қадим дар кишвари Ориё паҳлавонҳои машҳур гузаштаанд. Онҳо ҷаҳонро ба ларза оварда буданд. Саравлоди онон Сом, писари ӯ Зол, писари Зол Рустам, писари Рустам Сӯҳроб, писари Сӯҳроб Барзу буд. Дар он рӯзгорон подшоҳон аз паҳлавонон тарсида, онҳоро ҷанг меандохтанд.

Фарзандони азизам, ҳоло ман ба шумо саргузашти Барзу писари Сӯҳробро, ки подшоҳон чи гуна ӯро бо бобояш Рустами ҷаҳонпаҳлавон ҷанг меандозанд, нақл мекунам. Воқеа ин тавр шуда буд.

Сӯҳроб дар наздики Тирмиз, дар кӯҳҳои Босанд шикор мекард. Дар он ҷо ба як деҳқондухтари соҳибҷамол ошиқ мешавад. Номаш Шаҳноз буд. Ӯро ба занӣ мегирад. Сӯҳроб бо вай чил шабу чил рӯз зиндагӣ мекунад. Баъд, пеш аз рафтанаш ба ҷанги Эронзамин бо Шаҳноз хайру хуш карда, ба вай як ангуштар медиҳад, ки онро модараш Таҳмина дода буд. Он муҳри Эронзаминро дошт. Шаҳноз аз Сӯҳроб бордор мешаваду дар домани кӯҳи Босанд мемонад. Сӯҳроб ба ҷанги Эронзамин рафта, бо падараш Рустам ҷанг мекунад. Рустам дар вақти ҷанг се маротиба аз Сӯҳроб мепурсад:

– Ту авлоди кистӣ? Ту аз куҷо мешавӣ?!

Дар ҷавоб Сӯҳроб бо ғурур мегӯяд:

– Ту наслу насаби манро пурсида чӣ мекунӣ?

Сӯҳроб бо ғурур Рустамро ба болои сараш мебардорад. Ҳамин дам Рустам мегӯяд:

– Паҳлавонҳо сар дода, сар дода гуштин мегиранд.

Сӯҳроб сар медиҳад. Рустам паҳлавони рӯйи ҷаҳон буд. Ин ғуруру ҷасорати Сӯҳроб Рустамро асабонӣ карду аз дил гузаронд: «Ӯҳ! Аз ин мурам, беҳтар аст!». Рустам аз ору номус писараш Сӯҳробро ба замин ғалтонда, бо ханҷар мезанад. Ҳамон дам Сӯҳроб мегӯяд:

– Ҳой, номард! Маро фиреб кардӣ! Ҳоло падарам Рустам шунавад, қасди маро мегирад.

Рустам аз ин гап дар ҳайрат мемонад. Ханҷар дар бадани Сӯҳроб, Рустам бо ҳаяҷон мегӯяд:

– Чӣ? Падарат Рустам… падар… Рустам…

Сӯҳроб бо садои канда-канда боз мегӯяд:

– Ман бачаи Рустам.

Рустам мепурсад:

– Чӣ далел дорӣ?

Сӯҳроб ба бозубанди бозуяш ишорат менамояд. Рустам бозубандро дида, дуди фиғонаш ба фалак мепечаду ба навкаронаш ба овози баланд муроҷиат мекунад:

– Нӯшодоруууу!!! Писарам! Сӯҳробам, нӯшдору биёред!!!

Сӯҳроб мемурад. Рустам мегиряд, менолад, ду даста ба сару синааш мезанаду мегӯяд:

– Бачаи худамро худам ба ханҷар задам! Куш-

там! То даври қийомат ин амали нангин аз номи ман намеравад! Вой, доду бедод!!!

Рустам барои Сӯҳроб месӯзад, мисли кабоб бирён мешавад. Хеле нороҳат мегардад ва бо лашкари Афросиёб сахт меҷангад, ки аз чор қисм як қисми лашкар намемонад. Як қисми лашкар ҳангоми гурехтан ба дарёи Аму ғарқ мешавад. Афросиёб мағлуб шуда, бо сару рӯи харошида, ба Самарқанд бармегардад.

Яке аз дӯстони Сӯҳроб аспу сару либоси ӯро ба Шаҳноз меораду хабар медиҳад, ки аз дасти падар кушта шуд. Шаҳноз даст ба гардани асп фиғон мекашад, либоси Сӯҳробро ба машомаш мебараду аз ғаму андӯҳ мӯю рӯй меканад.

Аз байни нуҳ моҳу нуҳ рӯзу нуҳ соат мегузараду Шаҳноз таваллуд мекунад. Бачааш калон, азимҷусса. Мисли барзгарон, яъне деҳқонон. Модар номашро Барзу мемонад. Пас аз чанд сол падару модари пири Шаҳноз ҳам мемуранд. Шаҳноз бо писари танумандаш – Барзу ба замини меросӣ ҳар чӣ кишт мекунаду рӯзгори худро пеш мебарад. Дар фасли баҳор дар як тараф харбуза, дар як тараф тарбуз, дар як тараф ҳандалак, дар як тараф боз чизҳои дигар корида, ҳосили хуб гирифта зиндагонии худро пеш мебаранд.

Аз байн чандин сол мегузарад. Барзу ҳам ба 18 мерасад. Қаду қомат мисли падараш Сӯҳробу бобояш Рустам, вале аз онҳо бузургтару тануманд. Белу каланди Барзу, нисбат ба барзгарони дигар, чанд баробар калон аст. Тобистонҳо кишт мекарду дар таги сояи чайлов хоб мерафт.

Як рӯзи гарми тобистон буд. Рӯзе Афросиёб бо

лашкараш аз Босанд мегузарад. Дар доманаи кӯҳ дам мегираду пас аз гӯшту палав, дилаш харбуза мекашад. Афросиёб ба навкаронаш фармон медиҳад:

– Мегӯянд, ки харбузаҳои Босанд ширин аст…

Чанд тан аз навкарон рост ба назди харбузазори Барзу меоянд. Мебинанд, ки харбузаҳо калон-калон. Як сарбоз аз аспаш фуромада якеро канда, ба сари зонуяш зада, ду кафонда мечашад. Ба дигарон мегӯяд, ки «ба мисли асал ширин аст». Аз ҳеҷ кас напурсида, сарбозон ба кандани харбуза шурӯъ мекунанд. Шаҳноз ин аҳволро дида ба писараш Барзу, ки дар таги сояи чайлов хоб буд, мегӯяд:

– Барзуҷон, писарам, хез! Бин, чанд кас омада, бепурсиш харбуза мегиранд.

Барзу аз ҷой хеста мебинад, ки чанд нафар аспакӣ палакро поймол карда харбуза мекананд. Барзу белашро гирифта ба назди меҳмонони ноxонда меояд:

– Ӯӯӯӯӯ, бародарон, шумо кӣ ҳастед? О, мегӯянд, ки аввал пурсиш, баъд кӯшиш. Палакро поймол накунед, чӣ мехоҳед?

Як тан аз сардори онҳо, ки дар болои асп худро кашола карда фармон медод, ба Барзу мегӯяд:

– Э ширмак! Инро мо ба шоҳи олам мебарем! Хап кун!

– Чаро хап кунам. Магар шоҳи олам бепурсиш гиретон мегӯяд?

Сардор бо чанд дашному нафрин, якбора напурсида, бо қамчин ба китфи Барзу чандто мефурорад:

– Гап нагардон! Ту ба навкарони подшоҳ гап мегардонӣ?!

– Э, бародар, ин чӣ бедодӣ, ҳам бепурсиш ба палак медароед, ҳам маро бо қамчин мезанед. Худаш инсоф доред, шумо?

Сардор боз чанд қамчин дигар ба сару китфи Барзу мефурорад. Барзуро алам мекунаду дастаи белашро, ки панҷ баробари дастаи белҳои одӣ буд, аз бел ҷудо карда мегӯяд:

– Чаро мезанӣ? Мана, ҳозир мани ширмак, ба ту ҳам як шир мемаконам.

Қамчини сардорро кашида гирифта, ба дур мепартояд. Бо дастаи бел сарбозони шоҳро чунон мезанад, ки ҳамашон беҳолу бемадор роҳи гурезро пеш мегиранд. Бо сари кафидаю рӯи харошида, ба зӯр ҷонро халос карда, ба аспҳо савор шуда мегурезанд. Ба назди Афросиёб омада мегӯянд:

– Шоҳам, мо харбуза мегирифтем, ҷовоне бо як дастаи бел ҳамаи моро зада майиб кард. Хеле нотрас аст, як балои азим.

Нагуфтанд, ки бепурсиш харбуза гирифтем. Афросиёб бо ғазаб фармон дод:

– Зуд чил кас равед! Дасту пои ин падарлаънатро баста оред!

Пирон, ки вазири доно буд гуфт:

– Шоҳам, саросема нашавед. Модоме ки тани танҳо бо як дастаи бел, чанд касро зада бошад, бояд санҷид. Шояд аз насли паҳлавонон бошад. Ин гуна далерон ба дарди лашкари шумо мехӯранд.

Шоҳ андаке фикр мекунаду баъд ба Пирон мегӯяд:

– Пас, ин сарбозонро гирифта худат бирав.

Пирон 4-5 касро мегираду ба як фойтуну ароба савор шуда меравад. Ба сари палаки харбуза расида овоз медиҳад:

– Ӯӯӯӯ, барзгар! Барзгар!

Барзу аз чайлов баромада ба сӯи овоз меояд. Пирон бо сухани нарму меҳрубон мегӯяд:

– Дуруд бар шумо, паҳлавон.

– Дуруд, меҳмон.

Пирон аз асп фуромада, Барзуро ба оғӯш мекашаду ба гапаш идома медиҳад:

– Мо роҳгузарем, писарам. Ҳамроҳи шоҳи олампаноҳ дар ҳамин наздикиҳо истироҳат мекунем. Мана, ин пулро гирифта, лутфан аз ҳамин харбузаҳои ширин ба мо диҳед.

Барзу аз ин рафтори нек дар ҳайрат монда гуфт:

– Хуб шудаст. Лекин ҳозир як гурӯҳ сарбозон омада, ба палак даромада, бо кирдори бад, бо дашному нафрин аз номи подшоҳ гап заданду маро бо қамчин заданд. Албатта, ман ҷавобашонро додам. Онҳо ҳам одамони шумо буданд?

Пирон ҷавоб медиҳад:

– Мо онҳоро намедонем! Агар аз мо бошанд, дақиқ намуда ҷазояшонро медиҳем. Хуб кардӣ, ки ҷавоби онҳоро додӣ. Магар барои шоҳ аз ин харбузаҳо бидуни ризоят мегиранд? Ҳар кас барои меҳнаташ бояд музде гирад. Марҳамат, писар.

Барзу пулро дида ҳайрон монд. Пирон ба гапаш идома дод:

– Бигир, бачам, бигир. Мана, ҳар чи мехоҳӣ

бигир.

Аз ин гуфтору рафтор Барзуро хушаш омада, ҷавонмардона гуфт:

– Э падари бузургвор, модоме ки шумо ба полези ман омадеду ин қадар гуфтору рафтори нек доред, чаро ман пул бигирам. Не, ман пул намегирам. Ҳар қадар харбуза бошад, гирифтан гиред. Ман ҳам дар ҳамин мулк зиндагӣ мекунам.

– Баракалло, баракалло, писар.

Пирон симои Барзуро аз наздик дида ҳайрон монд. Дар ҳақиқат, чунин қаду қоматро дар гузашта надида буд. На Рустам чунин қомат доштуна Сӯҳроб ва на паҳлавонҳои дигар. Дар дил гуфт, ки ӯро бояд зуд ба лашкар ҷалб кард. Ягона одаме, ки Рустамро нобуд мекунад ҳамин аст. Ба Барзу пешниҳод кард:

– Писар, одами нек менамоӣ. Биё, ман туро ба назди подшоҳ барам.

Модараш каме дуртар ин гапҳоро мешунид. Наздиктар омада мегӯд:

– Дуруд бар шумо, олиҷаноб. Барзу писари ягонаи ман аст. Тамоми бори зиндагӣ бар дӯши вай аст. Ба назди подшоҳ чӣ кор мекунад?

Пирони зирак мегӯяд:

– Ман вазири шоҳ Афросиёб ҳастам. Аз қаду басти писаратон маълум аст, ки паҳлавон аст. Подшоҳ ба паҳлавонони кишвар таваҷҷуҳ дорад. Шояд барояш дар лашкар ягон коре пайдо мешавад.

Дар пеши назари модар симои ҳамсараш Сӯҳроб ва бобои Барзу ҷаҳонпаҳлавон Рустам, ки кушандаи вай буд, ҷилвагар шуд. Барзу

онҳоро надида буд ва дар бораи онҳо чизе медонист. Модараш нагуфта буд. Модар розӣ мешавад:

– Хайр, бачам, бирав.

Пирон чанд харбуза гирифта ва Барзуро ба фойтун савор карда, ба назди Афросиёб омад. Афросиёб симои Барзуро дида, дар тааҷҷуб монд. Аз дилаш гузаронд, ки «ҳайбати ин аз Рустаму Сӯҳроб ҳам зиёд аст-ку». Ҳолон ки синну соли Барзу хурд буд. Барзу аз хурдӣ дар замин кор мекард. Дар Босанд ӯро Барзуи деҳқон мегуфтанд. Дар киштукори деҳқонӣ аз вай машҳуртараш набуд. Пирон ба Афросиёб ба симои Барзу ишорат карда, зиракона табассум мекунаду мегӯяд:

– Ин Барзуи деҳқон аст. Як саҳрои калонро худаш бо модараш кишт кардаст. Заҳматкаш аст. Маълум аст, ки кори сад касро як худаш анҷом медиҳад.

Барзу зиёфату дабдабаи шоҳиро дида, тамоман лол шуд. Ӯро эҳтироми зиёд карданд. Бегоҳӣ ба назди модар омада, пазириши шоҳонаро нақл кард. Чанд рӯз пас Афросиёб боз ӯро ба қаср даъват кард. Бо Пирон машварат кард, ки Барзуро чӣ гуна аз санҷиш гузаронад. Барзу кору бори дарбор ва хушиҳои онро намедонист. Чунки дар як дашт рӯз мегузаронд. Пас аз муддате Барзуро боз ба зиёфати подшоҳ даъват карданд. Дар зиёфат меҳмонҳо зиёд, ҳар кас ҳар чиз мехӯрад. Пешхизмат ба Барзу чанд сихкабоб дод. Ӯ дар гӯшае рафта мешинаду кабоб мехӯрад.

Ба дарбор барои дилхушӣ хунёгарону шоирон даъват шуда буданд. Шоирон байни худ мушоираи намуданд. Баъди мушоира пурсишу посух

шурӯъ шуд. Яке гуфт:

– Дар ҷаҳон овози кадом паранда бошад, ки одам шунаваду ором гирад?

Дигаре посух дод:

– Овози булбул бошад.

– Ҳа, бале! Ба ин кас як ҳамён диҳед.

– Садои кадом соз аст, ки нолиш менамояд?

– Садои най.

– Ҳа, бале! Ба ин кас ҳам як ҳамён диҳед.

Барзу бо чашми ҳайрон менигараду гӯш мекунад, вале гап назада, кабобашро хӯрдан мегирад. Баъд аз пешхизмат мепурсад:

– Ҳамён чист?

Ӯ мегӯяд:

– Эээ, магар ту намедонӣ?

– Не, намедонам.

– Дар даруни ҳамён тилло ҳаст.

– Ҳамёни тиллоро барои чӣ медиҳанд?

– Барои посухи дуруст.

– Э, ҳамин ҳам кор шудууу?

– Э, дам, дам, дам, овоз набарор, ин ҷо дарбори шоҳ аст.

Барзу бо тамасхур мегӯяд:

– Э тавба, барои овози булбул, садои най як ҳамён тилло.

Боз дигаре мепурсад:

– Дар ҷаҳон бӯи чӣ фораму муаттар бошад?

Касе посух медиҳад:

– Атргул бошад.

Ба ӯ ҳам ҳамён медиҳанд. Пирон ба назди Барзу меояд:

– Ин базми пурсишу посух аст.

– Барои ман бисёр ҷолиб, ман ҳаргиз надидам.

– Дар оянда бисёр хоҳӣ дид.

– Магар намешавад, ки ин ҳамёнҳо барои кишти замину ҳифзи кишвар дода шавад?

Ин сухан Пиронро хуш омад.

– Албатта, мешавад. Марҳамат, ба кабоб.

Пирон ба назди Афросиёб омада, оҳиста мегӯяд:

– Ба назарам авлоди паҳлавон аст.

Афросиёб гуфт:

– Санҷ. Пурсуҷӯ кун.

Он рӯз Барзу ба назди модараш рафта, дар дарбор дидаҳояшро ҳикоят мекунад. Аммо Пирон зуд ҷосусонашро ба ҳар тараф фиристода, дар муддати кӯтоҳ маълум мекунад, ки Барзу писари Сӯҳроб аст. Ба Афросиёб хабар медиҳад. Ҳар ду машварат мекунанд, ки Барзуро ба лашкар оварда, бар муқобили Рустам омода бояд кард. Пирон ва Афросиёб дар ташвиш мешаванд, ки агар бобою набера ҳамдигарро пайдо кунанд, вазъи мо хароб мешавад.

Пас аз чанд ҳафта ба модари Барзу ҳадяҳо мебаранд. Бо иҷозати модар Барзуро ба дарбор оварда, ба таълими ӯ мепардозанд. Барзу зуд тамоми ҳунарҳои аспдавонӣ, шамшербозӣ, гурз задан, гуштӣ гирифтанро ёд мегирад. Акнун фурсати он мерасад, ки ӯро бар зидди бобояш бар ҷанги Рустам баранд. Шаҳноз фаҳмид, ки писараш ба ҷанги эрониён меравад. Дар дил мегӯяд, ки кош, қасди падарро гирад.

Барзу хеле тануманд буд. На ҳар либос ба тани

ӯ мувофиқ буд. Модар аз даруни сандуқи худ либосҳои Сӯҳробро берун оварда, ба писараш дода, мегӯяд:

– Ин аз падарат аст. Ӯ ҳам мисли ту тануманд буд. Дар ҷанг кушта шуд. Эҳтиёт шав, писарам.

Вале дигар чизе намегӯяд. Барзу намедонист, ки падараш кист.

Либоси падарашро мепӯшад, дар танаш хеле муносиб, гӯё қолаб гирифта бошанд. Барзу бо модар ва хешовандон хайру хуш карда, пеш-пеши лашкари Афросиёб аз дарёи Аму мегузарад. Ду лашкар дар майдони набардгоҳи Балх омодаи ҷанг шуданд.

Ба муқобили Барзуи деҳқон Рустами Достон ба дифоъи марзи худ мебарояд. Барзу намедонад, ки Рустам бобояш аст. Рустам намедонад, ки Барзу набераааш аст. Рустам бо савлату дабдаба пеш меояд, аз чашмонаш гӯё шарораҳои оташ мепаранд. Рахши Рустам ҳингас зада, ду пояшро ба боло мебардорад. Барзу дар чунин набард бори аввал буд. Ҳайрон мемонад. Лашкар рӯ ба рӯ ором истодааст. Тибқи қоидаи ҷанг, аввал ду паҳлавон дар майдон мебароянд. Агар яке мағлуб шавад, лашкари мағлуб бояд қафо гардад. Рустам ин гуна марди ҷавони танумандро дар лашкари Афросиёб надида буд ва ҳам дар бораааш нашунида буд. Вай ҳам дар ҳайрат буд, ки ногаҳон Афросиёб ин паҳлавонро аз куҷо пайдо кард. Бо ҷасорату ҳайбат Рустам аз як тараф, Барзу аз тарафи дигар ба майдон баромаданд. Ҳар ду дар болои асп давидандy париданду даст ба гиребон шуда, якдигарро санҷиданд. Рустам пурсид:

– Наслу насабатро ба ман бигӯ.

Барзу наслу насабашро намедонад. Инро фақат модараш Шаҳноз медонад. Шаҳноз гуфта буд, ки падарат паҳлавон буд, дар ҷавонӣ мурд. Барзу ба пурсиши Рустам бо ғазаб посух дод:

– Мана, наслу насаби ман! – Гӯён ба Рустам як гурз ҳавола кард.

Рустам интизори чунин посух набуд. Гурз ба китфи рости ӯ мезанад. Рустам маҷрӯҳ мешавад. Сирро бой намедиҳад. Аз дарди ҷон ҳиларо пеш мегирад. Бо аспаш ба майдон давр мезанаду мегӯяд:

– Паҳлавонон ин тавр ҷанг намекунанд! Имрӯз рӯзи ошноӣ бо ту буд. Рӯзи дигар ба майдон мебароем. Хайр, то пагоҳ.

Рустам ба даруни лашкар медарояду меравад. Барзу ҳам ба назди лашкари худ бармегардад. Пирон мегӯяд:

– Э писарҷон, бачагӣ кардӣ. Бо ҳамон задани гурз дасти вай шал шуд. Ҳамон замон баста мегирифтӣ, ғалаба аз ту буд.

– Ба умеди Яздони пок, пагоҳ дасту пояшро баста, ба дасти шумо месупорам.

Рустам ғамгин шуд. Бо дасти шикаста наметавонад ба майдон барояд. Яке аз шогирдҳояш Завора ном дошт. Ба ӯ мегӯяд:

– Ту ба ман монанд ҳастӣ. Фардо Рахши манро савор шуда, ба ҷои ман ба майдон мебароӣ. Ин рақиб хеле ҷавону неруманд аст, лекин фиребу найранг надорад. Аз ту вай зӯртар аст, эҳтиёт шав.

Рӯзи дигар Завора бо ниқоб ба майдони ҷанг

мебарояд. Барзу мегӯяд:

– Дирӯз ба дастат чӣ шуд? Имрӯз навбати дасти дигар. Чаро бо ниқоб омадӣ?

– Бемориам ба ту нагузарад – ҷавоб дод Завора.

Барзуи ҷавону мағурур чанд бор ба майдон асп давонд. Гурзро ба сараш чарх занонда бозӣ доронд. Ба осмон партоб карду дар ҳаво даст гирифт. Ба ин васила ҳунари худро нишон доданӣ шуд. Завора низ бо Рахш чанд бор давиду парид. Ғурури Барзу боло гирифт такрор ба такрор гурзро ба осмон партофта даст мегирифт, ки паҳлавонони дигар чунин ҳунаре надоштанд. Ҳангоми ин бозиҳои худнамоӣ ногаҳон гурзи Барзу ба гарданаш омада заду аз асп афтод. Завора зуд тӯр партофта ӯро ба дом гирифт. Барзуро мебаранд. Ҳар ду лашкар қафо гашт. Рустам супориш дод, ки Барзуро ба зиндон нигоҳ доранд. Худаш ба даруни дараи кӯҳе рафта, чил рӯз ба табобати дасташ машғул шуд.

Дар Балх як бозаргоне буд, номаш Баҳром. Ӯро Баҳроми карбосфурӯш мегуфтанд. Ӯ хоҳаре дошт, ки номаш Маҳноз буд. Маҳноз хушрӯй буд. Барои лашкари Рустам хӯрок мепухт. Яке аз пазандаҳои вафодори лашкар буд. Рустам супориш медиҳад, ки фақат Маҳноз ба ин паҳлавони зиндонӣ хӯрок барад. Ба каси дигар иҷозат набуд, ки бо Барзу мулоқот намояд.

Ин воқеаро ба ин ҷо монеду гапро аз Шаҳноз, модари Барзу шунавед. Сарбозон бармегарданд. Шаҳноз ба назди лашкар омада мепурсад, ки писараш Барзу куҷост. Сардори лашкар ҷавоб

медиҳад:

– Натарс, бачат саломат аст. Бо ғурур гурзашро ба осмон партофт, баргашту ба гардани худаш омада зад. Ба замин афтод. Ҳоло дар зиндони Рустами Достон аст.

– Писаркам, дар зиндон аст?

– Бале, дар зиндон аст.

Модар зуд фикр мекунаду аз паи чораи наҷоти писар мешавад. Вай зани доно буд. Ҳамон замон ба бозори асп меравад. Аз бозори асп ба воситаи даллолҳо як аспи лоғари нимҷонро мехарад, ки номи вай Гулибодом буд. Чанд рӯз аспро парвариш мекунад. Асп фарбеҳу бақувват мешавад. Ду-се паҳлавони аспсавору найзазанро пайдо карда, аспро ба онҳо медиҳад. Онҳо аспро чанд рӯз машқ медиҳанд. Шаҳноз аз ин аспсаворон хоҳиш мекунад, ки аз об гузаштану паридану ҷаҳиданро ёд диҳед. Паҳлавонҳо ба асп ҳамаро ёд медиҳанд.

Пас аз чанд рӯз Шаҳноз сару либосашро дигар карда, мӯйҳояшро таги кулоҳ намуда, ба симои як марди дарвеш медарояд. Дар китфаш каҷкӯл, ба дасташ як найза, дар миёнаш аз таҳ ханҷаре баста, чун марди дарвеш аз дарёи Аму мегузарад. Аз қазо, вай ба Балх мерасаду ба назди дӯкони Баҳроми карбосфурӯш меояд. Баҳром мегӯяд:

– Марҳамат, акаи дарвеш, чизе мехарӣ? Алача, карбос, чӣ диҳам?

Шаҳноз оҳиста бо лаҳни мардона мегӯяд:

– Ман мусофирам, аз дур омадам. Барои ман як ҳуҷраи хоб лозим аст.

Дарвеш барояш як сиккаи тилло медиҳад.

Баҳром тиллоро дида саросема мешавад. Дар дилаш мегӯяд, ки ин дарвеши тиллодорро худо ба ман расонд. Ба дарвеш мегӯяд:

– Хуб-хуб, пайдо мекунам.

Зуд дарвешро ба хонааш мебарад. Дарвеш чанд рӯз дар хонаи Баҳром мемонад. Маҳноз – хоҳари Баҳром низ чанд рӯз роҳбалади дарвеш мешавад. Дарвеш хоҳари Баҳромро ба мушоҳида мегирад, ки духтари меҳурбоне аст. Вайро ба наздаш даъват карда, дарвеш набуданашро мефаҳмонад. Ҳар ду дӯст мешаванд. Аз ин тариқ хоҳари Баҳром ҳам мефаҳмад, ки ин дарвеш зан будаст. Ҳар шаб Шаҳноз ва Маҳноз аз ҳар сӯ гап мезананд. Аз суҳбатҳо Шаҳноз мефаҳмад, ки Маҳноз ба зиндон хӯрок мебарад. Инро фаҳмида, дили духтарро ба даст даровардан мехоҳад. Чашми Шаҳноз ба ангуштари хоҳари Баҳром меафтад. Мебинад, ки нигин надорад. Ангуштари худашро ба вай медиҳад. Ҳарчанд Маҳноз намехоҳад, вале Шаҳноз ангуштарро барояш тақдим мекунад. Ин корро бо ҳадаф анҷом медиҳад. Ба таври худ гумон мекунад, ки дар байни зиндониён чашми писараш ба ин ангуштарӣ афтаду шиносад, ки модараш дар ҷустораш аст.

Шаҳноз намедонист, ки Маҳноз ошпази писари ӯст. Маҳноз ба мисли ҳар рӯз боз ба Барзу хӯрок бурду аз васати панҷараи оҳанин ба вай дастрахонро дароз кард. Барзуи дасту по занҷирбанд хӯрокро гирифтанӣ шуда, наздик омаду чашмаш ба ангуштарӣ афтод. Гаштаву багашта ба он нигоҳ кард. Маҳноз ин рафтори Бар-

зуро дида пурсид:

– Чаро ин тавр нигоҳ мекунӣ?

Дар ин чанд муддат, ки Маҳноз ба Барзу хӯрок меовард, ҳар ду ба якдигар меҳр баста буданд. Барзу аз духтар пурсон шуд:

– Мебахшӣ, чизе аз ту пурсам, дирӯз дар дасти ту ангуштари дигар буд, инашро аз куҷо пайдо кардӣ?

– Корат чӣ?

– Агар росташро нагӯӣ, ман хӯрокатро намегирам.

Маҳноз бехабар аст, ки Шаҳноз модари Барзу аст, пас ночор мегӯяд:

– Ба хонаи мо як зане омад. Вай иҷора мешинад. Зани меҳрубоне аст. Гоҳе бо якдигар гап мезанем. Дугона шудем. Ҳамон зан ин ангуштариро ба ман ҳадя дод.

Барзу фаҳмид, ки модараш омадаст. Ба Маҳноз гуфт:

– Ба он зан аз ман дуруд бирасон.

– Чӣ хел, вай барои ту кист?

– Гуфтам-ку барояш дуруд бирасон. Дигар савол надеҳ.

Маҳноз ба хона омада, андаке бо тарсу ҳаяҷон ба Шаҳноз воқеаро мегӯяд:

– Он ҷавони зиндонии тӯронӣ, ангуштарро дида, ба шумо дуруд гуфт.

Аз чашми бечора модар шашқатор ашк рехт. Маҳноз ашки Шаҳнозро дида, ҳайрон монду пурсад:

– Чӣ шуд? Чаро гиря мекунед?

Маҳноз сари ӯро ба бағал гирифту навозишко-

рона тасалло дод. Шаҳноз ҳақиқатро мегӯяд:

– Вай писари ягонаи ман Барзу аст. Афросиёб вайро ба ҷанги Рустам овард.

Маҳноз розро фаҳмид. Зуд ангуштариро аз дасташ бароварда боз ба Шаҳноз дод. Шаҳноз нагирифт. Маҳноз низ қабул накарду гуфт:

– Ман чӣ ёрӣ диҳам?

Шаҳноз пурсид:

– Вай дар чӣ ҳол аст?

– Дасту пояш ба занҷир бастагӣ.

Шаҳноз ба Маҳноз як сиккаи тилло дода мегӯяд:

– Аз ту хоҳиш мекунам. Мана, ин тиллоро гир. Ба бозор раву чанд дона суҳон бихару ба Барзу бидеҳ, то занҷирро аз дасту пояш раҳо кунад.

Маҳноз бо тарс мегӯяд:

– Ман метарсам. Пай баранд, ба дорам мекашанд.

– Ту духтари хубӣ, як чора кун, азизи дилу ҷонам, – илтиҷо кард модари Барзу.

Маҳноз розӣ шуд. Ба бозор рафта, чанд сӯҳон харид. Рӯзи дигар ҳамроҳ бо хӯрок ба Барзу бурду дод. Барзу то дамидани субҳ аввал занҷири дасту пояшро ва баъд дари оҳанинро то саҳар бо сӯҳон бурид. Баъд дарро ба пояш якта зада, чаппа карда, ба берун мебарояд. Маҳноз, ки интизор буд, Барзуро ба назди модараш овард. Модар ва фарзанд бо ашки шодӣ ҳамдигарро ба оғӯш кашиданд. Шаҳноз аспи Гулибодомашро меораду мегӯяд:

– Зуд бош, бачам, аз ин ҷо биравем.

Барзуи ҷавону хунгарму далеру нотарс:

– Не, модар, гурехтан номардӣ аст – мегӯяд.

Барзу ба кӯча мебарояду бо паҳлавоне рӯ ба рӯ мешавад. Ин ҳамон Завора буд. Барзуро дида талхааш мекафад. Барзу ӯро ба ду дасташ ба боло бардошта, бо ғазаб мепурсад:

– Рустам дар куҷост?!

Завора посух медиҳад:

– Дар кӯҳи Ғурон.

Ба замин мегузораду мегӯяд:

– Рав, зуд Рустамро гирифта биё. Ба майдон мебароем.

Завора аз тарс аспро давонда меравад.

Модараш дар дил мегӯяд, хокам бехт, тамом. Зора мекунад:

– Писарам, биё, равем. Вай ҷаҳонпаҳлавон аст. Ту ҷавонӣ накун.

Барзу бо ғурур ва виқори ҷавонӣ ба модараш мегӯяд:

– Модари бузургвор, Яздон мададгор аст. Гурехта рафтан номардӣ аст. Вай маро бо гуштину ҷанг нагирифт, балки гурзи худам дар гарданам зад. Баъд маро асир гирифт. Паҳлавонӣ ин тавр намешавад. Тарсида гурехтан номардӣ аст. Ман бояд вайро дида, гуштин гирифта, мағлуб карда, баъд биравам.

Барзу ба охирин пули модар аз Баҳроми карбосфурӯш хайма харида, дар як дашти сарсабз хайма зад. Дар як дам Рустам бо чил тан паҳлавонаш пайдо шуд ва Барзуро дида, аз дил гузаронд: «нагурехт, ҷавонмард аст». Рустам ба Барзу рӯ оварда мегӯяд:

– Ту, воқеан, ҷавонмардӣ, лекин ман ҳоло чил

рӯз бояд паҳлавонҳои худро машқ диҳам. Ман бо ту пас аз чил рӯз дар набард хоҳам шуд. Ҳоло ту истироҳат кун. Ту ҳам дар зиндон будӣ.

Барзу мегӯяд:

– Ҷавонмардӣ ин тавр намешавад. Ту маро фиреб додӣ. Маро наафтондӣ, гурзи худи ман бар сарам зад. Дар ин чил рӯз ман дар ин кишвари бегона, бекасу кӯй, гушнаву ташна интизори ту шавам?

Рустам мегӯяд:

– Аз боргоҳ ба ту ҳама чизро мерасонанд.

Рустам ба Завора супориш медиҳад, ки хӯроки инҳоро таъмин намояд.

Модар ба писараш илтиҷо мекунад:

– Писарам, Барзу, ту ҷони ҷавонатро ба бало гирифтор накун. Хез, биравем.

– Э модар, ман номардӣ намекунам. Дар роҳи рост мурдан даркор. Номардӣ ва ҳаромкорӣ бад аст – якравӣ кард.

Бечора модар сокит мемонад. Рустам тамоми шароитро муҳайё мекунад. Маҳноз ҳам ба инҳо шарик шуд. Аз байн бист рӯз мегузарад. Заворaро воҳима пахш мекунад. Метарсад, ки Барзу дар ҷанги тан ба тан ба Рустам ғолиб меояд. Вай хӯрокҳои хушмазза пухта, ба дарунаш заҳр меандозаду ба Барзу меорад ва «аз Рустам ба шумо» гуфта медиҳаду меравад. Шаҳноз ба ин кори Завора бо шак менигарад. Пеш аз истеъмоли хӯрок бо диққат нигоҳ мекунаду каме аз он гирифта, ба назди як саги пир мепартояд. Саг мехӯраду ҷо ба ҷо мемурад. Инро дида, Барзу аз Маҳноз хоҳиш мекунад, ки ба ин мазмун ба Рустам нома нави-

сад:

«Лаънат ба ту, эй паҳлавон. Магар ору номус надорӣ, хирад надорӣ? Маро дар ҷанг нагирифтӣ. Гурзи худам ба гарданам зад. Баста ба зиндон бурдӣ. Магар имрӯз боз маро заҳр дода куштанӣ ҳастӣ?! Агар ман бо заҳр мемурдам ин нанг то абад ба пои ту баста мешуд. Туро паҳлавони ҷаҳон мегӯянд, вале ту номардона маро бо заҳр куштанӣ ҳастӣ!»

Рустам ин номаро хонда Завораро сахт сарзаниш мекунад. Ӯро аз наздаш дур меронад. Худаш бо хӯрок ба назди Барзу меояд. Аввал аз он худаш мечашаду баъд ба Барзу пешкаш мекунад ва мегӯяд:

– Ин корро ман накардам. Касе, ки кард ҷазояшро гирифт.

Чил рӯз мегузарад. Барзу ҳам ба лашкари Афросиёб хабар медиҳад, ки аз зиндон озод шудаст. Фалон рӯз набард аст. Афросиёбу Пирону лашкараш ба Балх, ба як тарафи майдон расида омаданд. Дар тарафи дигари набардгоҳ Рустам бо паҳлавононаш омад. Набарди ду паҳлавон сар шуд. Ҳар ду гуштин гирифтанд. Ба майдон давр зада чанд бор даст ба гиребон шуданд. Яке Барзуи ҷавон бо як давидан Рустами пирро ба боло мебардорад. Рустам ба таҳлука меафтаду мегӯяд:

– Паҳлавонҳо сар дода, сар дода мегиранд. Майдонро гирд гашта гӯштин мегиранд.

Барзу ҳам мардона сар медиҳад. Ҳамин дам Рустам пояшро ба замин такя дода, якбора бо фиреб Барзуро ба оғӯш кашида, бардошта ба замин мезанад. Ба замин мезанаду тарсида аз дил

мегузаронад, ки агар аз дасти ин паҳлавони ҷавон ба замин афтад обрӯяш меравад. Зуд ханҷарро аз ғилоф кашида, заданӣ мешавад. Ҳамин дам аз канори майдон Шаҳноз бо овози баланд мегӯяд:

– Исто! Эй писаркуш! Ин набераат аст! Номард, писаратро куштӣ, акнун набераатро мекушӣ!

– А?! Чӣ?!

Саросема ханҷарро аз бадани Барзу дур мебарад. Шаҳноз ба майдон медарояд:

– Ту писарат, Сӯҳробро куштӣ, ин набераат, ӯро ҳам мекушӣ?

– Набераи ман?! Ту кӣ?! – мепурсад Рустам.

– Ман, Шаҳноз ҳамсари Сӯҳроб, модари Барзу.

– Чӣ далел дорӣ?

– Мана, ин ангуштарӣ.

Рустам мебинад, ки дар он муҳри подшоҳи Эронзамин аст. Мепурсад:

– Инро ба ту кӣ дод?

Шаҳноз мегӯяд:

– Сӯҳроб.

Рустам ангуштариро мешиносад, ки аз Таҳмина аст.

Барзу ҳам ҳайрон аз ҷой бармехезаду ба модараш менигарад.

– Чаро то ин дам ба ман нагуфтӣ, модар.

– Рустам бобоят, писарам. Ман ба ӯ нафрат доштам. Мехостам, ки қасди падаратро гирӣ. Барои ҳамин ба ту чизе аз падару аз бобо нагуфтам.

Бобо ва набера дар майдон мисли гунг, хомӯш. Намедонанд, ки чӣ кор кунанд. Рустами пир ди-

гар тоқат накард, бо ашки шодӣ Барзуро ба оғӯш кашид:

– Набераам, нажодам, давомдиҳандаи сулолаам.

Ин саҳнаро аз дур Афросиёбу Пирон назорат мекарданд.

Пирон ба Афросиёб мегӯяд:

– Шоҳам, хонаи мо сӯхт. Бин, гӯштин намегиранд. Ба назарам, бобову набера якдигарро шинохтанд.

– Бале, ба сарлашкар фармон деҳ, ки лашкарро ба он тарафи дарё гузаронад.

Лашкари Афросиёб аз тарси бобову набера зуд Балхро тарк карда, ба самти дарёи Аму меравад. Рустам ин ҳолатро дид. Барзу аз Рустам пурсид:

– Онҳо чаро мегурезанд?

– Аз тарс, набераам. Ин ҷанги ману туро ҳам ҳаминҳо ташкил карданд.

Барзу бо ғазаб ба аспаш савор шуду аз дунболи лашкари Афросиёб давид. Бобо ҳам ба Рахш савор шуда, ба набера шарик шуд. Ҷанги шадид шурӯъ гашт. Мезананд, мекӯбанд, мекушанд. Боқимондаи лашкар аз дарё гузашта меравад.

Барзу дар ҷанг неруи худро нишон дод, вале аз чанд ҷо захмӣ шуд. Ниҳоят аз гардани асп қапида дар соҳили дарё монд. Дид, ки ҳама гурехтанд. Аз беҳолӣ даст дар гардани асп, беҳуш шуд. Асп ҳам чарида-чарида аз дунболи як модиён ба кишвари дигар рафту ба боғе расид. Дар боғ асп сари худро хам карда, алаф мехӯрд, ки ногоҳ Барзуи беҳуш аз болояш ба рӯи сабза афтод.

Ин боғи подшоҳи Фаранг буд. Ин подшоҳ як

духтар дошт, номаш Фарангибону буд. Духтари подшоҳ бо чил канизаш ба ҳамин боғ омада, карнаю сурнаю рақсу бозиву кайфу сафо мекард. Канизе аз канори боғ гул мечид. Ногоҳ чашмаш ба Барзу афтод, ки дар рӯи сабза беҳуш хоб аст ва чанд ҷои баданаш захмӣ аст. Каниз аз тарс дигаронро фарёд кард:

– Духтарҳооооо!!! Ёрӣ диҳед! Ёрӣ диҳед!

Ҳама ба тарафи овоз давиданд. Меоянду мебинанд, ки ҷавоне ба хоку хун оғушта, дар болои сабза ғелида ва беҳуш хобидааст. Дар наздаш як асп. Фарангибону чанд хидматгорашро даъват карда, Барзуро ба қасраш мебарад. Мебинад, ки як ҷавони танутманду паҳлавон. Ошиқ мешавад. Зуд табиб оварда, доруву дармон мекунад, сару танашро мешӯянд. Чил шабу чил рӯз Барзу дар ин боғ мемонад.

Яке аз канизҳо Моҳира ном дошт. Вай ҳам ба Барзу дил баста буд. Вале намедонист, ки чи кор кунад. Рӯзе аз бахилӣ ба хӯроки Барзу як чангол намак меандозад, то ки ба ин баҳона ҷавон аз духтари подшоҳ рӯ гардонад. Инро Фарангибону мефаҳмад. Моҳираро сарзаниш карда мегӯяд:

– Нону намакам кӯр кунад. Чаро бахилӣ мекунӣ? Хӯроки меҳмонро шӯр кардӣ, аҳмақ!

Бо пушти панҷааш ба рӯи Моҳира якто мезанад. Вай аз баландӣ парида ба замин меафтаду гирякунон ба назди модараш меояд. Моҳира модаре дошт, ки зани сеҳргару фолбину ҷодугар буд. Ашкрезон ба модараш мегӯяд:

– Фарангибону як ҷавонро ёфта омад. Вай бо

ҳамон дар кайфу сафо аст. Маро туҳмат зад, ки гӯё ба хӯрокаш намак андохта бошам.

Модар мепурсад:

– Рост мегӯӣ?

Духтар ҷавоб медиҳад:

– Наход ман дурӯғ гӯям.

Модари ҷодугар ба дарбори подшоҳ бемалол медаромад. Подшоҳ аз сеҳру ҷодую фолбинии ӯ истифода мекард. Модар ба дарбор рафта, бо гиряву нола макру ҳила ба подшоҳ шикоят мекунад:

– Эй подшоҳи олам, балои шуморо гирам, дарди шумо ба ҷонам, шумо пушту паноҳам, тоҷи сарам. Ман ба ҳимояти обрӯю эътибори шумо омадам.

Подшоҳ ҳайрон мемонад:

– Эй модари бузург, чӣ гап?

– Духтаратон бо як ҷавон, чил шабонарӯз аст, ки дар айшу ишрат аст. Аз асабоният бо баҳонаи шӯрии хӯрок духтари маро зада маҷрӯҳ кардааст.

– Рост мегӯӣ?

– Чаро дурӯғ гӯям.

Подшоҳ зуд як даста аз сарбозонро ба боғи духтар мефиристад. Онҳо гирди кохи духтарро мепечонанд, то ки касе аз он ҷо берун наравад. Фарангибону аз тиреза мебинад, ки дар гирди кох сарбозон. Ин ҳолатро дида ба Барзу мегӯяд:

– Ин кори Моҳира, вай ба модараш гуфт. Модараш ба падарам. Кор бад шуд. Ҳар дуямон дар дами марг.

Барзу мегӯяд:

– Силоҳу аспи ман дар куҷост?

Фарангибону мегӯяд:

– Дар берун.

Барзу паси дарвоза рафта меистад. Яке аз одамони подшоҳ дарро зада шикаста, бо аспу найзаву силоҳи худ ба боғ ба дарун медарояд. Барзу ҳам ӯро якто зада чаппа мекунаду либосу аспу найзаву силоҳи ӯро мегирад. Ҳафт шабонарӯз дар даруни боғ ҷанг мешавад. Барзу касеро ба боғ даромадан намемонад. Вале кадом як тирандози моҳир аз гӯшае тир мезанад. Тир ба сари шонаи Барзу мерасаду ба замин меафтад. Сарбозон зуд ба кох даромада, ӯро ба асорат мегиранд. Барзуро ба назди подшоҳ мебаранд. Подшоҳ мепурсад:

– Ту кистӣ, аз куҷоӣ?

Барзу росташро мегӯяд:

– Ман аз Эронзамин.

– Э? Аз Эронзамин? Ту чӣ тавр шуд, ки ин ҷо омадӣ?

Барзу, ки одами ростгӯ буд, воқеаро як-як ба подшоҳ баён мекунад. Подшоҳ аз воқеа огоҳ шуда, дар ҳайрат мемонад. Мефаҳмад, ки ин ҷавон дурӯғ намегӯяд ва ҳам нотарс аст. Барои нигоҳ доштани шарафу номуси худ аз Барзу мепурсад:

– Ҳоло кор то ин ҷо расид. Ту Фарангибонуро ба занӣ қабул мекунӣ?

Барзу табассум мекунаду посух медиҳад:

– Агар шумо розӣ бошед, бале!

Подшоҳ мегӯяд:

– Ман розӣ, вале ба шарте, ки оини моро бипазирӣ.

Барзу мегӯяд:

– Не, ман оини шуморо қабул намекунам. Ман ба яздони пок итоат мекунам. Дар оянда фақат гапи бобоямро гӯш мекунам.

– Бобоят кист?

– Рустами Достон.

– Рустами ҷаҳонпаҳлавон?

– Бале.

– Эй паҳлавон, оини моро қабул намо, то Фарангибону азони ту шавад, коху қасру лашкари мо азони ту. Медонӣ, тибқи қонуни кишвари мо касе оини моро қабул накунад, ба вай духтар намедиҳем.

Барзу мегӯяд:

– Не, намепазирам.

Подшоҳ асабонӣ мешавад. Барзуро ба зиндон меандозад, ки шояд пас аз муддате ба шарти подшоҳ розӣ шавад. Барзу дар зиндон. Фарангибону ҳар шаб пинҳонӣ ба зиндон хӯрок мебарад. Аз байн чанд моҳ мегузарад. Барзу гапи подшоҳро қабул намекунад. Як рӯз Фарангибону ба сараш чиммату чодар кашида, пинҳонӣ ба бозор меравад. Дар як гӯшаи бозор се дарвешро мебинад. Дарвешон бо садои дилнишин месароиданд. Аз садояшон маълум буд, ки онҳо аз ин кишвар нестанд. Фарангибону ба назди онҳо омада мепурсад:

– Шумоҳон аз куҷоед?

– Ба мо чӣ кор дорӣ? Мо аз Эронзамин.

– Аз Эронзамин чӣ хабар доред.

Дарвешон аз ин гап ҳайрон мешаванд. Фарангибону ба онҳо чанд сиккаи тилло медиҳаду мегӯяд:

– Ман мехоҳам дар бораи Эронзамин бидонам.

Дарвешон сиккаи тиллоро гирифта ба ҳикояти Эронзамин шурӯъ карданд. Яке гуфт:

– Дар Эронзамин Рустами Достон буд. Вай писарашро кушта, чанд муддат ба мотами ӯ дар кӯҳҳо гашт.

Дарвеши дуюм гуфт:

– Ин кори подшоҳи Тӯрон аст, ки Сӯҳробро ба ҷанги Рустам фиристод. То Эронзаминро мағлуб ва Рустамро нобуд созад.

Дарвеши сеюм гуфт:

– Аз ҳама ҷолиб ин аст, ки Сӯҳроб ҳам писаре доштаст. Номи вай Барзуи деҳқон будаст. Деҳқонӣ мекардааст. Афросиёб Барзуро ба ҷанги бобояш Рустам фиристодаст. Бобою набера ҳамдигарро дар майдони набард мешиносанд. Баъд ҷанг мешавад. Дар ҷанг Барзу гум шудаст. Ба банд ғалтида, ба ҷое рафтаст. Ҳоло мурда ё зиндаи ӯ маълум нест. Рустам Афросиёбро тору мор кардаст, ки набераашро пайдо кунад, вале дар он ҷо ҳам нест. Баъд Рустам дар як таҳхона рафта, ба замини заҳ, дар болои бӯрё синаашро партофта «Во наберам! Во бачам!» гуфта, хоб рафтаст.

Фарнагибону ин ҳикоятро шунида ба дарвешон мегӯяд:

– Мана, ин як ҳамён тилло. Ба Рустам зуд хабар расонед, ки наберааш дар зиндони подшоҳи Фаранг аст. Ҳамагӣ чил рӯз вақт мондаст. Зуд расида омада набераашро халос кунад. Ҳамин ки Рустам омада набераашро озод кард, боз як ҳамёни дигар медиҳам.

Як дарвеши чолок ба аспи тездав савор шуда худро ба Эронзамин мерасонаду рост ба назди Рустам меравад. Посбонҳо дарвешро иҷозат намедиҳанд, ки Рустамро бинад. Баъд фаҳмиданд, ки аз Барзу хабар овардаст, иҷозат доданд. Дарвеш ба назди Рустам даромада мегӯяд:

– Ба шумо муборак бод!

– Э дарвеш, чаро муборак мегӯӣ?! Бачаамро худам куштам, набераамро гум кардам, ба доғи вай восӯхтам, боз муборак мегӯӣ, аҳмақ!

– Э Рустами Достон, бархез аз ҷоят. Ман хабари хуш овардам. Барзу зинда. Дар зиндони подшоҳи Фаранг.

Рустами нимҷон хабари зинда будани Барзуро шунида, ҷон мегираду ба танаш неруи нав пайдо мешавад. Ба паҳлавонҳояш мегӯяд, ки зуд аз паси ман! Худаш ба Рахш савор шуда, бо суръат ба сӯи кишвари Фаранг асп медавонад.

Подшоҳи Фаранг барои пазируфтани оинаш ба Барзу муҳлат дода буд. Барзу розӣ нашуд, ки оини Фарангро бипазирад. Подшоҳ дигар аз ору номус ӯро ба дор овехтан хост. Рӯзи ба дор овехтани Барзу расид.

Барзуро бо чашми баста ба таги дор меоранд. Бори охир подшоҳ мепурсад:

– Эй паҳлавон, оини моро мепазирӣ?

Барзу посух медиҳад:

– Ҳаргиз.

Ба таги дор оварда чашмашро мекушоянд. Барзу бо чашми кушода ба ҳар тараф нигоҳ мекунад. Яке мебинад, ки аз дур як марди аспдавон пешопеш, бо

як гурӯҳ аспсаворон ба ҳамин сӯ меояд. Ин аспсавор чунон тез омада истодааст, ки дар як мижа задан сад, дусад метр пеш меояд. Яке Барзу ҳис кард, ки ин бобояш Рустам аст. Ҳамин паҳлавони аспдавон ба назараш монанди бобояш шудан мегирад. Худро нигоҳ дошта наметавонаду якбора «бооооооо-ҷооооон!» гӯён дод зада, бо дасти баста, дорро аз бехаш меканаду ба замин чаппа мешавад. Ин садо ба гӯши Рустам мерасаду ӯ Рахшро як қамчини сахт мезанад. Дар як лаҳза Рустам ба назди дор омада, дастони бастаи Барзуро мекушояд. Дорро титу парешон мекунаду Барзуро ба оғӯш мегирад. Чанд лаҳза бобою набера ба бӯсу канор ва паҳлавонон бо задану кӯфтани лашкари Фаранг машғул мешаванд. Подшоҳ аз тарс ба даруни кохи худ мегурезад. Рустам мегӯяд:

– Нагурез. Мо ба ту коре надорем. Мо дигар ҷанг карданӣ нестем. Аз ту хоҳиш, ки ба роҳи рост даро. Ба кишвари мо тобеъ шав. Оини моро бипазир.

Ба дарун боз як кохи дигар будаст. Рустам ба назди дар омада зулфаки дарро мебинад, ки оби тилло давондагӣ. Якбора дастаи дарро мекашад, ки дар кушода мешавад. Подшоҳ аз ору номус, пазируфтани оини кишвари дигарро барои худ ор медонад. Аввал ба қафаси синаи духтараш Фарангибону, баъд ба дили худ ханҷар мезанад. Ҳар ду мемиранд.

Рустам кишвари Фарангро, ки мардуми фақиру нотавон дошт, ба Эронзамин мепайвандад. Баъд бобою набера ба Балх меоянд. Раҳораҳ машварат мекунанд, ки дигар ба ҷанги Эрону Тӯрон поён

бахшанд.

Рустами Таҳамтан аз Ковус хоҳиш кард, ки рӯзи нахусти Наврӯз бо лашкараш дар наврӯзгоҳи Балх ояд. Барзу ҳам бо машварати бобояш ба Тӯрон мераваду аз Афросиёб хоҳиш мекунад, ки бо лашкараш дар рӯзи нахустини Наврӯз ба наврӯзгоҳи Балх ташриф орад. Ҳар ду шоҳ ба пешниҳоди паҳлавонон гӯш доданд.

Аввали баҳор. Гулҳо шукуфон. Дарахтон гулпӯш. Замину саҳрову кӯҳу дара гулрезу сабзапӯш. Рӯзи нахусти Наврӯз. Дар шаҳри зебои Балх лашкарони Эрон ва Тӯрон дар рӯ ба рӯи ҳамдигар саф кашиданд. Ҳам шоҳи Эрон ва ҳам шоҳи Тӯрон бо вазирон дар сафи пеши лашкар истоданд. Рустам аз самти лашкари Эрон ба майдон мебарояд. Барзу аз самти лашкари Тӯрон ба пешвозаш меояд. Бобою набера якдигарро ба оғӯш мекашанд. Рустам ба болои санге, ки ба монанди тахт буд, мебарояду бо садои баланд мегӯяд:

– Ҷаноби Ковус ва Афросиёб! Дигар ҷанги Эрон ва Тӯрон бас аст!!! Бас аст хунрезии ноҳақ! Бас аст ҷанги хонумонсӯз! Монед, мардум дигар бо созишу осоиш зиндагӣ кунанд! Ҳар мушкиле, ки пайдо шавад, онро фақат бо машварат ҳал кунед! Дар асл эрониёну тӯрониён аз як нажоданд! Фаромӯш накунед, ки: «банӣ одам аъзои як пайкаранд». Тамоми мардумони олам хешу тоборанд. Наход хешовандон бо якдигар ҷанг кунанд! Бас ҷанг! Ман дигар пир шудам. Ин қадар ҷангҳои шадидро дидам. Ин қадар модарон ба доғи фарзанд синабирён шуданд! Ин қадар

арӯсон бешавҳар моданд! Ин қадар кӯдакон бепадар саргардон гаштанд. Бас ҷанг! Бас ҷанг! Бас!

Рустам ба ҳар ду шоҳ нигаристу бо ду даст ба онҳо ишорат кард, ки ба назди Тахти сангини Рустам оянд. Онҳо аз тарси Рустам ба тахти сангин омаданд. Даст ба дасти ҳамдигар доданду якдигарро ба оғӯш гирифтанд.

Садои табли шодӣ баланд шуд.

Паҳлавонону сарбозон ҳама якдигарро ба оғӯш кашиданд.

Шаҳнозу Маҳноз аз ду бари Барзу ба сӯи Рустам омаданд.

Садои карнаю сурнай баланд шуд.

Ана ҳамин тавр, дар Эрону Тӯрон ба ифтихори ҷашни арӯсии Барзу ва Маҳноз чил шабу чил рӯз тӯй доданд. Мардум бо тантанаи корвони наврӯзӣ онҳоро ба шаҳри Босанд гусел карданд. Қарор шуд, ки дигар ҳамаи мардумони кишварҳои ҳамсоя озод рафтуомад намоянд. Онҳо ба муроду мақсад расиданд. Худоё, шумо ҳам бирасед.

## ЗАНИ ЗАРГАР

Буд, набуд, дар замонҳои қадим заргаре буд. Бисёр заҳматкашу ҳунарманд. Чизҳои сохтаи заргар ба ҳама писанд буд. Сарватмандони шаҳр ҳар чизи хуби заргариро фақат аз вай мехариданд. Ин заргар зани ҷавоне дошт, ки бисёр зебо буд. Дар ҳусну малоҳату латофат беҳамто, порсову покдоман буд. Занаш ҳамдаму ҳамкораш буд. Онҳо фарзанд надоштанд. Заргар як ҳамсояи мулло дошт. Ин мулло хушсухану латифгуфтор буд. Бо заргар дӯст буд. Зан чунон зебо буд, ки тири ишқи зани заргар ба дили мулло зада буд. Ҳусни зан муллоро девона карда буд. Мулло ошиқи зани заргар, вале илоҷе надошт, ки ба зан наздик шавад. Ҳар бор бо баҳонае ба хонаи заргар омада, ба ӯ қиссаву ҳикоятҳои дилнишин мегуфту ӯро мафтун мекард. Гоҳе ба ҳикоятҳои ширини мулло зани заргар низ гӯш медод. Ҳамин ки зани заргар ба ҳикояташ гӯш медод, калима ва ибораҳои рангинро ба кор бурда, зери чашм ба чеҳраи латифи ӯ менигаристу лаззат мебурд. Дӯстии мулло ва заргар қавӣ шуд. Заргар сарвати зиёд дошт. Рӯзе аз рӯзҳо заргар ҳазор тангаи тиллоро ба як ҳамён ҷо карда ба мулло гуфт:

– Дӯстам, дунё ба як қарор нест. Ман фарзанд

надорам. Метарсам, ки дар айёми пирӣ ин зани зебо маро тарк кунад. Ин ҳазор тангаи тиллоро ба амонат ба як ҷо нигоҳ дор, ҳамин ки лозим шуд, аз ту мегирам.

Мулло гуфт:

– Дӯстам, ин кори ту оқилона аст. Одам бояд мисли ту дурандеш бошад.

Мулло тиллоро гирифта рафту ин сирро ба касе нагуфт. Вале сарнавишт чунин гашт, ки пас аз муддате заргар нобино шуд. Ҳар сарвате, ки дошт, сарф кард. Дигар чизе намонд. Зани покдоману порсояш заргарро нигоҳубин мекард, ғамхору меҳурбонаш буд. Рӯзе ночор заргар розашро ба занаш кушоду гуфт:

– Ҳамсари меҳрубонам. Ман аз ту миннатдорам, ки ҳамеша ҳамдилу ҳамдами ман ҳастӣ. Вале ман аз ту як розеро пинҳон медоштам. Ин маблағе буд, ки онро ман ба дӯстам мулло дода будам. Ташаккур бар ту, ки дар ин рӯзҳои мушкил низ маро тарк накардӣ. Ҳоло ба хонаи дӯсти ман мулло рав. Барояш гӯй, ки ҳамон амонатро диҳад, то харҷи зиндагӣ кунем.

Зан фаранҷӣ бар сар карду ба хонаи мулло рафту гуфтаи шавҳарашро ба ӯ расонд. Мулло занро дида, ҳисси ошиқиаш боло рафту фурсати муносибро аз даст надода, гуфт:

– Эй париваши моҳваш, ҳамсари ту дигар нобинову пиру фартут аст. Ман солҳост, ки дар ишқи ту кабобам. Чорае надоштам. Шабу рӯз

ошиқи ту ҳастам. Шабҳо хобам намебарад. Ҳоло худо ин лаҳзаро фароҳам овард. Бо ман бош, нозанинам. Бале, шавҳарат ба ман ҳазор тангаи тилло дода буд, ба ту он ҳазор тангаи тиллои амонатро медиҳам ва боз ҳазор тангаи дигар илова мекунам, ту дигар аз ман шав. Вай шавҳари фартуту нобиноро чӣ кор мекунӣ?

Мулло ин гапҳоро гуфта, ба зани заргар наздик шуда, хост ӯро ба канораш кашаду бӯса ситонад, вале зан муллоро тела дода, бо асабоният ҷавоб дод:

– Эй номаҳрами кӯрнамак. Ин чӣ номаъқулӣ. Ҳанӯз шавҳари ман зинда. Маро нону намаку муҳаббати ӯ то ин дам овард. Ту аз ҳамин саллаву каллаи худ шарм намедорӣ? Сад лаънат бар туву бар ақлу идрокат!

Зан ин гапҳоро гуфту бо асабоният аз хона баромада рафт. Мулло ин аҳволро дида, асабонӣ шуду бо нафрату ҳақорат ба пушти зан гуфт:

– Ту зани аҳмақӣ, нодону гӯлу гумроҳӣ. Дафъ шав аз назди ман! Шавҳари ту ба ман ҳеч чизе надодаст.

Зан ночор ба хона баргашту бо чеҳраи ғамгин бо як ҷумла ба шавҳараш гуфт:

– Мулло мегӯяд, ки шавҳарат ба ман чизе надодаст.

Бечора заргар бемадор дар рӯи бистар хоб буд. Наметавонист, ки аз ҷой хезаду рафта бо мулло даст ба гиребон шаваду ҳазор тангаи тиллояшро гирад. Ночор ба занаш гуфт:

– Гӯш кун, зан. Ба назди миршаб рав. Вай дӯсти ман аст. Ман барояш борҳо ҳадяҳо додам. Ҳамеша мегуфт, ки агар мушкиле пеш ояд, ба ман мурочиат кун. Раву барояш гӯй, ки мулло ҳазор танга тиллои шавҳарамро намедиҳад, онро аз вай гирифта деҳ.

Зан ба хонаи миршаб мераваду бо забони ширину иборахои рангин барояш асли воқеаро мефаҳмонад. Миршаб мебинад, ки дар рӯ ба рӯяш як зани фаришта истодааст. Тири ишқаш дилашро сӯрох мекунад. Ин зебоиро дида ҳуш аз сараш мепарад. Мафтуни ин зан мешавад ва мегӯяд:

– Эй зан, ман аз ин муллои нобакор зари туро гирифта медиҳам. Лекин гӯш кун, шавҳари ту нобино, фартут, бекора шудаст. Биё, ҳамдаму ҳамнишину ҳамхобаи ман шав.

Зани покдомани заргар ин гапро шунида бо нафрат ба миршаб мегӯяд:

– Агар заргар бимураду ман танҳо бимонам ҳам ба кори бад нахоҳам рафт. Ту миршаби шаҳр ҳастӣ. Мардум ба пеши ту оянд, ту бояд ба додашон бирасӣ. Ба ивази он, ки одамони бадкорро сарзаниш кунӣ ва адаби онҳоро бидиҳӣ, аз мардум тамаъ мечӯӣ? Ту ибилиси шайтонӣ!

Зан аз ҷой хеста аз хонаи миршаб ба берун меравад. Миршаб ҳам ин суханро шунида асабонӣ мешаваду мегӯяд:

– Гум шав аз назарам! Ман ҳеҷ гоҳ ҳазор тангаи тиллои шавҳаратро намеситонам. Мурдаю кафанат ба худат насиб кунад.

Зани дилшикаста, бо ҳазорон дарду алам ба хона, ба назди шавҳараш омада гуфт:

– Миршаб мегӯяд, ки дар вақти додани ҳазор танга тилло ман шоҳид набошам, аз куҷо донам.

Заргар ҳайрон монд, намедонист, ки чӣ кор кунад. Яке ба ёдаш ҳокими шаҳр расид. Ба занаш гуфт:

– Гӯш кун, зани меҳрубонам. Ба назди ҳокими шаҳр бирав. Вай дӯсти бисёр хуби ман буд. Ҳар бор, ки барои зану духтараш гӯшвораю гарданбанд месохтам, шод мешуд. Мегуфт, ки ҳар мушкиле ба сарат ояд, ман омодаам. Рав, барояш воқеаро бигӯ, шояд вай аз мулло ҳазор танга тиллои маро гирифта диҳад.

Зани бечора сухани шавҳарашро ба замин нагузошта ба назди ҳокими шаҳр меравад. Ҳоким ӯро хуш мепазирад. Баробари дидани ин зани моҳлиқо ақл аз сараш мепарад. Ин гуна зани зеборо дар умраш надида буд. Омода буд, ки тамоми дилу ҷонашро қурбони ин моҳҷабин намояд. Занро ба гап гирифт. Аз аҳволи заргар пурсон шуд. Ба дилаш гуфт, ки шавҳари нобинои фартут ба кӣ даркор, ин занро ман бояд азхуд кунам. Ҳоким ба зан гуфт:

– Эй зани фаришта, бо як дидан маро куштӣ. Ман мушкили туро осон мекунам. Он ҳазор тангаи тиллоро аз ин муллои фиребгар гирифта медиҳам. Худам ҳам тамоми умр хидматгорат мешавам. Биё, бо ман, эй дилфиребу дилоро, гузор он заргари нобиноро.

Зан ҳайрон монд. Ба ҳоким нафраташ даҳчанд шуду гуфт:

– Ту ҳам зану духтар дорӣ. Чӣ лозим ин нобакорӣ. Мардуми шаҳр бар онанд, ки ту раҳбари одилу оқилӣ, вале ту фосиқӣ.

Зан аз хонаи ҳоким баромад. Ҳоким ҳам ин гуна суханро интизор набуд. Зуд барояш ҷавоб дод:

– Эй зани беақл, ман хостам, ки боқимондаи умри ту хуш гузарад. Модоме ки намехоҳӣ, рав аз паи корат. Ман надидам, ки шавҳари ту ба мулло ҳазор танга тилло додаст.

Зан баромада рафт. Ба назди шавҳараш омаду гуфт:

– Эй мард, ҳоким ҳам мегӯяд, ки ман аз уҳдаи ин кор баромада наметавонам.

Заргар хеле озурда шуд. Худ ба худ гуфт: «як замон заргари ҳунарманд будам, дӯстони зиёд доштам, мушкили ҳамаи онҳоро осон мекардам. Имрӯз ман нобино, фартут, муҳтоҷ, ҳама аз ман рӯ гардонданд». Яке ба ёдаш қозӣ расиду ба занаш гуфт:

– Гӯш кун, зан, қозӣ дӯсти наздики ман аст. Вай одами адолатхоҳ аст. Ба назарам, шахси бовиҷдону бомаърифат аст. Бирав ба назди қозӣ. Шояд вай ба дарди мо даво шавад.

Зан, ки шавҳарашро дӯст медошту солҳо ҳамдаму ҳамнафаси ӯ буд, гапи ӯро ду накард. Фарнаҷӣ бар сар карду рафт ба назди қозӣ. Қозӣ занро ба хонааш даровcovarда гӯш кард. Зан гуфт, ки аз мулло ҳазор тангаи тиллои шавҳарашро гириф-

та диҳад. Қозӣ каломи шакарини занро шунид, рухсори зебои ӯро диду дилбохтаи зани заргар шуд. Дар умраш чунин зани латифу зарифро надида буд. Қозиро ҳам гуфтор, ҳам рафтор ва ҳам ҳусни нотакрори зан мафтун сохт. Пас аз шунидани сухани зани заргар ва саволу ҷавоб қозӣ барояш гуфт:

– Эй зани заргар, ту яктои беҳамтоӣ. Ин дунё гузаро аст. Биё, онро ғанимат донем. Чаро ин симои зебоятро хазон мекунию аз дунболи ин кор мегардӣ. Ҳам он ҳазор тангаи тиллоро бароят гирифта медиҳам, ҳам тамоми сарвату умрамро ба ту мебахшам. Бароят ин заргари нобинои пири фартут чӣ лозим аст?

Зан як лаҳза гиҷу гаранг шуд. Баъд бо ҷасорат гуфт:

– Эй қозӣ, ман гумон кардам, ки ту одилтарин инсон ва вафодортарин дӯсти ҳамсарам ҳастӣ. Охир, ту қозии шариати исломӣ. Бо кадом ақл мехоҳӣ, ки майл ба зани ҳалоли дӯсти худ кунӣ. Мағзи ту хароб будаст. Хуб дар ёд гир, ки ман ба заргари нобинои фартути бечора хиёнат намекунам. Агар худо накарда ӯ бимурад ҳам, ман тамоми умр бо ёди ӯ зиндагӣ мекунам.

Зан аз хона баромад. Ин гапи зани заргар ба қозӣ хуш наомаду гуфт:

– Ту зани беақл будаӣ. Ман надидааму намедонам, ки заргар ҳазор тангаи тиллоро ба кӣ додаст. Зудтар бирав аз наздам, нобакор.

Зани бечора хору зор бо дили афгор ба назди

ҳамсараш омаду гуфт:

– Қозӣ ҳам намехоҳад ёрӣ диҳад. Мегӯяд, ки ман шоҳиди додани тангаҳои тилло набудам.

Заргар дигар ноумед шуд. Як оҳе кашида аз дил гузаронд, ки «дар вақти бино буданам дӯстони зиёд доштам, ба ҳама мадад мекардам. Имрӯз ба чӣ аҳвол гирифтор шудам». Ашк аз чашмонаш ҷорӣ шуд. Зан ин аҳволи заргарро дида раҳмаш омад. Ӯ бисёр зираку доно буд. Оҳи заргарро шунид, ашки чашмонашро диду ба наздаш омад, бо даструймолча пок карду гуфт:

– Ғам махӯр, ман дар канорат ҳастам.

Зани заргар худ ба худ савганд ёд кард: «магар ҳамин дӯстӣ аст? Агар ман ҳазор тангаи тиллоро аз мулло барзиёд карда нагирам, ман зани заргар нестам». Шаб хеле фикр кард. Ҳилаҳо ҷуст. Найрангҳои шунидаашро як-як ба пеши назар овард. Афсонаҳоеро, ки дар бораи айёрон шунида буд, ба ёд овард, баъд ба заргар гуфт:

– Эй заргар, ман дар ин чанд рӯз хеле парешону хаста шудам. Ба ман иҷозат бидеҳ, ки аз ин муллои номарду нобакор ҳазор танга тиллои туро биситонам.

Заргари нобинои бемор гуфт:

– Ту зани меҳрубонӣ. Дар ин солҳо дидам, ки ту порсову покдоманӣ. Ин ман ҳастам, ки иштибоҳ карда, ҳазор тангаи тиллоро ба мулло додам. Аз суханҳои ширину рангини ӯ гумон карда будам, ки дӯсти орифу марди шариф аст, ҳоло мебинам, ки одами касиф аст. Ҳар коре

мекунӣ, ихтиёр дар дасти худат.

Зани заргар чанд тангае, ки дошт, онро гирифта ба бозор ба назди устои сандуқсоз рафту гуфт:

– Устои гулдаст, ту ба ман сандуқе соз, ки се хонаи ҷудогона дошта бошаду дар ҳар хона як кас ҷо шавад.

Усто гуфт:

– Ду рӯз муҳлатам бидеҳ, сандуқатро омода мекунам. Сандуқе месозам, ки хонаҳояш ва дарҳояш ҷудогона, ҳатто дар яке чароғ гирон кунанд, ба дигаре рӯшноияш намерасад.

Пас аз ду рӯз зан омаду сандуқҳоро бо хидматгорон гирифта, ба хонааш бурд. Баъд зани заргар барои даъвати мулло як ҳуҷраи махсус омода кард.

Аз байн чанд рӯз гузашт. Рӯзе зани заргар худро орост, либосҳои беҳтарин ба тан кард. Ҳамроҳи худ канизе гирифту ба хонаи мулло рафт. Мулло зани заргарро диду аз ҷой бархосту дилаш гум зад. Зан ҳам бо нозу карашма рӯи худро кушода бо табассуми ширин ба мулло нигарист. Мулло ин ҳусну латофатро дида, тамоман девонаву беқарор шуд.

Пас аз салому алейк зан гуфт:

– Эй марди хушсухану қиссагӯ, ман гуфтаҳои шуморо як-як ба тарозуи ақл баркашидам. Ту рост мегуфтӣ. Ман аз он рафтори худ пушаймон шудам. Ман минбаъд ғуломи ту ҳастам. Ҳар чӣ мегӯӣ, ҳамон мешавад. Фардо субҳи содиқ ман дар хона интизорат ҳастам.

Зан дид, ки мулло шод гашт. Ҳамроҳи канизак ба хонаи миршаб расид. Миршаб занро дар либоси зебо дида, мафтунаш шуду гуфт:

– Эй зан, куҷо будӣ, ки моро тарк кардӣ? Аз он рӯз то ба имрӯз хоб дар чашми ман нест.

Зан рӯяшро тамоман кушоду бо табассуми малеҳ ба сӯяш нигарист. Миршаб ин зани зебои хушсуратро дида, ҳуш аз сараш парид. Дид, ки зан назар ба гузашта боз ҳам зеботару латифтар шудаст. Зан гуфт:

– Эй миршаб, ман фаҳмидам, ки ҳақ бо туст. Ин дунё зудгузар аст. Ман ҳам мехоҳам, ки умри боқимондаи худро хуш гузаронам. Аз рафтори худ пушаймонам. Фардо пас аз баромади офтоб дар хона интизорат ҳастам.

Зан ин суханҳоро гуфту ба миршаб наздиктар шуда, ӯро аз бӯи муаттараш маст кард. Баданаш андаке ба миршаб расида буд, ки вай девона шуд. Зан зуд аз хонаи миршаб баромада рафт. Рафту ҳамроҳи каниз худро ба назди ҳокими шаҳр расонд. Ба дафтари ҳоким даромада буд, ки ӯ занро бо либоси зебо ва табассуми ширин дида, беқарор гашт. Пас аз салому алейк зан рӯяшро кушода буд, ки ҳоким аз ин ҳусни беҳамто ақлашро аз даст дод. Ҳамин дам зан гуфт:

– Одамизод бояд ҳар лаҳзаро ғанимат донад. Ман ҳам рӯзе пиру фартут хоҳам шуд. Эй ҳоким, ман он рӯз андаке густохӣ кардам. Ман ҳам бояд зиндагӣ кунам. Дар воқеъ, ту марди шарифӣ. Омадам, ки бо ту вақт гузораму чанд муддат дар

айш бошам. Фардо нисфирӯзӣ мунтазир ҳастам.

Зан ҳам бо малоҳату ҳам бо суханҳои пурлатофат ҳокимро сад баробар мафтуни ишқаш кард. Дид, ки ҳоким аз ақл бегона мешавад, ба ӯ наздиктар рафт. Даст ба сари китфаш расонду бо табассуми бисёр латиф танашаро андаке ба ӯ наздик бурд. Бо ин рафтор ҳокими ошиқро шайдо кард. Зан ҳокимро низ ба хонааш даъват кард.

Аз ин ҷо баромада, ҳамроҳи каниз ба дафтари қозӣ омад. Қозӣ занро бо ин либоси фохира дида, ҳуш аз сараш парид. Зан ҳам бо хандаи намакин парда аз рӯи худ бардошт. Қозӣ дид, ки зан табассум мекунад. Аз дидани ҳусни ӯ дилаш ларзиду вуҷудаш таккон хӯрд. Баъди ороиш зан боз ҳам назарработару дилкаштар шуда буд. Қозӣ аз дидани ҷамоли ин моҳпайкар натавонист худро нигаҳ дорад. Дафъатан гуфт:

– Имрӯз боз ҳам зебову дилработар шудаӣ.

Зан дар ҷавоб гуфт:

– Эй қозӣ, ман ҳам дар ин чанд рӯз фикр карда, ба натиҷа расидам, ки умр барбод надиҳам. Дар зиндагӣ азоби зиёд кашидам. Акнун каме роҳат ҳам бинам. Пушаймон ҳастам, ки он рӯз гуфти туро қабул накардам. Омадам, ки бипурсам. Ту қозӣ, одами номдор ҳастӣ. Мехоҳам боқимондаи умрамро бо ту гузаронам. Инак, марҳамат карда, фардо шом ба хонаи ман ташриф ор.

Зани заргар даъват карду наздиктараш рафт. Чашмонашро хуморӣ кард. Даст ба риши қозӣ

бурд. Қозӣ ҳам аз ин рафтор бехуд гашт. Хост, занро ба бағал кашад, вале зан ишорат кард, ки фардо.

Қисса кӯтоҳ, имшаб муллову миршабу ҳокиму қозиро хоб набурд. Онҳо тамоми шаб дар ҷойгаҳи хоби худ ба ҳар тараф паҳлу мегаштанд, ки кай рӯз мешавад. Он нозанини моҳлиқои дилрабову дилфиреб аз пеши чашмашон дур намерафт.

Зан ба каниз баъзе чизҳоро ёд дод. Аз ҷумла гуфт, ки ҳамеша дар пушти дар бош, агар сурфа кунам зуд биёву дарро тақ-тақ кун ва гӯй, ки фалонӣ омад.

Ҳанӯз субҳ надамида, мулло ба худ хушбӯиҳо зад. Ба як ҳамён сад танга гирифта, ба хонаи заргар расиду дарро тақ-тақ зад. Зан муллоро бо муҳаббат пешвоз гирифт. Ба канор кашид. Мулло ҳам сад тангаро ба пеши пои ӯ нисор намуд. Каниз сад тангаро гирифта муллоро ба хонаи махсус, ки омода карда буд, бурду ба пешаш нозу неъмат гузошт. Баъд зан як сурфаи сохта кард. Ҳамин дам каниз сурфаро шунида дарро тақ-тақ зад. Зан дарро кушоду гуфт:

– Чӣ гап?

Каниз гуфт:

– Бародарат омада.

Зан гуфт:

– Муллои азиз, каме мунтазир бош. Ман солҳост, ки бародарамро надидаам. Як-ду соат бо ӯ гап занаму гуселаш мекунаму зуд бармегар-

дам. Ана, баъд ман то саҳар дар ихтиёри туям.

Зан аз хона баромад. Каниз дарро маҳкам баст.

Зан ба берун баромаду супориш дод, ки ба хонаи дигар сандуқи сехонадорро биоваранд. Ҳамин дам дарвозаро касе тақ-тақ зад. Каниз дарро кушод. Ин шахс мувофиқи ваъда миршаб буд. Зан ӯро бо муҳаббат пешвоз гирифт. Ба хона даровард. Зару зеваре, ки миршаб оварда буд, ба зан дод. Каниз зару зеварро гирифту рафт. Зан миршабро ба канор кашиду ба хонаи сандуқдор даровард. Нозу неъмат овард. Зан ба миршаб гуфт:

– Тамоми либосатро кашида, бароҳат бош, имшаб айшу ишрат аз мост.

Миршаб аз хушоҳлӣ зуд амал кард. Саллаву ҷомаву мӯзаву ҳама чизро кашид. Каниз онҳоро ба берун бурд. Зан як сурфае карду ба миршаб гуфт:

– Марҳамат, ба бистари хоб.

Ҳамин дам занҷири дари хона тақ-тақ шуд. Зан пурсид:

– Ин кист, ки дарро мезанад?

Каниз ҷавоб дод:

– Ҳокими шаҳр

Миршаб тарсиду пурсид:

– Ҳокими шаҳр ин ҷо чӣ кор мекунад?

Зани заргар ҷавоб гуфт:

– Вай дӯсти ҳамсарам аст. Ба пурсиши аҳволи ӯ омадаст.

Миршаб гуфт:

– Ман чӣ кор кунам?

Зан гуфт:

– Зуд ба ин сандуқ даромада, як дам мунтазир шав. Ҳамин ки вай рафт, мебароӣ.

Миршаб тани бараҳна ба сандуқ даромад. Каниз аз болои ӯ дарро баста, қулф зад. Зан ҳокимро пешвоз гирифту ба хона даровард. Ӯро навозиш кард. Аз навозиши зан ҳоким саршори ишқ гардиду чанд ҳадяи тиллову тангаи овардаашро пешкаш намуд. Каниз ҳадяро гирифта бурд. Зан гуфт:

– Марҳамат, либосҳои худро кашида ба тахти хоб баро.

Зан чанд нозу карашма карду дили ҳокимро ба ваҷд овард. Ҳоким аз хушҳолӣ бараҳна шуду ба зери кӯрпаи тахти хоб даромад. Каниз либосҳои ӯро ба берун бурд. Зан ба бистари ҳоким наздик шуду як сурфаи бардурӯғ карда буд, ки дари хона сахт тақ-тақ шуд. Зан ба назди дар омада пурсид:

– Ҳа, чӣ гап?

Каниз бо садои баланд гуфт:

– Ҳазрати қозӣ омаданд?

Ҳоким аз тарсу ҳарос бо шаст аз ҷой мехезаду мупурсад:

– Қозӣ ба ин ҷо чӣ кор мекунад?

Зан мегӯяд:

– Вай дӯсти наздики шавҳарам аст, барои диданаш омадаст. Мабахшед, ман бояд ба пешвозаш равам. Вай ки рафт, меоям.

Ҳоким гуфт:

– Ман чӣ кор кунам?

Зан гуфт:

– Рав, ба даруни он сандуқ пинҳон шав.

Ҳокими бараҳана давида рафту ба даруни сандуқ даромад. Каниз дари сандуқро пӯшида қуфл кард. Ҳамин дам ба хона қозӣ даромад. Дар тан ҷомаву дастори беҳтарин, дар миён камарбанди заррин, дар пой кавшҳои хушдӯхти чармин. Зан бо табассум даст ба гардани ӯ бурду ӯро ба самти бистар кашид. Қозӣ аз ин рафтори ӯ ақлу ҳуши худро аз даст дод. Як ҳамён тиллоро, ки оварда буд, ба пеши пои зан партофт. Каниз бо ишорати зан ҳамёнро бурд. Қозӣ дид, ки бистари хоб омода аст, эҳсосоташ баландтар гашту ба кашидани ҷома шурӯъ кард. Зан гуфт:

– Марҳамат, ба нозу неъмат. Либосро кашеду ба тахти хоб бифармоед.

Қозӣ чанд луқма аз нозу неъмат гирифту шарбате нӯшиду бо ҳамон эҳсоси баланд либосро кашида, тани бараҳна ба бистар даромад. Каниз либосро ба хонаи дигар гирифта рафт. Зан ҳам як қулт шарбат нӯшида, гӯё ба гулӯяш монда бошад, сахт сурфид ва рақскунон ба сӯи қозӣ омад, ки дар тақ-тақ шуд. Зан бо овози баланд пурсид:

– Эй каниз, чӣ гап?

Каниз гуфт:

– Падарат аз роҳи дур омадаст.

Зан ба қозӣ мегӯяд:

– Мебахшед, ман солҳост, ки падарамро надидам. Чанд лаҳза бо вай мебошаму зуд меоям.

Қозӣ гуфт:

– Ман чӣ кор кунам?

Зан гуфт:

– Дароед ба ин сандуқ.

Қозӣ ба сандуқ даромад. Каниз дари сандуқро басту қулф кард.

Ниҳоят зан бар он хонае омад, ки мулло интизораш буд. Барояш гуфт:

– Маро бубахш, бародарамро солҳо надида будам. Вай соате бароям дарди дил кард. Вай рафт. Ҳоло ба назди ту омадам, ки айш кунем. Рафтем ба хонаи дигар, ки дар он ҷо нозу неъмату тахти хоб омода аст.

Шаб шуда буд. Зан муллоро аз дасташ гирифту ба хонаи сандуқдор овард. Барояш шарбате пешкаш намуд. Мулло, ки хеле интизор буду шаҳваташ сахт бедор шуда буд, даст ба гардани зани заргар андохт. Ин ҳолатро дида зан муллоро ба назидики сандуқ, ки дар он ҷо се шоҳид буд, бурду гуфт:

– Эй мулло, ту марди меҳрубонӣ, суханҳои дилнишин дорӣ, ман як бор не, сад бор розӣ ҳастам, ки бо ту дар айш бошам, вале аввал ҳазор тангаи тиллои заргарро баргардон, баъд машғули айш мешавем. Мана, бинед, ин бистари хоб барои шумо омода кардам. Саллаву ҷомаву ҳама чиз аз тан кашед. Имшабу шабҳои дигар бо ҳам ҳастем.

Мулло ҳама чиз, ки дар танаш буд кашид. Зан либоси муллоро ба каниз дод. Каниз гирифту ба ҷое маҳкам кард. Зану мулло ба нӯшидану хӯрдан

шурӯъ карданд. Тоқати мулло тоқ шуд. Хост, ки занро ба бистар барад. Зан боз гуфт:

– Не, аввал ҳазор танга тиллои амонати шавҳарамро бидеҳ, баъд ман аз ту мешавам.

Мулло сахт бетоқат буд. Мехост занро ба оғӯш гирад, вале ӯ розӣ набуд. Баъд мулло бо гапҳои ширин ба зани заргар гуфт:

– Эй париваши моҳҷабини нозанин, ман бароят борҳо гуфтам, ки ҳазор танга тиллои шавҳари ту дар дасти ман аст. Ӯ ба ман барои амонат дода буд. Онро ба ту бармегардонам, ҳамчунин боз даҳ баробари он сарвати худро ба пои ту нисор хоҳам кард. Ҷонам, зудтар биё дар канорам.

Ин гапро шунида зан гуфт:

– Эй мулло, ман як зан ҳастам. Шояд ту ҳозир барои додани ҳазор танга тиллои шавҳарам розӣ ҳастию баъди ситонидани коми худ туро шайтон аз роҳ мезанаду рад мекунӣ.

Мулло ба сари зону ба пеши зан хам мешаваду мегӯяд:

– Не, не, ҳаргиз! Ман, дар ҳақиқат, ҳазор танга тиллои шавҳари туро ба амонат гирифта будам, онро ҳатман бармегардонам ва худам ҳам тамоми умр ғуломат мешавам.

Зан ин гапро шунида гуфт:

– Майлаш, ман розӣ, лекин дар ёд гир, ки ман ғайр аз ҳамин сандуқ шоҳиди дигаре надорам.

Ҳамаи ин гапҳоро он се тани бараҳна – миршаб, ҳоким, қозӣ, ки дар даруни сандуқ буданд, мешуниданд. Дар дил мегуфтанд, ки ана зани зираку

доно, чи тавр додани амонатро ба гардани мулло бор кард. Баъд зан ба муллои бараҳна гуфт:

– Як дам ба бистари нарму гарм хоб кун, ман ба дастшӯӣ мераваму бармегардам.

Мулло бо хаёлҳои ширини айш ба даруни кӯрпа даромаду дароз кашид. Зани заргар ба берун рафту дари хонаро баст. Рафту ҳамсояҳои худро ҷамъ карду гуфт:

– Ба хонаи ман дузде даромадаст. Ба ман ёрӣ диҳед. Шояд ҳама якҷо онро биқапем.

Мардуми зиёд дар паси дарвоза ҷамъ шуданд. Зан бо найранги хос оҳиста ба хона даромаду ба мулло гуфт:

– Ин ҷо ба мо халал мерсонанд. Биё, ба хонаи аввал равем.

Каниз либоси муллоро овард. То либос пӯшидани мулло зан кӯрпаву кӯрпачаву рӯҷою болиштро ба як туган баст. Баъд ба мулло гуфт:

– Инро ба пушт бардор, то ба хонаи дигар равем. Мулло тугун дар пушт аз хона баромад. Ҳамин дам ҳамсояҳо зану мард ба сӯи мулло давиданду гуфтанд: «Дузд! Дуздро қап!» Мардум муллоро дастгир карда, зери мушту лағат гирифтанд. Ришашро тор-тор канданд. Сару рӯяшро харошиданд. Мулло аз ҳуш рафту боз ба ҳуш омад. Қисса кӯтоҳ, миршабҳо муллоро зада-зада ба зиндон бурданд. Баъзеҳо ӯро мешинохтанду мехостад, ки халосаш кунанд. Зани заргару канизаш доду фиғон мекашиданд, ки «ин мард ҳазор

тангаи тиллои моро duздид». Зан зуд бо доду фиғон ба назди подшоҳ омаду гуфт:

– Подшоҳи олам, дузде ба хонаи мо даромада ҳазор тангаи тиллои моро бурд.

Подшоҳ гуфт:

– Эй зан, зуд ба назди қозӣ рав.

Зан ҷавоб дод:

– Оламп анохҳ, рафтам қозӣ дар ҷояш набуд.

Подшоҳ гуфт:

– Пас, рав ба назди ҳоким.

Зан мегӯяд:

– Ҳазрати олӣ, рафтам, ҳоким ҳам набуд.

Подшоҳ боз мегӯяд:

– Хайр, ба назди миршаб рав.

Зан ҳам мегӯяд:

– Афсӯс, ки миршаб ҳам нест.

Ночор подшоҳ гуфт:

– Руздро ба назди ман биёред.

Муллои ришкандаю сару рӯ харошидаро ба назди подшоҳ оварданд. Ӯ одами машҳуре буд. Подшоҳ диду шинохту ҳайрон монду пурсид:

– Чӣ шуд, ки шумо аз хонаи ин зан ҳазор танга дуздидед.

Мулло қонундон буд. Гуфт:

– Олиҷаноб, ин туҳмат аст. Ман дуздӣ накардаам.

Подшоҳ ба зан гуфт:

– Шоҳид дорӣ.

Зан ҳам бо ҷасорат гуфт:

– Бале шоҳам, шоҳиди боэътимод дорам.

Зан нисбат ба мулло хеле зираку доно буд. Ба подшоҳ гуфт:

– Шоҳам, ман ароба надорам. Агар ба ман аробае диҳед, шоҳидони худро ба ароба бор карда орам.

Подшоҳ фармон дод, ки барояш аробае диҳанд. Зан аробаро гирифта, бо ёрии мардум ҳамон сандуқи седараро бор карда омад. Подшоҳ сандуқро дида, ҳайрон шуду пурсид:

– Ман нафаҳмидам, шоҳидони ту кистанд?

Зан гуфт:

– Ҳамин сандуқ.

Одамони даруни сандуқ миршаб, ҳоким, қозӣ аз расво шудани худ дар тарс буданд. Худ ба худ мегуфтанд, ки шармандаи олам шудем. Баъд подшоҳ аз зан пурсид:

– Ту ба мулло чӣ даъво дорӣ?

Зан гуфт:

– Ҳазор тангаи тилло.

Мулло аз ин шармандагӣ намедонист чи кор кунад. Ба таври худ гумон мекард, ки ғалаба мекунад, вале аз шоҳидони даруни сандуқ бехабар буд. Мулло гуфт:

– Ин туҳмат аст, ман як танга ҳам аз ин зан қарздор нестам.

Подшоҳ бори дигар аз зан пурсид:

– Шоҳидат канӣ?

Одамони даруни сандуқ шунида буданд, ки мулло тангаҳои тиллои заргарро ба амонат гирифта буд. Зан ба тарафи сандуқ нигоҳ карда гуфт:

– Сандуқ, ба ту мегӯям, дар назди Худо росташ-ро гӯй.

Аз сандуқ ҳеҷ садо намебарояд. Аз ин рафтори зан ҳама дар ҳайрат мемонанд ва мегӯянд, ки ин зан девона шудаст.

Зан ба пеши подшоҳ таъзим карду гуфт:

– Оличаноб, ҳамин сандуқ шоҳиди ҳақгӯи ман аст. Агар аз вай садое набарояд ҳезум оварда сандуқро бояд оташ зад. Он гоҳ ман аз баҳри ин тангаҳои тилло мебароям.

Подшоҳ аз ин гуфтори зан дар тааҷҷуб монда, худ ба худ гуфт: «дар ин ҷо сире ҳаст, онро бояд донист». Подшоҳ амр мекунад:

– Зуд ҳезум оредy сандуқро оташ занед.

Сандуқро аз болои ароба ба поён фуроварда аз тагаш ҳезум гузошта, оташ заданд. Гармии оташ ба сандуқ мерасаду аз даруни он ғалоғула меба-рояду шунида мешавад:

– Ин зан рост мегӯяд ҳазор тангаи ӯро ин мул-ло дуздид.

Ҳама аз шунидани ин садо ҳайрон шуданд. Оташро хомӯш карданд. Бо фармони подшоҳ сандуқро кушоданд. Аз даруни сандуқ миршаб, ҳоким ва қозӣ як даст ба пешу як даст ба қафо баромаданд. Дар байни мардум шармандаву шармсор шуданд. Баъд подшоҳ занро ба наздаш даъват карда, асли воқеаро пурсон шуд. Зан ҳамаи воқеаро як ба як ба подшоҳ гуфт. Подшоҳ ҳазор тангаи тиллои заргарро аз мулло гирифта доду ӯро ба таври абад зиндон кард. Миршабро

сад чӯб заданд, ба рӯи ҳоким сиёҳӣ молиданд, риши қозиро тарошиданд, баъд ҳар серо ба харе савор карда ба назди бозори калони шаҳр гардонданд. Мардум гуноҳи онҳоро фаҳмида лаънат хонданд. Онҳо хору зор шуданду зани покдоману вафодори заргар ба назди шавҳараш омада, воқеаро нақл кард. Суханҳои занашро шунида, аз хушҳолӣ чашми заргар равшан шуд. Пас аз нуҳ моҳу нуҳ рӯз Худо ба онҳо як писар дод. Ана ҳамин тавр онҳо ба муроду мақсдашон расиданд. Худоё, шумо ҳам бирасед.

## ФЕҲРИСТ


Афсона хонед........................................................ 3
Гурбаи думбурида .................................................. 8
Муши зирак ........................................................ 13
Ҳафт бузича......................................................... 21
Мӯрча, сангпушт ва рӯбоҳ ................................... 32
Деҳқон, рӯбоҳ ва хирс .......................................... 38
Ҳезумкаш ва мор .................................................. 41
Муш ва қурбоққа ................................................ 46
Тақсимоти хирс ва шағол .................................... 50
Ҷазои фили мағрур................................................ 53
Оҳуи чамбаршох ва паланг................................... 57
Ду бузичаи шӯх .................................................... 60
Оинаи ҷаҳоннамо ................................................. 62
Моҳигир, моҳии тилло ва подшоҳ ...................... 85
Дар ишқи Меҳрмоҳ .............................................. 99
Гулиқаҳқаҳ ........................................................118
Сағирадухтар.......................................................129
Тақдирро тадбир карда намешавад ....................146
Ҳунар – зар, беҳунар – дарди сар .......................157
Деҳқони зирак .....................................................165
Марда мард мекардагӣ зан .................................171
Оҳанро муш хӯрд.................................................186
Зирак ва Мирак ...................................................189

Лаъли хандон........................................................ 194
Боғбон ва хирс...................................................... 198
Барои Наврӯз........................................................ 200
Се лақаб ............................................................ 205
Золизард.............................................................. 208
Барзуи деҳқон ва Рустами Достон.................... 216
Зани заргар ......................................................... 247

# ОИНАИ ҶАҲОННАМО

*(Афсонаҳои халқи тоҷик)*

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 02.05.2016 супорида шуд.
Ба чоп 12.06.2016 имзо шуд.
Андозаи 60x84 $^{1}/_{16}$.
Ҷузъи нашрӣ-ҳисобӣ: 17.0
Адади нашр: 2000

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар КВД КТН «Шарқи Озод» чоп шудааст.